**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

ТДУ : 94 (575.3)
ТКБ: 63.3 (5)
Ш-25

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ЗАРИФЗОДА ҒАЙРАТ ЗАРИФ**

# ВАЗЪИ НИЗОМӢ ВА СИЁСИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР СОЛҲОИ 1826-1860

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих
аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 –Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои таърих,
профессор Турсунзода Н.

**Хуҷанд – 2025**

## МУНДАРИҶА

**ИХТИСОРАҲО........................................................................................................ 3**

**МУҚАДДИМА........................................................................................................ 4**

**БОБИ 1. ТАВСИФИ ҲАВОДИСИ ТАЪРИХИИ СОЛҲОИ 1826-1860 ДАР МАНБАЪҲОИ ХАТТӢ ВА АСАРҲОИ ШАРҚШИНОСОНИ ТОИНҚИЛОБИИ РУС..................................................................................... 24**

1.1. Сарчашмаҳои хаттӣ роҷеъ ба таърихи аморати Бухоро дар сеяки дуюми асри XIX.................................................................................................................... 24

1.2. Таърихи аморати Бухоро дар осори шарқшиносони тоинқилобии рус............................................................................................................................ 39

**БОБИ 2. ВАЗЪИ ДОХИЛИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ДАВРАИ БУҲРОНИ ШАДИДИ МИЁНАИ АСРИ XIX.................................................. 57**

2.1. Ҳаёти сиёсии аморати Бухоро.................................................................... 57

2.2. Низоми лашкардорӣ ва ислоҳоти ҳарбии амир Насрулло............................ 83

**БОБИ 3. ТАМОИЛҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ АМОРАТИ БУХОРО............................................................................................................. 96**

3.1. Робитаҳои аморати Бухоро бо Русияи подшоҳӣ ва хонигариҳои Осиёи Миёна.................................................................................................................... 96

3.2. Низоъҳои мусаллаҳонаи байни хонигариҳои Осиёи Миёна...................... 125

**ХУЛОСА............................................................................................................. 152**

**РӮЙХАТИ МАЪХАЗҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА................ 162**

## ИХТИСОРАҲО

АН РУз. – Академия наук Республики Узбекистан

АН Тадж. ССР. –Академия наук Таджикской ССР

ИВ АН СССР – Институт востоковедения Академии наук СССР

ИВЛ –Издательство Восточной литературы

М. - Москва

М., Л., - Москва, Ленинград

ОНУ - Общественные науки в Узбекистане

Отв. ред. – Ответственный редактор

Пг.- Петроград

САГУ- Среднеазиатский государственный университет

сб. науч. ст. –Сборник научных статей

СПб. –Санкт-Петербург

СССР – Союз Советских Социалистических Республик

ҳ.ш. –ҳиҷрии шамсӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар намаи аввали асри XIX дар ҳаёти сиёсӣ-ҳарбии мардуми Осиёи Миёна ва кишварҳои ҳамҷавор аморати Бухоро накши муҳимро дошт. Аморати Бухоро дар аҳди амир Насрулло дар минтақаҳои зиёд, қариб дар нисф зиёди ҳудуди Осиёи Миёна ҳукумати хешро устувор намуда, сиёсати давлатдориро пеш мебурд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи аморати Бухоро дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ имконият фороҳам меорад, ки паҳлӯҳои торику норавшани давраи мазкурро ҳамаҷониба таҳқиқ намоем.

Дар давраҳои гуногуни таърихи ниёгонамон барои таъмини бехатарӣ ва манфиатҳои давлат, барои мустаҳкам намудани ҳокимияти марказӣ, кам кардани таъсири қувваҳои беруна ва таъмини бехатарии аҳолӣ ба кори ҳарбӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешуд. Амир Насруллоҳ ва сулолаи манғитӣ, ки вай ба он мансуб буд, бо ниёгони тоҷикон иртиботи мустақим надошта, балки баромади қабилавии манғитӣ доранд. Ин воқеият аз он дарак медиҳад, ки манғитҳо, ки як қабилаи узбек буданд, бо таърихи ва фарҳанги тоҷикон бо роҳи мустақим пайваст нестанд, вале дар таърихи Бухорои Шариф ва минтақаи Осиёи Миёна накш бозиданд.

Намояндагони соҳаи ҳарбӣ аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ аз ҷониби доираҳои ҳукмрон дастгирӣ меёфтанд. Вазъи сиёсӣ ва ҳарбии хонигариҳои Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX зарурият ба миён овард, ки барои беҳтар намудани мавқеи ҳарбӣ, дигаргун намудани таъмини қӯшунҳои ҳарбӣ бо яроқҳои замонавӣ, такмил додани усули ҷангии ҳарбиён тадбирҳо ва ислоҳоти гуногун амалӣ карда шаванд. Замони ҳукмронии худ дар аморати Бухоро амирони сулолаи Манғития, махсусан амир Насруллоҳ (1826-1860) ба соҳаи ҳарбӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, чанд ислоҳотро дар ин самт амалӣ гардониданд.

Аморати Бухоро дар байни хонигариҳои Осиёи Миёна мавқеи афзалиятноки ҳарбиву сиёсиро доро буд. Дар Бухорои аҳди ҳукмронии амир

Насруллоҳ ҳокимияти марказӣ устувор гардид, лашкари доимӣ таъсис ёфт, бо мамлакатҳои хориҷа робитаҳои дипломатӣ ба роҳ монда шуданд.

Байни хонигариҳо барои ҳудудҳои алоҳида задухӯрдҳои мусаллаҳона рух медоданд. Хусусан Бухорову Қӯқанд байни ҳамдигар пайваста дар мухолифати ҳарбӣ қарор доштанд. Ин задухӯрдҳо асосан барои соҳибӣ ба минтақаҳои бо неъмат, ба монанди Ӯротеппа, Хуҷанд, Тошканд, Қаротегин ва Дарвоз сурат мегирифтанд, ки барои такмили иқтисоди минтақа аҳамияти калон доштанд. Аморати Бухоро ва хонигарии Хева, дар мубориза барои Марв ва даштҳои туркман, мухолифат доштанд, то нуфузи худро дар минтақаи муҳими Осиёи Миёна устувор кунанд.

Халқи маҳаллӣ бо мусибатҳои иқтисодӣ рӯ ба рӯ шуд, ки ин боиси коҳиш ёфтани сатҳи зиндагии онҳо гашт. Афзоиши фақр ва нобаробарии иҷтимоӣ боиси рушди бозорҳои ғуломфурӯшӣ шуд, ки ин баръакс вазъияти мардуми фақирро бад сохт.

Омӯзиши ҳаёти сиёсии хонигариҳо, таҳқиқу баррасии масъалаҳои ҳарбӣ, умури лашкария, низоми идоракунии маъмурии марказиву маҳаллии хонигариҳо, муайян намудани мақоми мансабу вазифаҳои мухталифи идоракунии давлат дар илми таърих аҳаммияти муҳим дорад. Дар ҳамин асос муҳиммияти мавзуи интихобгаштаи рисолаи номзадӣ ба таври зерин арзёбӣ мегардад:

- дар қаламрави аморати Бухоро, инчунин дар мулкҳои алоҳидаи мустақил ва ниммустақили он дар нимаи аввали асри XIX воқеоту ҳодисоти мухталифи сиёсӣ ва ҳарбӣ рух доданд, ки онҳо қисми таркибии таърихи ин давлат ба шумор меравանд;
- тавсифи ҳодисаҳои ҳарбӣ-сиёсии аморати Бухоро дар нимаи аввали асри XIX, ки ба маълумоти маъхазҳои хаттии таърихӣ такя мекунад, барои омӯзиши таърихи ҳарбӣ ва сиёсии Осиёи Миёна ба таври умум кумак мекунад;
- ҳукмронии амир Насруллоҳ (1827-1860) бо ислоҳот ва рушди сохторҳои ҳарбӣ ва сиёсӣ алоқаманд буд. Вай кӯшиш кард, ки системаи низомии Бухороро мустаҳкам созад, ки ин ба давлат бештар устуворӣ ва

қобилияти дифоъ додан замина гузошт. Вале, шикастҳои сиёсӣ ва низомии амир Насруллоҳ, хусусан дар муқобили Русияи подшоҳӣ ва иқдомоти бенатиҷа, нишон дод, ки на ҳамаи ҳаракатҳои ӯ комил набуданд. Ин шикастҳо таъсири манфӣ ба тайёрии ҳарбӣ ва раванди сиёсии аморат расониданд;

- равандҳои сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро хосатан дар замони ҳукмронии амир Насрулло ба ҷараёни минбаъдаи рушди ин давлат таъсири мусбат расондааст;

- таҳлили ҳамаҷонибаи низоми ҳарбӣ, татбиқи ислоҳоту дигаргуниҳо дар ин соҳа имкон медиҳад, ки қудрати ҳарбии аморати Бухоро муайян карда шавад;

- муайян намудани таркиби қӯшунҳои ҳарбӣ, маҳорату усулҳои ҷангии онҳо ва ваколатҳои мансабдорони ҳарбӣ вазъи ҳарбии мамлакатро нишон медиҳад. Дар ин маврид Абдурауф Фитрат ва Аҳмади Дониш дар таҳлилҳои худ ба нотавонмандии амир Насруллоҳ дар таҳияи стратегияи низомӣ ва мустаҳкам кардани сохторҳои ҳарбӣ ишора мекунанд. Онҳо аз он изҳори амиқ намуданд, ки сифат ва камбудиҳои нерӯҳои ҳукуматҳо дар гузашта, бо нақши мансабдорони ҳарбӣ, ба таври манфӣ ба вазъи умумии низом таъсир намудааст;

- муайян намудани омилҳои сиёсӣ, ҳарбӣ ва иқтисодии ҷанги байни хонигариҳои Осиёи Миёна ва таъсири он ба тағйирёбии низоми ҳарбӣ дар аморати Бухоро барои омӯзиши мавзӯъ мусоидат мекунанд;

- робитаҳои дипломатии аморати Бухоро бо давлатҳои ҳамҷавор ба ҳаёти сиёсӣ ва ҳарбии давлат таъсири худро расонидааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Таҳлили маҷмуии адабиёти илмии таърихӣ нишон медиҳад, ки мавзуи таҳқиқшаванда то марҳилаи кунунӣ ба сифати омӯзиши илмӣ қарор нагирифтааст. Шавқу рағбати муҳаққиқон ба омӯзиши таърихи низомӣ ва сиёсии аморати Бухоро дар аҳди амир Насруллоҳ, робитаҳои байналхалқии хонигариҳои Осиёи Миёна (Бухоро, Қӯқанд ва Хева) ҳанӯз пеш аз забти кишвар аз ҷониби Русияи подшоҳӣ шуруъ шуда буд. Муаллифони маҳаллӣ ва хориҷӣ раванди омӯзиши таърихи минтақаро бо

назардошти мероси бойи таърихӣ, роҳандозӣ гаштани робитаҳо байни мамлакатҳои Шарқу Ғарб баҳогузорӣ намудаанд. Хусусан дар асри XIX таваҷҷуҳ ба омӯзиши таърихи минтақа дар асоси ба вуҷуд омадани рақобати ҳарбӣ-сиёсӣ ва дипломатии Англияву Русия, авҷ гирифтани зиддиятҳо байни хонигариҳо, фароҳам омадани шароит барои амалӣ намудани мақсадҳои империалистӣ ва стратегии Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Марказӣ боло меравад.

Дар даврони Шуравӣ бошад, таърихи сиёсиву ҳарбии хонигариҳои Осиёи Миёна дар солҳои 20-50-уми асри XIX, аз ҷумла аморати Бухоро дар асоси методологияи марксистии омӯзиши воқеаҳои таърихӣ ва назарияи болшевизм, ки асоси онро мубориизаи синфӣ ташкил медод, мавриди таҳқиқ карор дода шуд. Ин методология барои воқеъбинона таҳқиқ намудани раванди таърихӣ дар минтақаи Осиёи Миёна монеъа эҷод мекард.

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва таъсиси давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои ҳамсоя масъалаҳои ташаккули андешаи миллӣ ба мадди аввал баромад ва барои васеъ гаштани доираи таҳқиқотҳои таърихӣ имкониятҳои мусоид фароҳам омаданд.

Аз ҷониби диссертант адабиёти истифодашуда дар асоси тамоюлҳои муаммовӣ-марҳилавӣ ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ карда шудааст:

1. Осори давраи тоинқилобӣ (то октябри соли 1917);

2. Таҳқиқотҳое, ки дар замони Шуравӣ анҷом дода шудаанд;

3. Асарҳои таърихии даврони пасошуравӣ;

4. Асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ.

**Ба гурӯҳи якуми асарҳо** таҳқиқотҳои олимон, сайёҳон, ҳарбиён, амалдорони Русияи подшоҳӣ ва ғайра шомиланд, ки онҳо дар асри XIX ва ибтидои асри XX эҷод шудаанд.

Ҷанбаҳои алоҳидаи муаммоҳои таърихи ҳарбӣ-сиёсии хонигариҳои Осиёи Миёна дар таърихнигории тоинқилобии рус ва ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна инъикос шудаанд. Нахустин тадқиқотҳо дар давраи тоинқилобӣ ба тасвиб расидаанд. Чунончи, таърихи хонигарии Қӯқанд дар асарҳои В.В. Веляминов-

Зернов, Н.И. Веселовский, Н.Ф. Петровский, А. Макшеев, Н.Г. Маллитский, В Наливкин, Н. Петровский, А.Л. Кун баррасӣ шудаанд[1].

Муаллифони тоинқилобии рус таърихи сиёсии аморати Бухороро якҷоя бо гирдоварии маълумотҳои этнографӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Асарҳои А. Галкин, Н. Каразин, А. Шеманский, В.В. Радлов, А.Л. Кун, Г. Арандаренко, Н.А. Маев, П. Гаевский, Б. Литвинов баҳри омӯзиши сиёсати дохилии аморати Бухоро хидмат мекунанд[2].

Дар якчанд асарҳо ба робитаҳои тиҷоратии аморати Бухоро эътибор дода шудаанд. Муаллифони онҳо ҳамчунин истифодаи ниҳодҳои давлатиро дар роҳандозии тиҷорат, мустаҳкам намудани вазъи молиявии давлати Русия дар бозорҳои Осиёи Миёна нишон додаанд. Дар ин маврид масъалаҳои равобити Русияи подшоҳӣ бо хонигариҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро дар давраи тоинқилобӣ аз тарафи П.И. Неболсин, Я.В. Хаников, С.В. Жуковский, Н. Залесов, М.В. Грулёв мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.[3]

---

[1] Вельяминов-Зернов В.В. Исторические сведение о Кокандском ханстве от Мухаммед-Али до Худояр хана // Тр. Вост. отд. Русск. археол. общ. Ч. 2. 1856. С. 329–370; Кун А.Л. Некоторые сведения о Кокандском ханстве // Военный сборник. 1876. № 4. С. 417–448; Веселовский Н.И. Очерк историко-географических сведений о Хивинском ханстве с древнейших времен до настоящего. –Спб., 1877.-364 с.; Ҳамон муаллиф. Киргизский рассказ о русских завоеваниях в Туркестанском крае. Текст, перевод и приложения. СПб., 1894; Петровский Н.Ф. Очерки Коканского ханства // Вестник Европы. 1875. Кн. 10.; Макшеев А. Показания сибирский казаков Милюшина и Батырышкина, бывших в плену у кокандцев с 1849 по 1852 год // Вестник Русского географического общества, 1856; Малицкий Н.Г. К истории Ташкента под Кокандским владычеством // Протоколы заседаний Туркестанского кружка любителей археологии, 1900. – №12 – С. 126-137; Наливкин В. Краткая история Кокандского ханства. – Казань: Б.И., 1886, IV. – С.215; Петровский Н. Очерки Кокандского ханства // Вестник Европы, 1875. Кн. 10. – С.722-757.

[2] Галкин М.Н. Этнографические и исторические материалы по Средней Азии и Оренбургскому краю. -СПб.: Издание Я.А. Исакова, 1868. -336 с.; 15 л. илл.; Каразин Н. Оружие и доспехи наших противников в Средней Азии//Нива. - 1874.- №15.- С. 233-235; Ҳамон муаллиф. Подземные тюрьмы в Бухарском ханстве// Всемирная иллюстрация. – 1872.- № 167; Шеманский А. Бухарская армия // Разведчик. - 1898.- № 397; Радлов В.В. Очерки Зерафшанской долины// ЗИРГО по отделению этнографии. Т. 6. -СПб., 1880; Кун А.Л. Очерки Шахрисабзского бекства // ЗИРГО по отделению этнографии. Т.6. –СПб., 1880. –С.73-262; Арандаренко Г. Бухарские войска в 1880 г. // Туркестанский сборник. - Т.297.- С. 129; Ҳамон муаллиф. Заметка об ирригации в нагорных туменах Зерафшанского тумена//Туркестанские ведомости. - 1876. - № 51; Ҳамон муаллиф. Досуги в Туркестане. 1874-1889.- СПб., 1889. –666 с.; Ҳамон муаллиф. Заметки об ирригации в нагорных туменах Зерафшанского тумена//Туркестанские ведомости. -1876. - №51; Лилиенталь. Гиссарское и Кабадианское бекство//Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. -СПб., 1894.- Вып. 57. СПб., 1902 – 1905; Липский В.И. Горная Бухара. -СПб., 1902 – 1905.- Т. 1 – 3; Маев Н. А. Очерки Бухарского ханства// Материалы для статистики Туркестанского края— СПб., 1879.- Вып. 5. - С. 77—332; Он же. Очерки горных бекств Бухарского ханства// Материалы для статистики Туркестанского края. (МСТК) Ежегодник. – СПб., 1879. – Вып. 5. –С. 212-249; Ҳамон муаллиф. Географический очерк Гиссарского края и Кулябского бекства// Известия Императорского Русского географического о-ва. Т. 12.- Вып. 4.- Отд. 2. Географические известия. - СПб., 1877.— С. 349—363; Гаевский П. Курган-Тюбинское бекство// ИРГО. -Пг., 1919 – 1923.- Т. 55.- Вып.2; Литвинов Б. Карши. // Туркестанские ведомости-1910. -№ 114-116.

[3] Неболсин Г. П. Статистические записки о внешней торговле России: в 2 ч. -СПб., 1835. Ч. 1: -223 с.; Ч. 2: -283 с.; Ҳамон муаллиф. Статистическое обозрение внешней торговли России: в 2 ч. -СПб., 1850. Ч. 1: -409 с.; Ч. 2: -495 с.; Ҳамон муаллиф. Очерки торговли России с Средней Азией // Зап. ИРГО. -1855. -Кн. 10. -344 с.; Ханыков

**Ба гурӯҳи дуюм** таҳқиқотҳои муаррихон ва шарқшиносони даврони шуравӣ шомиланд. Муҳаққиқони шуравӣ давраҳои мухталифи таърихи Осиёи Миёна, аз ҷумла нимаи аввали асри XIX-ро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Дар асарҳои онҳо ба масъалаҳои муҳими таърихи аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд диққати махсус дода шудааст. Дар ин маврид ба онҳо маълумоти дастхатҳо ва маъхазҳо кумак намудаанд. Мавқеи хеле муҳимро дар ин ҷода академик В.В. Бартолд[1], Б.Ғ. Ғафуров[2], А.А. Семенов[3], А. Мухторов[4], В.А. Ромодин[5], А. Ӯринбоев[6], В.М. Плоских[7], Б.В. Лунин[8], Ч.А. Стори[9], М.Кутлугов[10], Э.Хуршут[11], Т.И. Султонов[1], Т.К. Бейсембиев[2] ишғол кардаанд.

---

Я. В. Пояснительная записка к карте Аральского моря и Хивинского ханства с их окрестностями // Из Зап. ИРГО. -1850. Кн. 5.- СПб., 1851. -91 с.; Жуковский С.В. Сношения России с Бухарой и Хивой за последнее трехсотлетие// Труды общества русских ориенталистов. – Пг., 1915. -№2 – 215 с.; Залесов Н. Очерк дипломатических сношений России с Бухарою, с 1836 по 1843 год // Военный сборник. - 1873. – № 27. – С. 3-46; Ҳамон муаллиф. Посольство в Хиву и Бухару полковника Игнатьева в 1858 г. // Русский вестник. - 1871. - № 2. - С. 421-474; Ҳамон муаллиф. Очерк дипломатических сношений России с Бухарой с 1836 по 1843 гг.// Военный сборник. – 1862. - №3. (Туркестанский сборник. - Т.382.- Ташкент, библ. им. Навои); Грулёв М.В. Соперничество России и Англии в Средней Азии. - СПб., Изд. Березовского, 1909. -380 с.

[1] Бартольд В. В Авлия-ата, Ак-мечеть, Каратегин, Кашгар, Кеш, Коканд, Курама, Маргилан, Ташкент, Туркистан, Фергана // Соч.– Т. III.– М., 1965; История культурной жизни Туркистана//Соч.– Т.II.– Ч.1.– М., 1963; Ҳамон муаллиф. История Туркестана / Соч.Т. II. Ч. I. М.,1963. -С.109-169.

[2] Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. –Сталинобод, 1947; Ҳамон муаллиф. История таджикского народа в кратком изложении. М.,: Госполитиздат, 1955; Ҳамон муаллиф. Таджики, Древнейшая, древняя и средневековая история. –М., 1972.-664 с.

[3] Семенов А.А. Указатели персидской литературы по истории узбеков в Средней Азии//Труды библиографической комиссии, бывшей при СНК ЦСР.– Ташкент, 1926.– Вып.3. – С.31.

[4] Мухтаров А.А. Дилшод и ее место в истории общественной мысли таджикского народа в XIX- начале XX вв.– Душанбе: Ирфон, 1969.– 372 с; Ҳамон муаллиф. О некоторых неизвестных источниках по истории Средней Азии XIX в.//Известия АН ТаджССР. Отделения общественных наук, 1956. Вып.8.– С. 97-101; Ҳамон муаллиф. Очерки из истории Ура-Тюбинского владения во второй половине XIX в.: Афтореф. дис. канд. ист. наук.– Сталинабад, 1955.– 18 с; Ҳамон муаллиф. Очерк истории Ура-Тюбинского владения в XIX в.– Душанбе: Изд-во АН Тадж. ССР, 1964.– 186 с; Ҳамон муаллиф. Из истории народных движений в Средней Азии.– Душанбе: Ирфон, 1988.– 56 с.

[5] Ромодин В.А. Новый источник по истории Кокандского ханства//Проблемы востоковедения.– 1959.– № 3.– С. 10-17; Его же. Вклад ленинградских востоковедов в изучение истории Средней Азии//Уч. Записки ИВ. – М., 1960. Т.XXV.– С. 372; Ҳамон муаллиф. Некоторые источники по истории Ферганы и Кокандского ханства XVI-XIX вв. в рукописных собраниях Ленинграда.– М.: Наука, 1960.– 15 с; Ҳамон муаллиф. Предисловие. Назаров Филипп. Заметки о некоторых народах и землях Средней части Азии.– М.: Наука, 1968.– 75 с.

[6] Ўринбоев А. Неизвестная рукопись по истории Кокандского ханства//Известия АН УзССР. 1957. № 3. – С. 33-38.

[7] Плоских В. М. Киргизы и Кокандское ханство.– Фрунзе: Илм, 1977.– 368 с.

[8] Лунин Б.В. Средняя Азия в дореволюционном и советском востоковедении. – Ташкент: Фан, 1965.– 408 с.

[9] Стори Ч.А. Персидская литература. Био-библиографический обзор. В трех частях.– М.: Наука, 1972. С-25

[10] Кутлугов М. Взаимоотношения Цинского Китая с Кокандским ханством/Китай и соседи в новое и новейшее время.– Москва: Наука, 1982.– 454 с.

[11] Хуршут Э. «Мунтахаб ут-таварих»- важный источник по истории Средней Азии и сопредельных стран //Общественные науки в Узбекистане.– 1984.– № 7; Ҳамон муаллиф. Ҳакимхоннинг хаёти ва саёҳатлари.– Тошкент, 1987; Ҳамон муаллиф. "Мунтахаб ут-таварих" как источник по истории Средней Азии и сопредельных стран XVIII-XIX вв.//Общественные науки в Узбекистане.– 1984.– № 7.– С. 36-42; Ҳамон муаллиф. «Мунтахаб ат- таварих» и история его изучения//Общественные науки в Узбекистане. – 1985.– № 2.– С.59-60; Ҳамон муаллиф. Изучение среднеазиатских источников XVI-XIX веков: значение, состояние, проблемы//Общественные науки в Узбекистане.– 1989. – № 2.– С. 49-53.

Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии хонигариҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро дар асари П.П. Иванов инъикос шудааст[3]. Муаллиф се марҳилаи таърихи Осиёи Миёнаро таҳлил намудааст. Марҳилаи сеюм давраи аз лиҳози сиёсӣ муттаҳид гаштани ҷамъияти осиёимиёнагӣ, соли 1701 аз байн рафтани мулкҳои майдаи феодалӣ ва ба вуҷуд омадани се хонигариҳои нисбатан марказигардонида – аморати Бухоро, хонигариҳои Хева ва Қӯқанд дар нимаи аввали асри XIX-ро дар бар мегирад. Ин хонигариҳо баҳри соҳиб шудан ба гегемонияи сиёсӣ дар Осиёи Миёна байниҳамдигар талош варзиданд.

Муаллифи ин асар ба муносибатҳои дипломатии аморати Бухоро ва Русияи подшоҳӣ мухтасар истода мегузарад. Аз ҷумла, рақобати Англия ва Русияро барои бозори Осиёи Миёна ва кӯшиши ба манбаи ашёи хом табдил додани минтақа ба риштаи таҳқиқ мекашад. Ба андешаи муаллиф Русия ва Англия дар даҳсолаҳои аввали асри XIX бо мақсади омӯхтани бозори хонигариҳои Осиёи Миёна ва ҳукумати хонигариҳоро, хосатан Бухоро ба худ ҷалб намудан миссияи дипломатӣ (ҳайъатҳои сафорат - З.Ғ.)-и русу англисро ба ин минтақа мефиристанд.

Дар омӯзиши таърихи хонигариҳои Осиёи Миёнаи нимаи аввали асри XIX, махсусан вазъи сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии аморати Бухоро академик Бобоҷон Ғафуров саҳми арзишманд гузоштааст. Асарҳои ӯ бо ҷалби сарчашмаҳои муътамади таърихӣ эҷод шудаанд ва ӯ ба таърихнигории таърихи халқи тоҷик навгониҳои зиёд ворид намудааст.[4]

---

[1] Султанов Т.И. Памятники исторической литературы Средней Азии и Восточного Туркистана XV-XIX вв. Проблемы генезиса и функционирования: Автореф. дис. канд. ист. наук. Ленинград, 1988.– 32 с.

[2] Бейсембиев Т.К. Тарих-и шахрухи– как исторический источник.- Алма-Ата, 1987. – 200 с; Ҳамон муаллиф. Духовенство в политической жизни кокандского ханства в XVIII-XIX вв. по некоторым сочинениям кокандской историографии//Духовенство и политическая жизнь на Ближнем Востоке в период феодализма. Москва, 1985. – 213 с; Ҳамон муаллиф. Легенда о происхождении кокандских ханов как источник идеологии в Средней Азии: на материалах сочинений кокандской историографии//Казахстан, Средняя и Централная Азия в XVI-XVIII вв.– Алма-Ата, 1989. – 192 с; Ҳамон муаллиф. «Тарихи Шахрухи» как исторический источник. Афтореф. дис… канд. ист. наук. Ташкент, 1983.– 22 с; Ҳамон муаллиф. «Тарихи Шахрухи» о Восточном Туркистане//Из истории Средней Азии и Восточного Туркистана в XV-XIX вв.– Ташкент, 1987. – С. 162-174.

[3] Иванов П.П. Очерки по истории Средней Азии (XVI-середина XIX в.) –М.: Восточная литература, 1958. -246 с.

[4] Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. –Сталинобод, 1947; Ҳамон муаллиф. История таджикского народа в кратком изложении. М.: Госполитиздат, 1955; Ҳамон муаллиф. Таджики, Древнейшая, древняя и средневековая история. – М., 1972. - 664 с

Робитаҳои Русияи подшоҳӣ бо хонигариҳои Осиёи Миёна, пеш аз ҳама бо аморати Бухоро ва сиёсати пешгирифтаи онро дар ин минтақа Н.А. Халфин мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор додааст[1].

Дар омӯзиши таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таҳқиқи феҳристи бойгонии хонигарии Қӯқанд ва аморати Бухоро саҳми А.Л. Троицкая[2] назаррас аст. Аз ҷониби ӯ масъалаҳои вазъи умури лашкарияи аморати Бухоро, таърих ва ташаккулёбии он, хусусан созмонёбии лашкари доимии аморат дар аҳди амир Насруллоҳ, сохтори қисмҳои ҳарбӣ, яроқу аслиҳа, сару либоси сарбозон ва ғайраро ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Масъалаҳои ба роҳ монда шудани робитаҳои дипломатии аморати Бухоро ва хонигариҳои Қӯқанд ва Хева дар солҳои 20-50-уми асри XIX дар асарҳои Е. Н. Кушеев[3], Е.В. Бунаков[4], А.А. Семёнов[5], Г.Н. Чабров[6], Д. Валиева[7], Х.Г. Ғуломов[8], Г.А. Михалева[9], Е.В. Бунаков[10], Д.В. Валиева[11], В.И. Ефимов[12], Б.П.

---

[1] Халфин Н.А. Россия и ханства Средней Азии (первая половина XIX века). – Москва, 1974. -406 с.; Ҳамон муаллиф. Политика России в Средней Азии (1857-1868). – Москва, 1960. -Т.1. – 510 с.; Ҳамон муаллиф. Три русские миссии. - Ташкент: Изд. САГУ, 1956. - 86 с.; Ҳамон муаллиф. Британская экспансия в Средней Азии в 30-40-х годах XIX в. и миссия Ричмонда Шекспира // История СССР. -1958. -№ 2. -С.103-112; Ҳамон муаллиф. Егор Казимирович Мейендорф и его путешествие в Бухару // Мейендорф Е.К. Путешествие из Оренбурга в Бухару. - М.: Наука, 1975.-С.6-17.

[2] Троицкая А.Л. Каталог архива кокандских ханов XIX в. М.: Наука, 1968.– 582 с; Ҳамон муаллиф. Материалы по истории Кокандского ханства XIX в.– 1969.– 155 с.: Ҳамон муаллиф. Троицкая, А. Л. Военное дело в Бухаре в первой половине XIX в. // Сборник статей по истории и филологии народов Средней Азии посвященной 80-летию со дня рождения А.А. Семенова. Труды АН Тадж. ССР. Т. 17. –Сталинабад, 1963. -С.211-217.

[3] Кушеев Е.Н. Среднеазиатский вопрос и русская буржуазия в 40-х гг. XIX в. // Исторический сборник. вып. 3. –Ленинград, 1934. С.133-162.

[4] Бунаков Е.В. К истории сношений России со среднеазиатскими ханствами в XIX в.// Советское востоковедение. –М.-Л., 1941. -№ 2. - С.5-26.

[5] Семёнов А.А. К истории дипломатических отношений России Александра I с Бухарой эмира Хайдара// Тезисы докладов научной сессии, посвященной 25-летию САГУ. –Ташкент, 1945. –С. 140-142.

[6] Чабров Г.Н. Поездка в Бухару переводчика П.И. Демезона в 1833-1834 гг. // Труды САГУ, книга 14.-Ташкент, Ташкент, 1957. –С.109-115.

[7] Валиева Д. Среднеазиатско-иранские отношения в первой половине XIX века// Взаимоотношения народов Средней Азии и сопредельных стран Востока. –Ташкент, 1963. –С.60-66.

[8] Гулямов Х.Г. Дипломатические отношения государств Средней Азии с Россией в XVIII – первой половине XIX века. – Ташкент, 2005; Ҳамон муаллиф. Средняя Азия и Россия: история формирования межгосударственных отношений (начало XVIII века). – Ташкент, 2005. – 118 с.

[9] Михалева Г.А. Торговые и посольские связи России со среднеазиатскими ханствами через Оренбург. – Ташкент, 1962.- 92 с.; Ҳамон муаллиф. К вопросу о дипломатических сношениях между Россией и Бухарой через Оренбург в конце XVIII – начале XIX века // Общественные науки в Узбекистане. - 1962 .- №7 –С. 55 – 59.

[10] Бунаков Е.В. К истории сношений России с среднеазиатскими ханствами в XIX в. // Советское востоковедение. – 1941. - №2. –С. 5-26.

[11] Валиева Д.В. Среднеазиатско–российские отношения в первой половине XIX в.// Взаимоотношения народов Средней Азии и сопредельных стран Востока в XVIII – начале XX в. - Ташкент, 1963.-С.42 – 76.

[12] Ефимов В.И. К вопросу о взаимоотношениях России с Бухарой с конца XVIII до середины XIX в. // Труды Самарканд. гос. ун-та им. А Навои: Материалы по истории Узбекистана. Новая сер. – Самарканд, 1964.- Вып.140. - С. 23 – 42.

Гуревич[1], Х. Пирумшоев[2], И.А. Мамадалиев[3] мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин асарҳо мақсадҳо ва манфиатҳои аморати Бухоро ва Русияи подшоҳӣ кушода дода шуда, инчунин фаъолияти ҳамаи миссияҳои дипломатии Бухорову Русия то замони ба протекторати Русия табдил ёфтани аморати Бухоро баррасӣ шудаанд, муносибати назариявӣ ва амалии тарафҳо ба муносибатҳои дипломатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Баъзе муҳимтарин паҳлуҳои муносибатҳои Бухоро ва Хеваро бо Русияи подшоҳӣ муҳаққиқон А.Р. Мухаммаджонов ва Т. Неъматов[4] ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Дар асари онҳо масъалаи ба роҳ мондани робитаҳои тиҷоратӣ бо Русия дар нимаи аввали асри XIX, аҳаммияти иқтисодии он, таҳлили баъзе сарчашмаҳои хаттӣ баррасӣ шудааст.

Таҳқиқотҳои дар замони пасошуравӣ анҷом додашуда **гурӯҳи сеюми адабиёти илмиро** роҷеъ ба таърихи низомӣ ва сиёсии хонигариҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро ташкил медиҳанд. Пеш аз ҳама масъалаҳои таърихи ҳарбӣ - сиёсии хонигариҳои Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX дар асарҳои бунёдии дастаҷамъӣ, аз қабили "Таърихи халқи тоҷик"[5], "Таърихи Ӯзбекистон"[6] ва ғайра мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар китоби профессор Назирҷон Турсунзода[7] муҳимтарин воқеъаҳои таърихи ҳарбӣ - сиёсии аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд, инчунин муносибатҳои дипломатии хонигариҳои Осиёи Миёна дар асри XIX баррасӣ шудаанд.

---

[1] Гуревич Б.П. Международные отношения в Центральной Азии в XVII – первой половине XIX в. – М.,1979. – 311 с.

[2] Пирумшоев Х. Российско – среднеазиатские отношения XVI – сер. XIX веков в русской историографии. – Душанбе, 2000.- 338 с.

[3] Мамадалиев, И., Махмудова Н. Конструкция границы, нации и политического института в имперском пространстве Россия и Центральная Азия: вторая половина XIX – первая половина XX вв. / И. А. Мамадалиев, Н. Махмудова. – Худжанд, 2011. – 108 с. Ҳамон муаллиф. Мамадалиев, И.А. Россия и Средняя Азия: особенности колониально-административной системы управления во второй половине XIX – начало XX вв. – Худжанд: Ношир, 2013. – 400 с.Ҳамон муаллиф. Мамадалиев, И.А. Россия и Средняя Азия: переосмысление исторических процессов (с 60-годов XIX – по 60-е годы XX вв.) – Худжанд: Нури маърифат, 2018. – 200 с.

[4] Мухаммаджонов А.Р., Неъматов Т. Бухоро ва Хеванинг Россия билан муносабатлар тарихига доир манбалар. – –Тошкент, 1957.

[5] История таджикского народа. Позднее средневековье и новое время (XVI в. -1917 г.) / Т.IV. Под ред. Р.М. Масова. – Душанбе: Дониш, 2010. -1124 с.

[6] История Узбекистана / АН РУз., Институт истории;редкол. А.А. Аскаров и др. Т.III. (XVI –первая половина XIX века). – Ташкент: Фан, 1993. -476 с.

[7] Турсунов Н.О. Таърихи тоҷикон.-Хуҷанд, 2001. – 787 с.

Масъалаҳои таърихи ҳаёти сиёсӣ, тарзи идоракунӣ, рамзҳои ҳокимияти давлатӣ, ҷанбаҳои таърихиву этнографии ҳокимият ва идоракунӣ дар аморати Бухоро дар асарҳои О.А. Соловева[1] мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Асари "Се маорифпарвари тоҷик дар бораи амирони манғит (Эссе – эзоҳот)" - навиштаи С. Табаров[2], яке аз таҳқиқоти муҳим дар соҳаи омӯзиши таърихи сиёсӣ ва иҷтимоии аморати Бухоро мебошад. Асар ба шарҳи назар ва таҳлилҳои се нафар маорифпарвари барҷастаи тоҷик: Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, ва Садриддин Айнӣ, ки роҷеъ ба амирони манғит андешаҳои худро баён кардаанд, бахшида шудааст.

Асар таҳлили танқидӣ ва омӯзиши амиқи фикрҳои маорифпарваронро дар бораи сулолаҳои манғит ва вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии аморати Бухоро, аз ҷумла дар давраи ҳумронии амир Насруллоҳ дар бар мегирад. С Табаров тавассути сабки эссе ва эзоҳот: Дидгоҳҳои Аҳмади Донишро дар бораи ислоҳоти зарурӣ, норасоиҳои идоракунии сиёсӣ ва иҷтимоии аморат таҳлил мекунад; Муҳтавои асари "Таърихи салотини манғития"-и Мирзо Абдулазими Сомиро барои шарҳи воқеаҳои сиёсӣ ва ҳарбии даврони манғитҳо истифода мебарад; Танқидҳои Садриддин Айниро нисбат ба беадолатиҳо ва зулми амирони манғит ва таъсири онҳо ба ҷомеа шарҳ медиҳад.

Асар фикрҳои танқидии маорифпарваронро бо воқеиятҳои таърихии замони манғит муқоиса намуда, аҳаммияти он фикрҳоро дар ташаккули маърифати ҷомеа шарҳ медиҳад. Асар барои муҳаққиқони таърихи тоҷик, омӯзгорон ва донишҷӯён сарчашмаи боэътимод ба ҳисоб меравад. Он на танҳо ба омӯзиши таърихи аморати Бухоро, балки ба ташаккули тафаккури танқидӣ дар бораи ҳукуматдории сулолаҳои манғит, аз ҷумла амир Насруллоҳ, таъсири онҳо ба рушди ҷомеа ва саҳми маорифпарварон дар бедории миллӣ мусоидат

---

[1] Соловьева О.А. Лики власти благородной Бухары. – СПб.,2002.- 192 с.; Ҳамон муаллиф. Должностные символы в Бухарском эмирате в XIX в.// Этнографическое обозрение. - 2002. -№ 4.-С.111-121; Ҳамон муаллиф. Историко-этнографические аспекты традиционной должностной власти и управления в Бухарском эмирате XIX - начала XX веков: Автореф дисс. канд. ист. наук. - М., 2000, -24 с.; Ҳамон муаллиф. Поведенческий символ власти и политическая социализация: (Бухарский эмират XIX- нач. XX вв.) // Журнал социологии и социальной антропологии. -2001. -Том 4. -№ 4. -2023. -С.103-114.

[2] Табаров, С. Се маорифпарвари тоҷик дар бораи амирони манғит (Эссе – эзоҳот) / С.Табаров. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 208 с.

мекунад. Нашри ин китоб ба таври илмӣ собит менамояд, ки фикрҳои маорифпарварон барои ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва пешбурди ислоҳоти иҷтимоӣ муҳим буда, ба оянҳаи равшани ҷомеа роҳ кушоданд.

Таърихи сиёсӣ-ҳарбӣ, масъалаҳои сохтори давлатӣ ва ниҳоди идоракунӣ, ташкили лашкари доимӣ, муҳимтарин паҳлуҳои робитаҳои дипломатӣ ва тиҷоратии аморати Бухоро дар нимаи аввали асри XIX аз ҷониби Б. Исмоилова таҳқиқ шудааст[1]. Муаллиф дар бораи ҳолати лашкари аморати Бухоро ва гузаронида шудани ислоҳоти ҳарбӣ маълумот додааст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи таърихи ҳарбӣ-сиёсии аморати Бухорои нимаи аввали асри XIX дар асарҳои Ҷ.Ҳ. Ҷӯрабоев[2] таҳлил шудаанд. Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ масъалаҳои ба сари қудрат омадани амир Насруллоҳ, тадбирҳои марказиятнок кардани давлат, хусусиятҳои идоракунӣ, низоъҳои ҳарбӣ байни хонигариҳо, ислоҳоти ҳарбиро дар қаламрави аморат мавриди омӯзиш қарор додааст.

Масъалаҳои сиёсати хориҷии Британияи Кабир дар Осиёи Марказӣ дар нимаи аввали асри XIX-ро М.С. Қаландарова[3], С.В. Тимченко[4], О. И. Жигалина[5] таҳлил намудаанд.

---

[1] Исмаилова Б.История Бухарского эмирата (вторая половина XVIII-середина XIX вв.). -Худжанд, 2005.-296 с.; Ҳамон муаллиф. Политическое и социально-экономическое положение Бухарского эмирата (вторая половина XVIII - середина XIX вв.) // Автореф. дисс.др. ист. наук. - Худжанд, 2004.-50 с.

[2] Джурабаев Д.Х. Политическая история Бухарского ханства во второй половине XVIII –середины XIX вв. (по материалам письменных источников). Худжанд: Ношир, 2013. 318 с.; Ҳамон муаллиф. Состояние вооруженных сил Бухарского эмирата в первой половине XIX в. // Научное обозрение. Сер. гуманит. наук, -2010,- № 1-2. - С.71-81; Политический режим Бухарского эмирата по сообщениям письменных источников в начале XIX в.// Вестник Таджикского национального университета. Сер. гуманит. наук, - 2012. - № 3/3 (87). - С. 19-23; Ҳамон муаллиф. Бухарский эмират - главный объект «большой игры» Британской и Российской империй в 20 - 50-х гг. XIX в.// Вестник Тадж. Нац. ун-та. Сер. гуманит. наук. -2013. -3/5(118).- С.6-13; Ҳамон муаллиф. Русские ученые о перспективах сотрудничества России с государствами Средней Азии (вторая половина XVIII - первая половина XIX в.)// Материалы третьего международного симпозиума «Миграционный мост между Центральной Азией и Россией: роль миграции в модернизации и инновационном развитии экономики стран, посылающих и принимающих мигрантов»,- М.-Худжанд, 2011.-С. 184-187.

[3] Каландарова М.С. Геополитика Англии в Центральной Азии в 20-30-е годы XIX в.: По материалам экспедиции А. Бернса в Бухару в 1831 г.: Автореф. дисс… канд. ист. наук. - М. 1995. - 25 с.

[4] Тимченко С.В. Проникновение английских эмиссаров в среднеазиатские ханства в первой четверти XIX в. и позиция России // Востоковедные исследования на Алтае. -Барнаул, 2002. - Вып. 3. - С.71-84; Он же. Англо-русское соперничество в Средней Азии в 40-х гг. XIX в. // Центральная Азия и Сибирь: Первые научные чтения памяти. Е.М. Залкинда. -Барнаул, 2003. –С.86-99; Он же. Среднеазиатский вопрос в англо-русских отношениях в конце 50-х начале 60 гг XIX в. /С.В.Тимченко //Международные отношения в Центральной Азии //История и современность: Материалы науч. Конф, Барнаул, 2008. - С.122-137.

[5] Жигалина О. И. Великобритания на Среднем Востоке. XIX – начало XX в.: Анализ внешнеполитических концепций. -М., 1990. -166 с.

Тадқиқотҳои муаллифони замони муосир Р.Ю. Почекаев[1], Б.Р. Турсунов[2], И.А. Мамадалиев[3], Ҷ. А Абдукаримов.[4] дар бораи таърихи давлатҳои Осиёи Миёна хеле ҷолиб мебошанд, ки дар онҳо аз ҷумла вазъи сиёсиву низомии аморати Бухорои нимаи аввали асри XIX низ баррасӣ шудаанд.

Ҳолати робитаҳои тиҷоратии хонигариҳои Осиёи Миёна, ба вижа аморати Бухоро бо мамлакатҳои ҳамсоя (Афғонистон, Эрон ва Ҳиндустон), хосса бо Русияи подшоҳӣ, интиқоли молу маҳсулот, инчунин баъзе масъалаҳои тиҷорати дохилӣ, муомилоти пулӣ, вазъи истеҳсолоти ҳунармандии хонигариҳои Осиёи Миёна дар асрҳои XVIII – нимаи аввали XIX аз ҷониби Г.А. Михалева[5] мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

---

1 Почекаев Р.Ю. Российские путешественники о праве Кокандского ханства // Историко-правовые проблемы: Новый ракурс. 2016. № 18. С. 84-95.

2 Турсунов Б.Р. История Кокандского ханства (Образование и расцвет ханства). Книга I. – Худжанд: Нури маърифат, 2021. - 352 с.; Ҳамон муаллиф. Освещение политической жизни народов Средней Азии в составе Кокандского ханства (в первой половине XIX в. ) в трудах академика Б. Гафурова // Таджикистан и современные международные отношения: глобализм и регионализм. Материалы международной научно-теоретической конференции. Худжанд, 19-20 мая 2007 г. –Худжанд, 2007. –С.234-235; Ҳамон муаллиф. К вопросу о легитимизме власти мингов при Кокандском ханстве// Ховаршинос. Сб. статей, посвященных 60-летию востоковеда Н. Гиясова. –Худжанд, 2015; Ҳамон муаллиф. Сведения письменных источников, архивных материалов и литературы по истории дипломатии Кокандского ханства при правлении Мухаммад Али-хана// Материалы международной научной конференции, посвященной «Проблемам использования письменных, печатных источников в Ферганской долине в XVIII-XXIвв.». –Андижан, 2018. –С.26-32; Ҳамон муаллиф. Дипломатические отношения Кокандского ханства при правлении Мухаммад Али-хана (1822-1842 гг.) // Учёные записки ХГУ имени академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. -№1 (58). -2019. – С.20-26; Ҳамон муаллиф. Роль русскоязычных источников в изучении истории Кокандского ханства// Сб. материалаов Международной научной конференции, посвященной 200-летию российского востоковедения //Вклад российской науки в изучении уникального историко-культурного и природного богатства Таджикистана (г. Худжанд, 23 ноября 2018 года). Серия «Евразийский перекресток». Вып. II.-Оренбург: ООО ИПК Университет, 2019. –С. 131-137.; Ҳамон муаллиф. Борьба за власть в Кокандском ханстве в 40-е гг. XIX в. //Ученые записки ХГУ имени академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. №2 (63). - 2020. – С.27-31.; Ҳамон муаллиф. Военное состояние Российской империи и Кокандского ханства в канун завоевания Центральной Азии (планы завоевания, вооружение, численный состав армий сторон в середине XIX века) //Вестник педагогического университета: Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. - №2 (85). 2020. – С.218-225.

3 Мамадалиев, И.А. Зарождение проектов строительства железной дороги в Средней Азии / И.А. Мамадалиев // Ученые записки Худжандского Государственного Университета им. акад. Б.Гафурова. – Худжанд. - №2(35). 2013. – С. 129-138; Мамадалиев, И., Махмудова Н. Конструкция границы, нации и политического института в имперском пространстве Россия и Центральная Азия: вторая половина XIX – первая половина XX вв. / И. А. Мамадалиев, Н. Махмудова. – Худжанд, 2011. – 108 с.; Ҳамон муаллиф. Россия и Средняя Азия: особенности колониально-административной системы управления во второй половине XIX – начало XX вв. – Худжанд: Ношир, 2013. – 400 с.; Ҳамон муаллиф. Россия и Средняя Азия: переосмысление исторических процессов (с 60-годов XIX – по 60-е годы XX вв.) – Худжанд: Нури маърифат, 2018. – 200 с.

4 Абдукаримов Дж.А. Политическое положение Ура-тюбинского владения и Худжанда в начале XVIII до 40-х гг. XIX в.(по материалам “Мунтахаб ат-таварих” Мухаммада Хакимхана).- Дисс. на соис. уч. степ.к.и.н.- Душанбе, 2020.- 191 с.; Отражение истории Ура-тюбе и Худжанда в “Мунтахаб ат-таварих” Мухаммада Хакимхана.- Худжанд, 2020.- 208 с.

5 Михалева Г.А. Узбекистан в XVIII—первой половине XIX века ремесло, торговля и пошлины.-Ташкент: Фан, 1991. -113 с.

Муаммоҳои рақобати Англияву Русияи подшоҳиро барои ба таъсири худ кашидани хонигариҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухороро дар нимаи аввали асри XIX муҳаққиқон А.Л. Попов, М.С. Қаландарова, Л. Н. Харюков, М.М. Ҳасанов, Д.В. Василев, С.Д. Василев ва С.В. Тимченко[1] мавриди омӯзиш қарор додаанд. С.З. Мартиросов, Н.В. Терентева, А.Г. Данков доир ба таърихнигории масъалаи рақобати Англияву Русия тадқиқоти арзишманд анҷом додаанд[2].

**Гурӯҳи чоруми** асарҳоро роҷеъ ба таърихи хонигариҳои Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX китобҳои бо забони хориҷӣ нашршуда ташкил медиҳанд. Муаллифони онҳо М. Олдворт[3], Б. Манс[4], Ю. Брегел[5], Мэри Холдсворт[6], С. Ливай[7], П. Хопкирк[8] ва Анке фон Кюгелген[9] ба шумор мераванд. Дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ масъалаҳои таърихи сиёсиву ҳарбии хонигариҳои Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX ба таври лаҳзавӣ

---

[1] Попов А. Л., Борьба за среднеазиатский плацдарм //Исторические записки. -М., 1940, № 7. - С. 182-235; Каландарова М. С. Геополитика Англии в Афганистане в первой половине XIX в.: миссия А. Бернса в Кабуле. -М., 1995-121 с.; Харюков Л.Н. Англо-русское соперничество в Центральной Азии и исмаилизм. М., 1999; Хасанов М.М. Англо – Российское соперничество в Хивинском ханстве в первой половине XIX века// Цифровая наука. - №1. - 2021. –С.106-118; Васильев Д.В., Васильев С.Д. Британо-Российское противостояние на Среднем востоке как реакция на попытку геостратегического укрепления России в регионе в 1830-х гг. // Известия Самарского научного центра Российской академии наук. Т.19. -№3. -2017. –С.146-151. Тимченко С.В. Проникновение английских эмиссаров в среднеазиатские ханства в первой четверти XIX в. и позиция России // Востоковедные исследования на Алтае: сб. науч. ст. / под ред. В. А. Моисеева. Барнаул, 2002. Вып. III. С. 71-84.

[2] Мартиросов С.З. Англо-русские противоречия в Средней Азии в дореволюционной и советской исторической литературе. Ашхабад, 1962.; Терентьева, Н.В. Советская историография англо-русского соперничества в Средней Азии в первой половине XIX века: автореферат дис... канд. ист. наук: 07.00.03 / Н.В. Терентьева. – Барнаул: Алтайский государственный университет, 2003. – 27 с.; Данков А.Г. Отечественная и британская историография о соперничестве России и Великобритании в Центральной Азии: XIX - начало XXI вв.: автореферат дис... канд. ист. наук: 07.00.09. – Томск, 2008. -27 с.; Ҳамон муаллиф. Данков, А.Г. Формирование основных концепций британской политики в Азии (первая половина XIX века) / А.Г. Данков //Государства Дальнего Востока: история, политика, культура: сб. статей. – Новосибирск, 2008. – Вып. 8. – С. 29-58.

[3] Holdwort M. Turkestan in the nineteenth century. A Brief History of the khanates of Bukhara, Kokand and Khiva. – Oxford. 1959. – 360 p.

[4] Central Asia in historical perspective. /Ed. By Beatrice Mans. – Oxford: West viw press, 1994. Central Asia in historical perspective. /Ed. By Beatrice Mans. – Oxford: West viw press, 1994.

[5] Bregel Y. Khoqand Khanate. / The Oxford Encyclopedia of the modern Islamic world. J.L. Esposito (ed.). Vol.2. Oxford, 1995, pp.430–431. Bregel Y. Khoqand Khanate. / The Oxford Encyclopedia of the modern Islamic world. J.L. Esposito (ed.). Vol.2. Oxford, 1995, pp.430–431; Ҳамон муаллиф. Bibliography of Islamic Sentral Asia. Part I – III. Indiana University Research Institute for inner Asian Studies Bloomington, Indiana 1995. Part I. PP. 1 – 712; Part-III. P. 1892 – 2049.

[6] Holdsworth M. Turkestan in the nineteenth centure. A brief History of the khanatos of Bukhara, Kokand and Khiva. – Oxsford, 1959.

[7] Scott C. Levi. The Fergana Valey at the Crossroads of Word History: The Rise of Khoqand. 1709–1822 //Journal of global History. 2007/ Volume 2. №2.

[8] Hopkirk P. The Great Game: The Struggle for Empire in Central Asia. Oxf., 2001.

[9] Анке фон Кюгельген. Легитимация среднеазиатской династии мангытов в произведениях их историков (XVIII – XIX вв.). -Алматы: Изд-во «Дайк–Пресс», 2004. - 516 с.

баён шудаанд ва муаммоҳо ба таври зарурӣ таҳлил нагаштаанд. Дар мавриди таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ доир ба таърихи аморати Бухоро, хонигариҳои Қӯқанд ва Хева, ки дар асри XX анҷом дода шудааст, таърихшинос О. Масалиева[1] рисолаи номзадӣ навиштааст.

Ҳамин тавр, дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқотҳои муҳим, ки ҷанбаҳои мухталифи таърихи ҳарбӣ-сиёсӣ ва робитаҳои хориҷии хонигариҳои Осиёи Миёна, пеш аз ҳама аморати Бухороро дар нимаи аввали асри XIX баррасӣ мекунанд, рӯйи кор омадаанд. Дар давоми қариб дуюним аср анъанаҳо, консепсияҳо, муаммоҳои баҳснок роҷеъ ба таърихи сиёсӣ - ҳарбии давлатҳои Осиёи Миёна пайдо шудаанд.

**Робитаи рисола бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуи илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳти унвони «Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ (давраи муосир)» иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** аз таҳлили илмӣ ва баррасии маводҳо ва маълумотҳои таърихӣ роҷеъ ба вазъи ҳарбӣ-сиёсии аморати Бухоро дар солҳои 1826-1860 мебошад. Дар ҳамин асос дар рисола ҳаллу фасли вазифаҳои зайл пешбинӣ шудааст:

- муайян намудани маълумотҳои дақиқ доир ба вазъи сиёсӣ ва ҳарбии минтақаи Осиёи Миёна хосса доир ба аморати Бухоро дар аҳди амир Насруллоҳ (солҳои 1826-1860) дар асоси маълумотҳои сарчашмаҳои хаттии таърихӣ;
- таҳлил ва муқоисаи маълумоти шарқшиносони тоинқилобии рус;
- нишон додани вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Аморати Бухоро;
- таҳлили вазъи лашкардории аморат;
- тавсифи сиёсати хориҷии давлат;

[1] Масалиева О. XX аср инглиз-америка тарихшинослигида Бухоро, Хива ва Қӯқон хонликлари тарихи: Тарих фанлари номзоди ...дисс. –Тошкент, 1999. – 180 б.

- маълумот додан дар бораи робитаҳои дипломатии аморати Бухоро бо хонигариҳои Осиёи Миёна ва кишварҳои ҳамҷавор;

- таҳлили омилҳои асосии ба вуҷуд омадани низоъҳои ҳарбӣ байни хонигариҳои Осиёи Миёна.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** вазъи ҳарбӣ-сиёсии аморати Бухоро дар давраи ҳукмронии амир Насрулло солҳои 1826-1860 ба ҳисоб меравад.

**Марҳила, мақом ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Таҳқиқоти мазкур дар се марҳила анҷом ёфтааст:

- *марҳилаи якум* (солҳои 2011-2016). Интихоби мавзуъ ва роҳбари илмӣ; шиносоӣ ва ҷамъоварии маъхазҳо ва адабиёти илмӣ доир ба мавзуъ; иштирок дар конференсияҳои илмӣ ва интишори мақолаҳо доир ба мавзуи таҳқиқот; иштирок дар дарсҳои таърих ва фалсафаи илм, забони русӣ, забони хориҷӣ; таҳияи боби якуми рисола.

- *марҳилаи дуюм* (солҳои 2017-2020). Таҳияи боби дуюми диссертатсия; иштирок дар конференсияҳои илмӣ ва интишори мақолаҳо доир ба мавзуи таҳқиқот; супоридани имтиҳони минимуми номзадӣ аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ.

- *марҳилаи сеюм* (солҳои 2021-2024). Гузориши боби сеюм, муқаддима ва хулосаи диссертатсия; иштирок дар конференсияи илмӣ ва нашри мақолаҳо доир ба мавзуи таҳқиқот; таълифи автореферат, супоридани имтиҳони минумуми номзадӣ аз ихтисос; баррасии диссертатсия дар ҷаласаи кафедра, пешниҳоди диссертатсия барои дифоъ ба Шурои диссертатсионӣ.

**Ҳудуди ҷуғрофии таҳқиқот** қаламрави аморати Бухороро дар бар мегирад, ки равандҳои таърихӣ ва воқеаҳои сиёсию ҳарбӣ дар ин марз ба вуқуъ омадаанд.

**Ҳудуди хронологии диссертатсия** солҳои 20-60-уми асри XIX-ро ташкил менамояд. Баробари ин бо мақсади таҳлили муқосавӣ вазъи аморати Бухоро дар марҳилаи тадқиқшаванда муаллифи рисола аз доираи хронологӣ берун омадааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асоси методологии рисолаи илмиро принсипи историзм ташкил медиҳад. Принсипи номбурда омӯзиши ҳодисаю воқеаҳоро дар доираи шароити мушаххаси таърихӣ, нишон додани махсусиятҳои ҳақиқати таърихӣ пешбинӣ мекунад. Вай ба ҳалли маҷмуи вазифаҳои гузошташуда асос ёфтааст. Ҳамчун асоси методологӣ принсипҳои сохторият, такя ба манбаъҳои таърихӣ ва анъанаҳои таърихнигорӣ баромад мекунанд. Ин принсипҳо ба фаҳмиши инкишофи равандҳои таърихии бо объекти тадқиқот алоқаманд такя мекунанд.

Принсипҳои асосии тадқиқот аз методҳои таҳлилӣ-муқоисавӣ ва таърихӣ-типологии кор бо манбаъҳои таърихӣ иборат аст. Дар ҳангоми пажӯҳиш муаллифи рисола ҳамчунин ба принсипҳои проблемавӣ-хронологӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таърихӣ-типологӣ таваҷҷуҳ кардааст. Дар рисолаи диссертатсионӣ усулҳои анъанавии коркард ва ба доираи илм ворид намудани маълумоти таърихӣ аз қабили омӯзиш, таҳқиқ, муқоиса, таҳлил, хулосабардорӣ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Манбаъҳои хаттии дар рисола истифодашударо ба се гурӯҳ тақсим кардан ба мақсад мувофиқ аст. Гурӯҳи якумро асарҳои зерини муаррихони мактаби таърихнигории Бухоро, Қӯқанд ва Хева ташкил медиҳанд: “Зафарнома-йи Хусравӣ” (муаллифаш номаълум)[1], “Таърихи авоил ва авохир”-и Муинуддин[2], “Фатҳнома-йи султонӣ” ё “Таърихи амир Насруллоҳ”-и Муҳаммад Мир Олим Бухорӣ[3], “Таърихи салотини манғития” ва “Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазим Сомӣ[4], “Рисолаи мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития” ва “Тарҷумаи аҳволи амирони манғитияи Бухорои шариф”-и Аҳмади Дониш[5], “Таърихи Туркистон”-и Мирзо

---

[1] Зафарнома-йи Хусравӣ. Шарҳи ҳукмронии Саид Амир Насруллоҳ Баҳодур Султон бин Ҳайдар (1242- 1277 ҳ.қ.) дар Бухоро ва Самарқанд, бо тасҳеҳ ва таҳшияи Манучеҳри Сутуда, Теҳрон, 1377 ҳ.ш./ 1999 м.; Зафарномайи хусравӣ/ Ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи сармақола ва муҳаррири масъул Ҳоҷӣ Назир Муҳйидин Турсонзод. –Хуҷанд, 2011. - 146 с.

[2] Муъин ад-дин. Таворихи авоил ва авохир. Дастхати ИШ АИ ҶУзб, № 4468/IV.

[3] Муҳаммед Мир Олим Бухорой. Фатҳномаи султонӣ. Дастхати ИШ АИ ҶУзб., № 1838

[4] Мирзо Абдулазими Сомӣ. Туҳфаи шоҳӣ. Дастхати Маркази мероси хаттии АИ Тоҷикистон, №.786/2. – 1326. – 298 с.

[5] Аҳмад, Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. - Душанбе: Дониш, 1988. - 288с.

Олим Махдум[1], “Силсилаи салотини манғития” ва “Наводири зиёия”-и Садри Зиё[2], “Таърихи амирони манғитияи Бухоро”-и Садриддин Айнӣ[3], “Маҷмаъ ул – арком”-и Мирзо Бадеи Девон[4], “Кашкӯли Салимӣ”-и Мирзо Салимбек[5], “Мунтахаб ат - таворих”-и Муҳаммад Ҳакимхон[6], “Ғаройиби сипоҳ”-и Тоҷири Хуҷандӣ[7], “Таърихи ҷаҳоннамойи”-и Авазмуҳаммад Аттор Ҳӯқандӣ[8], “Ансоб - - ус –салотин ва таворих ул-ҳавоқин”-и Мирзо Олим Мушриф[9], “Фирдавс ул-иқбол”-и Шермуҳаммад Мунис ва Муҳаммад Ризо Огаҳӣ[10].

Гуруҳи дуюми маъхазҳо аз дастхатҳо иборатанд. Онҳо дар фондҳои махсус нигоҳ дошта шудаанд[11].

Ба гуруҳи сеюми муҳими маъхазҳо, асарҳои олимон ва сайёҳони рус Е.К. Мейендорф[12], П. Савелев[13], Н.В. Хаников[14], Г.И. Данилевский[15], Д. Телятников ва А.В. Безносикова[16] , П.И. Демезон ва И.В. Виткевич[17] ки дар нимаи аввали асри XIX ба Осиёи Миёна ташриф овардаанд ва таҳқиқотҳои илмӣ анҷом

---

[1] Мулла Олим Махдум Ҳожи. Тарихи Туркистон. –Ташкент: Янги аср авлоди, 2008. - 241 б.

[2] Садри Зиё. Силсилаи салотини манғития. Дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИМТ ҶТ № инв. 230/ II/; Садри Зиё. Наводири зиёия. Таҳияи М. Шукуров ва С. Содиқов.- Душанбе, 1991.- 128 с.

[3] Айнӣ Садриддин. Таърихи амирони манғитияи Бухоро // Куллиёт. – Душанбе, 1966. - Љ. 10.-С.5-191; Айни Садриддин. Собрание сочинений. – М., 1975. - Т.6. - С.266-312.

[4] Мирзо Бадеи Девон. Маҷмаъ ул-арқом. - Душанбе, 2015.- 416 с.

[5] Мирзо Салимбек. Кашкӯли Салимий. Таворихи муттақаддимин ва муттаахирин (Форс-тожик тилидан ӯзбекчага доцент Нарзулло Йӯлдошев ӯгирган). –Бухоро, 2003. - 344 с.

[6] Муҳаммад Ҳакимхон. Мунтахаб ат-таворих. / Ба чоп тайёркунандаи матни факсимилӣ ва муаллифи пешгуфтор А. Мухторов / Муҳаммад Ҳакимхон.– Китоби 1.– Душанбе: Дониш, 1983.– 368 с.; Муҳаммад Ҳакимхон. Мунтахаб ат-таворих. / Ба чоп тайёркунандаи матни факсимили ва муаллифи пешгуфтор А. Мухторов / Муҳаммад Ҳакимхон.– Китоби 2.– Душанбе: Дониш, 1985.- 544 с.

[7] Тоҷири Хуҷандӣ. Ғароиби сипоҳ. Мураттиб Саъдуллоҳи Асадуллоҳ. - Хуҷанд, 1993. – 58 с.

[8] Авазмуҳаммад Аттор Ҳӯқандий. Таърихи ҷаҳоннамойи. Ҷилди 2. – ИШ АИ Ҷ Ӯзб. – В. 60б-164а.

[9] Мирзоолим Мушриф. Ансаб ус-салотин ва таворих ул- хавокин (Қӯқон хонлиги тарихи). –Тошкент, 1995. -127 127 б.

[10]Шермуҳаммад Мунис Хоразмий, Муҳаммадризо Огаҳий. Фирдавс ул-иқбол. / Нашрга тайёрловчилар: Н. Жумахӯжа, С. Рӯзимбоев, А. Ахмедов. –Тошкент: Ӯқитувчи, 2010.

[11] Мирзо Шамсуддин Дойи Бухороӣ. Таърихи ҷанги амир Насруллоҳ ва Муҳаммадалихони Ҳӯқандӣ. Дастхати № 861 –ВР. АИ РСС Тоҷикистон. Сталинобод, 1960; Мулло Ғафур. Зафарнома-йи Худоёрхонӣ. Дастхат. № 598. ИШ АИ ҶӮзб. – 65 в.; Муҳаммад Аминбек Худоёрхонзода. Анҷум ат-таворих. Дастхати № 11366. ИШ АИ ҶӮзб.-106 в.; Муҳаммад Ҳакимхон. Мунтахат ат-таворих //Дастхат. ИШ АИ ҶӮзб.-инв. № 594. –В. 402-403.; Муҳаммад Шариф.Тоҷу-т-таворих. Дастхати ИШ АИ Ҷ Ӯзб. -№2092. В.19; Муҳаммад Юсуф Баянӣ. Шаҷараи Хоразмшоҳӣ. Институти Шарқшиносии ба номи А. Берунии Академияи илмҳои ҶӮзб.. № 9596. в. 333-334; Мир Олим Бухороӣ. Фатҳномаи султонӣ. ИШ АИ ҶУзб. Инв. № 1838. Вв. 7б-55б.

[12] Мейендорф Е. К. Путешествие из Оренбурга в Бухару. Под ред. Н. А. Халфина. — М.: Наука, 1975.—181 с.

[13] Савельев П. Бухара в 1835 году: С присоединением известий обо всех европейских путешественниках, посещавших этот город до 1835 года включительно. –СПб, 1836. -27 с.

[14] Ханыков Н.В. Описание Бухарского ханства. – СПб.: Тип. Имп. Академии наук, 1843. -279 с.

[15] Данилевский Г.И. Описание Хивинского ханства // Записки Императорского Русского географического общества (ЗИРГО). Кн. 5., 1851.-С.62-139.

[16] Телятникова Д. и Безносикова А.В. Обозрение Кокандского ханства // Записки РГО, Кн.3. - СПб., 1849.

[17] Записки о Бухарском ханстве (Отчеты П.И. Демезона и И.В. Виткевича). – М.: Наука, 1983. – 143 с.

додаанд, шомил намудан мумкин аст. Инчунин асарҳои В. Долинский[1], М.В. Грулёв[2], А. Л. Кун[3], С.В. Жуковский[4], Н. Залесов[5], Н.П. Игнатев[6], В.В. Григорев[7] ва дигарон ба сифати сарчашмаи таърихӣ ҷойгоҳи муҳим доранд. Дар онҳо доир ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии аморати Бухоро ва хонигариҳои Осиёи Миёна, робитаҳои байналхалқии онҳо маълумотҳои муҳим ба қайд гирифта шудаанд.

Барои ҳалли масъалаҳои рисола ҳамчунин маводҳои бойгонӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.[8]

**Навгониҳои илмии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки нахустин маротиба аз ҷониби муаллиф:

- масъалаи таърихи ҳарбӣ-сиёсии аморати Бухороро дар солҳои 20-60-уми асри XIX бори нахуст дар доираи рисолаи номзадӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад;

- дар рисола сарчашмаҳои нодири хаттӣ аз ҷумла “Зафарномаи хусравӣ” доир ба вазъи ҳарбиву сиёсии аморати Бухоро замони салтанати амир Насруллоҳ инъикоси худро ёфтааст;

- дар асоси таҳлили маводҳои нави таърихӣ ва илмӣ вазъи сиёсиву ҳарбӣ ва робитаҳои байниҳамдигарии аморати Бухоро бо кишварҳои ҳамҷавор дар робита бо хонигариҳои Осиёи Миёнаро дар солҳои 20-50-уми асри XIX мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст;

- вазъи низоми лашкар, унвони мансабҳои ҳарбӣ, усули ҷангии ҳарбиёни аморати Бухоро ва ислоҳотҳои дар ин самт амалӣ намудаи амир Насруллоҳ ва

---

[1] Долинский В. Об отношениях России к среднеазиатским владениям и об устройстве среднеазиатской степи. - СПб., 1865. -577 с.
[2] Грулёв М.В. Соперничество России и Англии в Средней Азии. - СПб., Изд. Березовского, 1909. -380 с.
[3] Кун А.Л. Очерки Шахрисабзского бекства // ЗИРГО по отделению этнографии. Т.6. – СПб., 1880. –С.73-262.
[4] Жуковский С.В. Сношения России с Бухарой и Хивой за последнее трехсотлетие// Труды общества русских ориенталистов. – Пг., 1915. -№2 – 215 с.
[5] Залесов Н. Очерк дипломатических сношений России с Бухарою, с 1836 по 1843 год // Военный сборник. - 1873. – № 27. – С. 3-46; Ҳамон муаллиф. Посольство в Хиву и Бухару полковника Игнатьева в 1858 г. // Русский вестник. - 1871. - № 2. - С. 421-474.
[6] Игнатьев Н.П. Миссия в Хиву и Бухару в 1858 г. флигель-адъютанта полковника Н. Игнатьева. - СПб., 1897. - 278 с.
[7] Григорьев В.В. О некоторых событиях в Бухаре, Хоканде и Кашгаре // Записки Мирзы-Шемса Бухари / Пер. и и прим. В.В. Григорьева. –Казань, 1861. - 169 с.
[8] Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд БМД ҶӮзб). –Захира. И-125. –Рӯйхат. 2. – Парванда. 560. -Варақ. 64 об.

намояндагони дигар сулолаи Манғития мавриди муқоиса ва хулосабарорӣ қарор ёфтааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- маълумоти муҳим дар бораи ҳодисаҳои таърихии солҳои 1826-1860 манбаҳои хаттӣ;
- таърихи аморати Бухоро дар қисми зиёди осори шарқшиносони тоинқилобии рус мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Зеро бештари муаллифон ҳамзамони ҳодисаю воқеаҳои он давра буданд;
- аморати Бухоро дар миёнаи асри XIX яке давлатҳои пурқуввати Осиёи Миёна буд;
- ҳаёти сиёсии аморати Бухоро дар манбаъҳои хаттӣ тавсиф шудаанд;
- низоми лашкардорӣ барои нигоҳ доштани қудрати аморати Бухоро аҳаммияти хосса дошт;
- ислоҳоти ҳарбии амир Насрулло барои пурқувватшавии артиш мусоидат намуд;
- робитаҳои аморати Бухоро бо Русияи подшоҳӣ ва хонигариҳои Осиёи Миёна хеле муҳим буданд;
- низоъҳои мусаллаҳонаи байни хонигариҳои Осиёи Миёна барои сустшавии мавқеи онҳо мусоидат мекард.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Омӯзиши мавзуи аз таърихи омӯзиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои таърихӣ доир ба аморати Бухоро дар замони ҳукмронии амир Насрулло дар илми таърихнигорӣ, маъхазшиносии муосир аҳаммияти калони илмӣ дорад. Натиҷаи тадқиқоти мазкурро дар ҷараёни таълифи асарҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ доир ба таърихи халқи тоҷик, таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ истифода кардан мумкин аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои** таҳқиқотро дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаҷми

интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили сарчашмашиносӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот аз он иборат аст, ки ӯ давоми чанд сол маводи зиёди маъхазҳои хаттӣ, адабиёти илмиро ҷамъоварӣ, таҳлил ва хулосабардорӣ намуда, барои нуфузи илми таърихнигории халқи тоҷикро боло бардоштан кӯшиш намудааст. Дар натиҷа тадқиқоти муҳиме дар шакли рисолаи номзадӣ навишта, ба ҳимоя пешниҳод гардид.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маърузаҳо дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баён гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқарраротҳи асосии диссертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла 3 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Сохтори рисола.** Рисола аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат буда, 179 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАВСИФИ ҲАВОДИСИ ТАЪРИХИИ СОЛҲОИ 1826-1860 ДАР МАНБАЪҲОИ ХАТТӢ

## 1.1. Сарчашмаҳои хаттӣ роҷеъ ба таърихи аморати Бухоро дар сеяки дуюми асри XIX

Роҷеъ ба ҳаёти сиёсии Осиёи Миёнаи нимаи аввали асри XIX аз ҷониби муаррихони маҳаллӣ асарҳои муҳим эҷод шудаанд. Аз ҷумла, аз ҷониби Мир Олим Бухороӣ асари “Фатҳномаи султонӣ”[1] навишта шудааст. Ӯ аз котибони давраи ҳукмронии амири Насруллоҳ буда, дар назди ҳокими Ҳисор Муҳаммад Олимбек хизмат мекард. Бо супориши ин ҳоким баҳри инъикоси таърихи аморати Бухоро аз давраи ҳукмронии амир Шоҳмурод (1785-1880) то солҳои аввали ҳукмронии амир Насруллоҳ машғул гашта “Фатҳномаи султонӣ”-ро таълиф намудааст. Асар воқеаҳои дар қаламрави аморати Бухоро содиршударо фаро мегирад ва дар бораи ҳукмронии амир Ҳайдар маълумоти мухтасар, аммо давраи ҳукмронии амир Насруллоҳ маълумоти бештар баён шудааст. “Фатҳномаи султонӣ” аз ҷониби шарқшиноси рус О.Д. Чехович ба забони русӣ тарҷума шудааст. Дастхати тарҷума дар институти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст.

Асари "Фатҳномаи султонӣ" на танҳо барои шиносоӣ бо сиёсати аморати Бухорои аҳди Шоҳмурод ва амир Насруллоҳ кумак мекунад, балки фарогирии ҳодисаҳои муҳими таърихии он давраро дар бар мегирад. Инъикоси таърихи Бухоро дар таъриф ва таҳлили зиндагии сиёсӣ ва иҷтимоии аҳолӣ ба роҳ монда шудааст. Дар асар маълумот дар бораи амир Ҳайдар, асосан, кӯтоҳ буда, дар бораи амир Насруллоҳ маълумоти бештар оварда шудааст.

Тарҷумаи асар аз ҷониби О.Д. Чехович, як шарқшинос рус анҷом дода шудааст. Ин ишора мекунад, ки омӯзиши манбаъҳои таърихии Осиёи Миёна вусъат ёфта, барои донишмандони ғарбӣ мавзуи муҳиманд. Тарҷумаи асарҳо ба забони русӣ ба дастрасии он мусоидат мекунад. Гузаштагони тоҷикон ва

[1] Мир Олим Бухороӣ. Фатҳномаи султонӣ. ИШ АИ ҶУзб. Инв. № 1838. Вв. 7б-55б.

аморати Бухоро дар контексти Ғарб ҳамеша ҳамчун манбаи мушоҳида ва муҳокимаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ матраҳ шуда буд. Ин асар дар ин раванд як навъ сарчашмаи иттилоотии таърихӣ мебошад, ки таърихро на танҳо баҳри дарки воқеаҳо, балки барои шиносоӣ бо  фарҳанги таърихии аморати Бухоро низ мусоидат мекунад.

Фавти амир Ҳайдар ва оғози низоъ миёни писарону аъёну ашроф барои расидан ба ҳокимият, хусусан миёни Умар ва Насруллоҳ  аҳамМияти зиёде дорад. Ин ихтилофҳо на танҳо ҳамаи марзҳои сиёсиро такон медиҳанд, балки оғозгоҳи сабабҳои амиқи муборизаҳои сиёсии ояндаи аморати Бухороро низ ташкил мекунанд. Як ҷузъи муҳими ин раванди сиёсӣ ва ҳарбӣ, ки тавассути он6 амир Насруллоҳ ба қудрат расид, қатли бародаронаш буд. Ин воқеа дар таърих ва адабиёти илмии замон, аз ҷумла дар "Фатҳномаи султонӣ" таҳлил ва тавзеҳ шудааст.

Барои фаҳмидани сабабҳои қатли бародарони амир Насруллоҳ, бояд ба шароити сиёсӣ ва иҷтимоии замон назар андозем. Хонигарии Бухоро дар асри XIX, ки баъд аз фаолияти сулолаи Манғитҳо ба як давлати қудратманд табдил ёфта буд, бо рақобатҳои дохилӣ ва зиддиятҳои қавмӣ рӯ ба рӯ буд. Насруллоҳ пас аз марги падари худ, амир Ҳайдар, вориди ҷанги хонаводагӣ шуд, ки мақсади он расидан ба курсии аморат ва нигоҳ доштани ҳокимият дар дасти хонаводаи Манғит буд.

Инъикоси хусусияти мазаффарияти ҳарбӣ дар асар, ки муаррифии беназире барои стратегияи низомии амир Насруллоҳ мебошад, барои пойдории давлати марказӣ дар аморати Бухоро муҳим буд.

Далелҳои дар асар, ки оид ба мазаффариятҳои ҳарбии амир Насруллоҳ овардааст, метавон ҳамчун инъикосгари стратегияҳои низомии дар замони худаш матраҳшуда арзёбӣ кард. Неруи ҳарбӣ ва маҳорати ҳарбӣ, ки дар ҷангҳо комёбиҳои назаррас ба даст оварда буданд, низ боиси таҳкими ҳокимият шудааст.

Асари "Фатҳномаи султонӣ" ҳамчун манбаи муҳим дар фаҳмидани таърихи аморати Бухоро ва рушди сиёсии он замон арзиши мантиқӣ дорад. Ин

асар на танҳо ба таҳқиқот ва андешидани маърифати таърихӣ кумак мерасонад, балки инчунин бо такя ба фаъолияти наслҳои иҷтимоӣ ва вазъи стратегӣ, иқтидори сиёсӣ ва низомии аъёну ашрофи он давраро дар аморати Бухоро муаррифӣ мекунад.

Яке аз сарчашмаҳои нодири хаттӣ, асари Мирзо Бадеъ Девон "Маҷмаъ ал-арком"[1] ки бобати коргузории давлатӣ, рутбаҳо ва дараҷаҳои низомию сиёсӣ, аъёну ашрофи аморати Бухоро маълумот медиҳад, тавсиф шудааст. Қисмати муҳими ин асар тахти унвони «Тазйил дар баёни-и амалот ва дахлдорон» рутбаву унвонҳои кормандони давлатии аморати Бухоро шарҳ дода шудаанд.

Мирзо Бадеъ, нависандаи асар, назарияҳои устувортари силсилавии идоракуниро дар аморати Бухоро инъикос мекунад. "Маҷмаъ ал-арком" иттилоот дар бораи вазифаҳои гуногуни аъёну ашрофи аморати Бухоро ва ҷойгоҳҳои сиёсиву иҷтимоии онҳо тавассути ташкилот, идора ва масъулиятҳо пешниҳод мекунад. Воқеан, ин асар метавонад шиносоии амиқеро бо низоми идоракунӣ ва сохтори иҷтимоии давра ба вуҷуд оварад. Дар бахши «Тазйил дар баёни-и амалот ва дахлдорон» маҳз таъриф ва ҷойгоҳи рутбаву унвонҳои кормандони давлатии аморати Бухоро дар системаи идоракунанда аҳаммияти махсус дорад: бо шарҳи рутбаҳо метавон фаҳмиши амиқеро оид ба ташаккули иҷтимоӣ ва эътиқоди силсилавӣ дар аморати Бухоро ба даст овард.

Асари "Маҷмаъ ал-арком" ҳамчун манбаи нодир ва муҳим барои дарки масъалаҳои ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар аморати Бухоро ва таҳлили рутбаи аъёну ашрофи он, аҳаммияти таърихии амиқи худро дорад. Ин асар на танҳо таърихро бо мизон ва вуҷудот дар зеҳни ҷомеа инъикос мекунад, балки барои фаҳмидани муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идоракунӣ дар давраи муайян кумак расонида, манбаи муҳими таҳқиқи донишҳои таърихӣ ва иҷтимоиро пешкаш мекунад.

[1] Мирза Бадиъ Диван. Маджмаъ ал-аркам. («Предписания фиска»): Приемы документации в Бухаре XVIII в. (Факсимиле рукописи. Введ., пер., примеч. и прил. А.В. Вильдановой). – М., 1981.-198 с.

Аз ҷониби муаррихи дарбории аморати Бухоро Муъин ад-дин асари “Таворихи авоил ва авохир”[1] иншо шудааст, ки дар он далелҳои муҳими таърихӣ, вобаста ба таърихи сулолаи манғитҳо пешкаш шудаанд. Дар ин асар масоили тоҷгузории амири Насруллоҳ дар соли 1826 хеле ҷолиб баён гаштааст.

Ҷолиби диққати ин асар дар он аст, ки он далелҳои муҳим ва воқеиятҳои таърихиро роҷеъ ба аморати Бухоро, ки фосилаҳои вақт ва маконро фаро мегиранд, пешниҳод менамояд. Ҳамчунин, он ба фаҳмидани сохти сиёсӣ ва таърихии аморати Бухоро кумак мекунад.

Ҳукмронии намояндагони сулолаи Манғитҳо ҳамчун як давраи муҳими охири асрҳои миёна дар таърихи Осиёи Миёна ҳамчун намунаи идоракунии феодалӣ нақш дорад. Идораи хонадони манғит аз дудмони қаблии Аштархонӣ бартарияте надошта, метавонад намунаи идораи феодалӣ бошад. Намояндагони сулолаи Манғит дар баробари гирифтани ҳокимият аз хонадони Аштархонӣ ва дигар хонадони пурқудрат, ба як қудрати амиқ табдил ёфтанд. Ҳокимияти манғитҳо аксар вақт дар як муҳити пурҳаво ва рақобатноки сиёсӣ ва ҳарбӣ амалӣ мешуд. Аммо, онҳо барои устувор кардани сохтори худ ва мавқеи сиёсиву иҷтимоии худашон, кӯшиш мекарданд, ки як идоракунии устувор ва марказгурезро ба амал оваранд, ки ба наздикӣ бо сабаби муҳорибаҳои дохилӣ ва зиддиятҳои қавмӣ ва қабилавӣ ба таҳаввулоти иҷтимоии кишвар таъсир расонд.

Вижагии асари Муъин ад-дин бо тамаркуз на танҳо ба таърихи ин сулола, балки ба масоили рӯйдодҳо ва анъанаҳои сиёсӣ низ мусоидат мекунад. Махсусан, тоҷгузории амир Насруллоҳ дар соли 1826, ки як воқеаи муҳими таърихии низоми идора ва манзараҳои сиёсии он замон ба ҳисоб меравад, дар асар бо таъсиргузории хосса таъриф шудааст.

Асари Муъин ад-дин ҳамчун манбаи таърихӣ на танҳо маълумотро дар бораи рӯйдодҳои сиёсии аморати Бухоро пешниҳод мекунад, балки инчунин фаъолияти иҷтимоии ин давраро, аз ҷумла муносибатҳои байни ҳокимон ва аҳолии қишрҳои иҷтимоӣ баррасӣ мекунад. Тоҷгузорӣ ҳамчун як маросими

[1] Муъин ад-дин. Таворихи авоил ва авохир. Дастхати ИШ АИ ҶУзб, № 4468/IV.

муҳими сафарбаркунанда, тасдиққунандаи қонунишавии ҳокимияти амир нишон медиҳад, ки муносибатҳои сиёсии он давра дар аморати Бухоро бо рутба ва ҳукмронии аъёну ашрофи он замон муайян карда мешавад.

Асари “Таворихи авоил ва авохир” ҳамчун як манбаи нодир ва муҳим, рамзи таърихии таҳқиқоти сиёсӣ ва иҷтимоии аморати Бухороро ифода мекунад. Ин асар имкон медиҳад, ки на танҳо ҳукмронии сулолаи манғитҳо фаҳмида шуда, балки таъсири он ба рушди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми ин давра таъйин шавад. Асар на танҳо таърихи аморати Бухоро, балки таърихи фарҳанги сиёсии Осиёи Миёна ва фаъолияти аъзои он замонро, ки ҷузъҳои муҳим дар шиносоии таърих мебошанд, ба муҳокима мегузорад.

Дар асари Муҳаммад Яъқуб ибн амир Дониёлбӣ оталиқ “Гулшан ул-мулук”[1] воқеаҳои солҳои 70-уми асри XVIII – солҳои 30-юми асри XIX инъикос гаштааст. Муҳаммад Яъқуб чун намояндаи манғитҳо ба таърифу тавсифи аҷдоду авлоди худ машғул нашудааст. Ӯ мушоҳидаҳои шахсии худро баён кардааст. Маълумотҳои ӯ дар бораи насабномаи манғитҳо, хешовандонаш, воқеаҳои ба сари қудрат омадани амир Насруллоҳ хеле ҷолибанд.

Аз ҷониби Муҳаммад Яъқуб инчунин асари “Таърихи амирони манғития” эҷод шудааст, ки дар он воқеаҳо аз даврони ба сари қудрат омадани манғитҳо то солҳои 1830 баён гаштаанд[2].

Асари "Гулшан ул-мулук", дастоварди муҳимми таърихӣ мебошад, ки ин асар на танҳо манзараи сиёсиву иҷтимоии он давраро муаррифӣ мекунад, балки таҷассуми муносибатҳои табақавӣ, имконоти сиёсӣ ва тағйиротҳои муҳимми ҷамъиятии он замони таърихиро дар бар мегирад.

Муҳаммад Яъқуб ҳамчун намояндаи манғитҳо бо пешниҳод кардани мушоҳидаҳои шахсии худ дар бораи аҷдоду авлоди худ, як равиши хос ва нави таъриханомаро пешниҳод мекунад. Дар “Гулшан ул-мулук” нақши манғитҳо

[1] Вороновский Д.Г. «Гульшан-ул-мулук» Мухаммеда Якуба Бухори. Рукопись. Дисс. канд. ист. наук -Ташкент, 1947. Также: Бартольд В.В. Известия Российской АН. –Сер. 10. -Л., 1921.- Т.20.- С. 193-194; Коль Е. Персидские, арабские и тюркские рукописи Туркестанской публичной библиотеки. –Ташкент,1889.-С.2-4

[2] Тулибаева Ж.М. Бухарские и кокандские источники по истории казахов и Казахстана // http://www.eurasica. ru/articles /kazakh/tulibaeva_zhm_ buharskie _ i_kokandskie_istochniki_ po_istorii_ kazahov_i_kazahstana (Дата обращения 11.09.2013).

дар таърихи аморати Бухоро, аҳаммияти расмӣ ва иҷтимоии аъёну ашроф таъриф карда шудааст.

Масъалаҳои дар асар пешниҳодшуда, махсусан дар бораи оила ва насабномаи манғитҳо, ба сари қудрат омадани Насруллоҳ, таблиғи муносибатҳои байни табақаҳои ҷомеа ва идеологияи давлатӣ хеле ҷолибанд. Дар асар сабаби муваффақияти манғитҳо дар ташаккули аморати Бухоро шарҳ дода шудааст.

Асари дигари Муҳаммад Яъқуб, "Таърихи амирони манғития" дар фаҳмиши имконоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии манғитҳо нақши хеле муҳим дорад.

Умуман, фаъолияти Муҳаммад Яъқуб, махсусан асарҳои “Гулшан ул-мулук” ва “Таърихи амирони манғития”, барои ба даст овардани маълумотҳо ва фаҳмиши амиқе ба вазъияти иҷтимоиву сиёсӣ ва таърихии он давра дар аморати Бухоро кумак мерасонанд. Ин асарҳо ҳамчун манбаи арзишманд барои таҳқиқот дар бораи таърихи аморати Бухоро ва манғитҳо хизмат мекунанд ва бо такя ба таҷрибаҳои шахсии муаллиф ва замони худаш, равиши таърихии амиқро муайян мекунанд.

Воқеаҳои таърихии нимаи авали асри XIX-дар аморати Бухоро Мирзо Шамси Бухороӣ дар асари “Доир ба баъзе воқеаҳои Бухоро, Қӯқанд ва Қошғар” шарҳу тафсир намудааст[1]. Ин асар бо дархости шарқшиноси рус В.В. Григорев соли 1860 дар Оренбург навишта шудааст. Мирзо Шамс, асосан хотироти худ ва мушоҳидаҳояшро рӯйи қоғаз овардааст.

Мирзо Шамс ҳамчун таърихнигор ва муаллиф осори худро, асосан бар асоси хотирот ва мушоҳидаҳои шахсии худ навиштааст. Ин роҳ дар шиносоии воқеаҳо ва ошкор намудани анъанаҳои таърихии онҳо, барои таҳқиқоти оянда ва дар эҷоди донишҳои тоза муфид аст. Мирзо Шамс таърихи Бухоро, Қӯқанд ва Қошғарро ҳамчун шоҳиди воқеаҳо инъикос мекунад.

[1] О некоторых событиях в Бухаре, Коканде и Кашгаре: Записки мирзы Шемса Бухари, изданные в тексте, с переводом и примечаниями В.В. Григорьевым. - Казань, 1861.

Воқеаҳои таърихие, ки Мирзо Шамс баён кардааст, ҳамчун манбаи арзишманди таърихӣ аҳаммият доранд. Ӯ дар бораи шумораи зиёде аз мубориазаҳои сиёсӣ, таваҷҷуҳи мардуми он замон иқтисодиёту иҷтимоиёт, сиёсат ва мушкилоти иҷтимоии аморати Бухоро маълумот додааст. Таъсироти ин воқеаҳо, ки ба вазъияти байни манғитҳо, ӯзбекҳо ва дигар халқиятҳое, ки дар он давра дар ҳаёти сиёсии Бухоро амал мекарданд, возеҳ баён шудаанд.

Асари Мирзо Шамси Бухороӣ "Доир ба баъзе воқеаҳои Бухоро, Қӯқанд ва Қошғар" ба омӯзиши ҷанбаи таърихии нимаи аввали асри XIX дар аморати Бухоро аҳаммияти калон дорад. Ин асар инчунин маълумотҳоро роҷеъ ба раванди зиндагии иҷтимоии он давра ва мушоҳидаи равишҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ дар бораи таърихи давлатҳои он замон пешниҳод мекунад.

Таърихи аморати Бухоро аз ҷониби муаррихони маҳаллӣ дар нимаи дуюми асри  XIX – ибтидои асри XX мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Асарҳои Мирзо Абдулазими Сомӣ “Таърихи салотини манғития” [1], Аҳмади Дониш “Таърихи мухтасари салтанати хонадони манғития” [2], Муҳаммадалӣ ибни Муҳаммадсайид Балҷувонӣ “Таърихи нофеъӣ”[3], Садри Зиё “Силсилаи салотини манғития”[4], Садриддин Айнӣ “Таърихи амирони манғитияи Бухоро”[5] хеле ҷолиб мебошанд. Дар ин асарҳо аз ҷумла вазъи сиёсиву ҳарбии аморати Бухоро дар солҳои 20-50-уми асри  XIX баррасӣ шудаанд.

Асарҳои муаррихони маҳаллӣ дар нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX нақши муҳими бозкушоии таърихии аморати Бухороро доранд. Ин осор на танҳо як манбаи арзишмандони таърихӣ, балки ба шиносоии вазъияти сиёсии

---

[1] Мирза Абдал Азим Сами. Таърих-и салатин-и мангитийа (История мангытского государства) /Изд. текста, предисл., пер. и примеч. Л.М. Епифановой. - М., 1962. -С. 19-20.

[2] Ахмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони мангития /Бо саъй ва ихтимом ва тасхехи Абдулгани Мирзоев. - Сталинобод, 1960; Ахмад Дониш. История мангитской династии / Пер., предисл. и примеч. И.А. Наджафовой. - Душанбе. - 1967.- 142 с.; Ахмади Дониш. «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони мангития (Тахияи Далер). -  Душанбе, 1992.- 98 с.

[3] Муҳаммад Али ибн Муҳаммадсайид Балчувонӣ. Таърихи нофеӣ/ Таҳияи А. Мухторов. – Душанбе: Ирфон, 1994. - 120 с.; Воҳидов Ш. «Тарих-и нофеи» Бухоро амирлиги тарихига оид муҳим манба // Ўзбекистонда ижтимоий фанлар. - 1997.- №№ 9,10,11; Муҳаммад Али Балжувоний. Тарихи нофеи. (Тожик тилидан таржима. Сўзбоши, изоҳлар муаллифлари Воҳидов Ш. ва Чориев З.). – Тошкент: Академия, 2001. - 94 б.

[4] Садри Зиё. Силсилаи салотини манғития. Дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИМТ ҶТ № инв. 230/ II/

[5] Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро // Куллиёт. – Душанбе, 1966. - Ҷ. 10.-С.5-191; Айни Садриддин. Собрание сочинений. – М., 1975. - Т.6. - С.266-312.

он давра, муносибатҳои хориҷӣ ва дохилии кишвар таваҷҷуҳи хос равона мекунанд.

Асарҳои таълифшуда, аз ҷумла, “Таърихи салотини манғития”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ, “Таърихи мухтасари салтанати хонадони манғития”–и Аҳмади Дониш ва дигар асарҳо, таҳқиқоти амиқ дар бораи воқеъаҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ, махсусан дар солҳои 20-50-уми асри XIX анҷом медиҳанд. Ин асарҳо бо такя ба маълумотҳои таърихӣ, инчунин таҷрибаи шахсии муаллифон, вазъияти ҳукуматҳои манғитиро бо ишора ба умумияти вазъияти аморат, хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии он замон ошкор месозанд. Дар ин асарҳо махсусан вазъи сиёсиву ҳарбии аморати Бухоро ҳамаҷониба баррасӣ шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Аҳмади Дониш бо асарҳои худ саҳми арзанда дар омӯзиши таърихи аморати Бухоро гузоштаанд. Таълифоти онҳо на танҳо ҳамчун сарчашмаҳои муҳим, балки ҳамчун таҳқиқоти илмии пурқимат дар бораи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии аморати Бухоро шинохта шудаанд.

Мирзо Абдулазими Сомӣ дар асари худ “Таърихи салотини манғития” таърихи сулолаҳои манғитияро бо таҳлили амиқ ва шарҳи рӯйдодҳои сиёсӣ ва ҳарбии марбут ба солҳои 20-50-уми асри XIX баён кардааст. Ин асар на танҳо як сабти таърихӣ, балки як таҳлили муфассал оид ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии амирони манғития мебошад. Сомӣ таваҷҷуҳи махсус ба муборизаҳои дохилӣ, сиёсати амирон ва муносибатҳои онҳо бо давлатҳои ҳамсоя равона кардааст.

Аҳмади Дониш дар асари худ “Таърихи мухтасари салтанати хонадони манғития” ба шарҳи мухтасар ва таҳлили воқеаҳои таърихӣ ва низоми идоракунии сулолаи манғития пардохтааст. Асари ӯ бештар ба масъалаҳои танқидӣ равона шуда, ба ҳолатҳои нокифояи идоракунӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ диққат медиҳад. Аҳмади Дониш инчунин бо ақидаҳои ислоҳотталабонаи худ дар бораи низоми сиёсӣ ва иҷтимоии аморати Бухоро маълум аст, ки ин асари ӯро аз дидгоҳи таҳлилӣ арзишманд месозад.

Ин асарҳо воқеаҳои муҳими сиёсӣ ва ҳарбии он замонро бо сабки илмӣ таҳлил намуда, имкон медиҳанд, ки донишмандони имрӯза вазъи таърихии

аморати Бухороро амиқтар дарк кунанд. Онҳо ҳамчун сарчашмаҳои муҳим барои омӯзиши таърихи манғития ва таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ичтимоии аморат хидмат мекунанд.

Сарчашмаи нодири хаттӣ роҷеъ ба таърихи хонигарии Қӯқанд асари Муҳаммад Ҳакимхон "Мунтахаб-ат-таворих" ба шумор меравад. Онро шарқшиноси Ӯзбекистон Энвер Хуршут махсус омӯхтааст. Дар таҳқиқоти ӯ нусхаҳои асар, манбаъҳои он, аҳаммияти асар чун сарчашмаи таърихиву адабӣ, дар жанри шарҳи ҳол навишта шудани он, саёҳатҳои худи Муҳаммад Ҳакимхон ба таври васеъ таҳлил шудаанд[1]. Муҳаммад Ҳакимхон "Мунтахаб ат –таворих"-ро бо забони тоҷикӣ соли 1843 навишта, ба итмом расонидааст. Аз дастхати соли 1843 даҳ нусхаи дигар кӯчонида шудааст. Тавсифи нусхаҳоро Э. Хуршут баён кардааст[2].

Имрӯз дар Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Русия 11 нусхаи "Мунтахаб ат–таворих" мавҷуданд. Нусхаҳои мукаммал ва хуби дастанивисҳо таҳти №С 470 (дар Русия), №63 (дар Тоҷикистон) ва № 592 (дар Ӯзбекистон) маҳфузанд. Факсимили дастнависи асар, ки дар Шаҳрисабз аз ҷониби дабир Муҳаммадамин китобат шудааст дар ду ҷилд солҳои 1983 ва 1985 дар Душанбе нашр шудаанд[3]. Дар солҳои истиқлолият олимон ҳамкорӣ бо олимони Ҷопон матни пурраи асари Муҳаммад Ҳакимхон "Мунтахаб ут–таворих"–ро чоп гардониданд[4]. Шарқшиноси номии тоҷик, профессор Ш. Воҳидов қисмати асосии асарро ба забони узбекӣ тарҷума карда чоп гардонид[5]. Дар заминаи тадқиқотҳои муҳаққиқи ҷавон Ҷ. Абдукаримов низ асари "Мунтахаб ут –

---

[1] Хуршут Э. «Мунтахаб ут-таворих» – важный источник по истории Средней Азии и сопредельных стран // Общественные науки в Узбекистане. 1984. – № 7; Ҳамон муаллиф. «Мунтахаб ат-таварих» как источник по истории Средней Азии и сопредельных стран XVIII-XIX вв // Общественные науки в Узбекистане (ОНУ). 1984. – № 7. – С. 36-42; Ҳамон муаллиф. Ҳакимхоннинг ҳаёти ва саёҳатлари. – Тошкент: Фан, 1987. – 48 б; Ҳамон муаллиф. «Мунтахаб ут-таворих» и его списки // ОНУ, 1987. – №5. – С. 41-47; Ҳамон муаллиф. «Мунтахаб ут-таворих» и его источники // ОНУ, 1987. №11-12. – С. 39-44; Ҳамон муаллиф. Изучение среднеазиатских источников XVI-XIX веков: значение, состояние, проблемы // Общественные науки в Узбекистане. 1989. – № 2. – С. 49-53. ва ғ.

[2] Хуршут Э. «Мунтахаб ат-таворих» и его списки // ОНУ, 1987. №5. – С. 41-47.

[3] Муҳаммад Ҳакимхон. Мунтахаб ут-таворих (Ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи муқаддима ва таълиқот А. Мухторов). Ҷилдҳои 1 ва 2. – Душанбе, 1983,1985.

[4] Мухаммад Хакимхан. Мунтахаб ат таворих. – Токио, 2006. – 716 с.

[5] Муҳаммадҳакимхон Тура. Мунтахаб ат-таворих (Хуканд ва Бухоро тарихи. Саёхат ва хотиралар) /Форс-тожик тилидан тарж., мукаддима, изохлар ва курсаткичлар муаллифи Ш. Вохидов – перевод от персидско-таджикского, автор введения, комментрии и указатели Ш. Вохидова. - Тошкент: Янги аср авлоди, 2010. – 716 б. (на узб. яз.)

таворих"-и Мухаммад Ҳаким -хон меистад, ки дар тадқиқотҳои ӯ такя ба сарчашмаи хаттӣ таърихи вилоятҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа инъикос гардидааст[1].

Барои таҳқиқоти мо қисмати асар, ки ба баёни воқеаҳои салтанати Манғития ва тоифаи Мингия бахшида шудааст, хеле муҳим мебошад. Хоссатан, зикри ҳодисаҳои давраи ҳукмронии Ҳайдар, рақобати ӯ бо хонигариҳои Хева ва Қӯқанд, ба сари тахт омадани амир Насруллоҳ, лашкаркашиҳои ин амир, ба самти Шаҳрисабз, Ҷиззах, Ӯротеппа, Балх, адовати амир Насруллоҳ бо хони Қӯқанд Муҳаммадалихон, марҳилаҳои лашкаркашии амир Насруллоҳ ба самти Қӯқанд ва забти он, ба қатл расонида шудани Муҳаммадалихон бо пайвандонаш, даъвои тахт намудани Шералихон ва тасарруфи Фарғона аз ҷониби ӯ, лашкаркашии сеюми нобарори амир Насруллоҳ ба Қӯқанд, лашкаркашии нобарори амир Насруллоҳ ба Хоразм ва ба душвориҳо рӯ ба рӯ гаштани ӯ ва дигар масъалаҳоро возеҳ баён кардааст. Қисмати асар, ки аз ба таърихи ҳокимони сулолаи Мингия дар хонигарии Қӯқанд мавзуъҳои зайлро дар бар гирифтааст: ҳукмронии Норбӯтабӣ ва лашкаркашиҳои ӯ ба Чуст, Хуҷанд, Тӯрақӯрғон, Андиҷон, сулҳ бастани ӯ бо Шоҳмурод, ба тахт нишастану амалиётҳои ҳарбии Олимхон бо мақсади тасарруфи Тошканд, Ӯротеппа, Чуст, ба сари қудрат омадани Умархон ва пайкориҳои ҳарбӣ-сиёсии ӯ, сар задани шуриши хитой-қипчоқҳо, тахтро соҳиб шудани Муҳаммадалихон ва лашкаркашиҳои ӯ ба самти Ӯротеппа ва Қошғар, фатҳи Қаротегин, ба Хонпошшо хонадор шудани Муҳаммадалихон, аз ҷониби Муҳаммадалихон забт гаштани Ҷиззах ва қалъаи Пешоғар, сар задани исёнҳо ба муқобили Муҳаммадалихон, аз ҷониби амир Насруллоҳ забт гаштани хонигарии Қӯқанд ва кушта шудани Муҳаммадалихон, ба ихтиёри Шералихон гузаштани ҳокимият дар Қӯқанд ва фатҳи ҳамаи мулкҳои Фарғона аз ҷониби ӯ баъзе паҳлӯҳои ба тахт нишастани Худоёрхон.

---

[1] Абдукаримов Дж. Отражение истории Ура-Тюбе и Худжанда в «Мунтахаб ат- таварих» Мухаммада Хакимхана. – Худжанд: Нури маърифат, 2020. – 208 с.; Хотирахои Мухаммад Хакимхон дар бораи сафари Русия /Баргардонанда аз ҳуруфи арабиасоси тоҷикӣ ба кириллӣ, ба чоп ҳозиркунандаи матн, муаллифи муқаддима, тавзеҳот, луғатнома, фехрист ва замима Ҷамолиддин Абдукаримов. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 104 с.

Яке аз сарчашмаҳои нодир доир ба таърихи хонигарии Қӯқанд ва аморати Бухоро рисолаи Тоҷири Хуҷандӣ “Ғаройиби сипоҳ”[1] маҳсуб меёбад. Асари мазкур соли 1864 эҷод шудааст. Гарчанде асар нопурра бошад, ҳам дар он маълумоти ҷолиб доир ба таърихи сиёсии хонигарии Қӯқанд гирд оварда, муносибати хонигарии Қӯқанд бо аморати Бухоро, аз ҷумла тафсилоти тасарруфи Қӯқанд аз ҷониби амир Насруллоҳ (1842), низои қирғиз-қипчоқҳо, воқеаҳо вобаста ба фаъолияти Муҳаммадюсуф, Шодӣ додхоҳ мингбошӣ, Муҳаммадназарбек ва Мусулмонкул баён гаштаанд. Асар аз 38 саҳифа иборат буда, нусхаи ягонаи он дар фонди Пажуҳишгоҳи шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи А. Берунӣ ҳифз гардидааст. Асар ба забони тоҷикӣ таълиф шуда, номи пурраи муаллиф ҳам дар илм маълум нест. Адабиёт вуҷуд дорад, ки номи муаллифро бо тарзи Тоҳир маънидод менамояд, лекин асоси он нишон дода нашудааст[2]. Дар асар оид ба давраи ҳукмронии Олимхон, Умархон, Муҳаммадалихон ва Шералихон маълумотҳои муҳим мавҷуд аст. Дар солнома оид ба муносибатҳои дипломатии хонигарии Қӯқанд ва империяи Син, Усмониён низ маълумотҳои арзишманд вуҷуд дорад, ки дар дигар сарчашмаҳо ба назар намерасад[3]. Асари мазкур авалин бор аз ҷониби муҳаққиқи тоҷик Саъдуллох Асадуллохон соли 1996 ба кириллии тоҷикӣ баргардон карда шудааст. Ба забони ӯзбекӣ низ асар аз ҷониби У. Султонов тарҷима гардидааст.

Дигар асари муҳим роҷеъ ба таърихи рақобати низомии аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд дар нимаи аввали асри XIX Мирзо Шамсиддин дойи Бухороӣ “Таърихи ҷанги амир Насруллоҳ ва Муҳаммадалихони Ҳӯқандӣ”[4] ба шумор меравад. Асар аз муқаддима ва шаш қисми асосӣ иборат мебошад. Китоб бо васфи амир Насруллоҳ оғоз гашта, аз нахустин лашкаркашии Насруллоҳ ба Қӯқанд дар соли 1840 нақл мекунад. Муфассал дар бораи фатҳи шаҳрҳову деққадаҳои хонигарии Қӯқанд – қалъаҳои Зомин, Истаравшан,

---

[1] Тоҷири Хуҷандӣ. Ғаройиби сипоҳ. ИШ АИ ҶУзб. №5408. -38 с.
[2] Арслонзода Р.А., Ахунова М. Мустакиллик йилларида Узбекистонда Кукон хонлиги тарихининг урганилиши //Фаргона водийси тарихи янги тадқиқотларда мавзусидаги иккинчи республика илмий анжумани. Фарғона, 2012. - Б. 129.
[3] Тоҷири Хуҷандӣ. Гаройиби сипох /Мураттиб Саъдуллохи Асадуллох. Хуҷанд, 1993. 56 с.
[4] Мирзо Шамсуддин дойи Бухороӣ. Таърихи ҷанги амир Насруллоҳ ва Муҳаммадалихони Ҳӯқандӣ. Дастхати № 861 –ВР. АИ РСС Тоҷикистон. Сталинобод, 1960.

Хуҷанд, Қаракчиқум, мурочиати Муҳаммадалихон ба амири Насруллоҳ дар бораи итоат, фиристодани ҳадяҳо ва супоридани товони ҷанг ба Насруллоҳ, аз ҷониби Насруллоҳ авф шудани Муҳаммадалихон ва бозгашти ӯ ба Бухоро маълумот дода мешавад.

Соли 1900-1901 асари муҳим доир ба таърихи хонигарии Қӯқанд таҳти унвони "Анҷум ат-таворих"[1] аз ҷониби Муҳаммад Аминбек Худоёрхонзода навишта мешавад. Китоб аз ду қисм (дафтар) иборат аст: 1) таърих ва насабномаи хонҳои Фарғона то Худоёрхон, 2) воқеаҳои таърихӣ аз замони Худоёрхон то навишта шудани асар. Аммо дар асар воқеоти қисми якум ба таври нопурра баён гаштааст, шарҳи воқеаҳо аз зуҳури Бобур шуруъ шуда, бо ба сари қудрат омадани Шералихон (1842) қатъ гаштааст. Дар ин асар муҳимтарин воқеаҳо сиёсии солҳои 1838-1842 муфассал оварда шудааст, таърихи ташкилёбии баъзе нуқтаҳои аҳолинишин дар Фарғона, аз қабили Олтиариқ, Шаҳрихон, Найманча, Шаҳидон ва дар вилояти Тошканд –Ниёзбек баён гаштааст, солномаву насабномаҳо оварда шудаанд. Дар "Анҷум ат-таворих" баъзе воқеаҳо вобаста ба робитаи хонигарии Қӯқанд бо давлатҳои ҳамсоя – аморати Бухорову хонигарии Хева шарҳ дода шудааст.

Инчунин баъзе масъалаҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоии аморати Бухорои аҳди амир Ҳайдар ва амир Насруллоҳ дар асари "Кашкӯли Салимӣ"-и Мирзо Салимбек[2] инъикос шудаанд. Дар ин асар, ки як ҷузъ аз адабиёти ахлоқӣ ва иҷтимоии тоҷикон аст, таърихи аморати Бухоро ва воқеаҳои давраи нимаи аввали асри XIX низ дар шакли панду таъриф ва ишора ба ҳолатҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ баррасӣ шудааст. Мирзо Салимбек, ки аз адибон ва донишмандон ба шумор мерафт, дар асараш ба ҳолати сиёсӣ ва иҷтимоии аморати Бухоро дар он давра назар андохта, ба мавзуъҳои марбут ба ташаккул ва таҳаввулоти сиёсӣ, вазъи муҳити хеш ва муносибатҳои иҷтимоии замон таваҷҷӯҳ намудааст.

Дар байни сарчашмаҳои муҳими хаттӣ оид ба таърихи давраи ҳукмронии амир Насруллоҳ (солҳои 1827-1860) дар аморати Бухоро рисолаи таърихии

[1] Муҳаммад Аминбек Худоёрхонзода. Анчум ат-таворих. Дастхати № 11366. ИШ АИ ҶӮзб.-106 в.
[2] Мирзо Салимбек. Кашкӯли Салимий. Таворихи муттақаддимин ва муттаахирин (Форс-тожик тилидан ӯзбекчага доцент Нарзулло Йӯлдошев ӯгирган). –Бухоро, 2003. С. 292-300. 344 с.

"Зафар-нома-йи Хусравӣ" мавҷуд аст, ки онро муаллифи номаълум дар соли 1279 ҳиҷрӣ (1862/1863) навиштааст. Ин рисола дар бораи таърихи хонигариҳои Бухоро, Қӯқанд ва Хива дар нимаи аввали асри XIX маълумоти арзишманд медиҳад. Ҷомеаи илмӣ бори аввал бо дастнависи "Зафар-нома -йи Хусравӣ" бо талошҳои олим-муҳаққиқи машҳури таърихи асрҳои миёна Аҳрор Мухторов дар соли 1956 шинос шуд.

Асар аз ҳодисоти даргузашти амир Ҳайдар шуруъ мешавад ва талошҳои писарони ӯ барои ҳокимият, яъне соҳиб шудан ба тоҷу тахти Бухоро инъикос мегардад. Дар асар ҳодисаҳои пуртазод марбут ба сари қудрат омадани амир Насруллоҳ ва таъйини ӯ дар тахт тасвир шудаанд. Муаллиф ҷузъиёти муҳосираи 50-рӯзаи Бухоро, муқовимати сахти тарафдорон ва довталабони мақоми сарвари давлат ва моҳияти табаддулотро, ки дар 27 Рамазони 1242 ҳиҷрӣ (24 апрели 1827) рух додааст, инъикос; мушкилоту душворие, ки бо иваз кардани амирони Ҳайдар, Умархон, Ҳусейнхон ва Насруллохон дар тахт алоқаманд аст, мухтасар тавсиф карда мешавад; се маъракаи низомии Насруллохон дар солҳои 1828, 1844, 1856 ба Шаҳрисабз, ки бо забт ва ҳамроҳшавии ин вилоят ба Бухоро хотима ёфт, муфассал шарҳ дода карда шудаанд.

Рисолаи "Зафар-нома-йи Хусравӣ" ҳамчун яке аз сарчашмаҳои муътамад оид ба таърихи муносибатҳои байни аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд дар нимаи аввали асри XIX тасниф шудааст. Маълумот аз китоб ба як қатор масъалаҳои таърихи Афғонистон, бахусус саргузаштҳои амири афғон Дӯст Муҳаммадхон дар Бухоро, муносибати дӯстона ва созгори Насруллохон нисбати ӯ ва набудани созиш дар ҳалли масъалаи талошҳои муштарак байни афғонҳо ва бухороиҳо бахри дафъ кардани ҳуҷуми таҷовузкорони Бритониё равшанӣ меандозад[1].

Аз навиштаҳо маълум мегардад, ки муаллифи асар иштирокчии бевоситаи раванди ҳодисаҳо будааст. Муаллиф лашкардориву ташкили юришҳои ҳарбии

---

[1] Зафар - нома- йи Хусравӣ. Ответственный редактор - Д.С.Саидмуродов, Душанбе, Дониш, 1989. –С. 23-35. 315 стр. текста-54 стр приложении.

амир Насруллоро муфассал баён кардааст. Ҳаракату муборизаҳое, ки ҳангоми лашкаркашиҳои амир Насруллоҳ ба самти Балх, Қундуз, Истаравшану Қӯқанд, водии Зарафшону Бадахшон рух доданд, батафсил инъикос гаштаанд[1].

Дар «Зафарнома-йи Хусравӣ» муаллиф ба таври муфассал ҷангҳо, маъракаҳои ҳарбӣ ва муборизаҳои сиёсиро, ки дар давраи аморати Бухоро ва хонадони манғитҳо рух додаанд, тавзеҳ медиҳад. Асар ба таври воқеӣ тасвир мекунад, ки чӣ гуна амирон ва ҳокимони Бухоро дар муборизаҳои дохилӣ ва хориҷӣ иштирок доштанд ва роҳбарии сиёсиро ташкил менамуданд.

Дар «Зафар-нома -йи Хусравӣ» маводи муҳим дар бораи масъалаи таърихи ҳарбӣ-сиёсии Осиёи Марказӣ, иншоотҳои фортификатсионии (мудофиавии) шаҳракҳои деҳот, қалъаҳо пешкаш шудаанд. Унсурҳои зарурии қалъа, ба монанди истеҳком (диз, куҳандиз, ӯрда, арк), деворҳои қалъа бо манораҳо, дарвозаҳо, тахтапулҳо, кӯчаҳои асосӣ ва паҳлӯ, кӯй, тангкӯча, чақар қайд карда шудаанд.

Дар робита ба қалъаву аркҳои Бухоро ва Самарқанд муаллифи "Зафар-нома-и Хусравӣ" истилоҳҳои "Ҳисни ҳасин", “арки олӣ”-ро истифода мебарад[2].

Асари «Зафар-нома-йи Хусравӣ» дар бораи таърихи ташкили низомӣ ва аслиҳаи хонии Бухоро дар нимаи аввали асри XIX маълумоти муфассал медиҳад. Дар рисола яроқу аслиҳаи ҷангӣ, техникаи ҳарбӣ, тарзи идоракунии қӯшун ва дигар масоили ҳарбиву низомӣ, ки дар хонигариҳои Бухоро ва Қӯқанд истифода мегаштанд, маълумот дода шудааст. Доираи васеи мафҳумҳо, истилоҳот, ибораҳо аз соҳаи таърихи корҳои ҳарбӣ, қӯшунҳо ва иншооти низомӣ оварда шудаанд. Биёед чизҳои асосиро номбар мекунем: лашкар, воҳидҳои низомӣ, ки бо ёрии синонимҳои сершумор ифода карда шудаанд, инҳоянд: қӯшун, аскария, лашкар, сипоҳ, ҷунуд - ӯнгу сӯл, қалбу ҷиноҳ, эровул, ясол, қаровул, маймана, майсара; намуди аслиҳа - «олоти ҳарб»: тӯп/ тӯб, туфанг, занбӯрак, ғанбӯрак, ҷазойир, аррода, бундуқ, хирмани нафт, ҷавшан; категорияҳои хизматчиёни ҳарбӣ- сипаҳсолорон, сарони сипоҳ, умаро,

[1] Асоева Б. Ҷ. Вижагиҳои луғавию сарфии “Зафарномаи Хусравӣ”. Дисс. номз. илмҳои филология: 10.02.01. –Душанбе, 2003. –С.9.
[2] Зафар – нома - йи Хусравӣ... - С.181.

сарбозон, тавочиён, мерганон, сарҳаддорон, тирандозон; муассисаҳои истеҳсоли ярок, аслиҳаи ҷангӣ, сохтмони шаҳракҳои низомӣ ва анборҳои лавозимоти ҷангӣ - тӯпхона, оташхона, лашкаргоҳ, қӯрхона ва ғ.

«Зафар-нома -йи Хусравӣ» дорои маълумот дар бораи робитаҳои дипломатӣ ва муносибатҳои сиёсати хориҷии Бухоро бо Қӯқанд ва Хева мебошад. Гуфта мешавад, ки бо номи "ўрдабозор" дар маконҳои урдугоҳҳои низомӣ бозорҳо ва бозорҳои муваққатӣ ташкил карда мешаванд. Ин далел ба таърихи иқтисод дахл дорад. Маълумотҳои дар боло овардашуда қисман бошад ҳам, метавонанд дар омӯзиши таърихи дипломатия ва ҳаёти иқтисодӣ ба таври муқоисавӣ истифода шаванд.

Ҳамин тавр, дар сарчашмаҳои хаттӣ маводи муҳими таърихӣ роҷеъ ба таърихи аморати Бухорои нимаи аввали аср XIX гирд оварда шудаанд. Сарчашмаҳои хаттӣ, ки ба таърихи аморати Бухоро мансуб мебошанд, дар ташаккули таърихи ин минтақа нақши муҳим мебозанд. Ин сарчашмаҳо на танҳо ба таърихи сиёсӣ, балки ба фарҳанг, иқтисод ва иҷтимоии ин давра диққати махсус медиҳанд.

Асарҳо ва навиштаҳои он давра, ки тавассути муаррихон маҳаллӣ, ба монанди Мирзо Абдулазими Сомӣ, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ таълиф шудаанд, вобастагии амиқ миёни ҳукуматдорӣ, иҷтимоъ ва фарҳанги аморати Бухороро инъикос менамоянд. Ин навиштаҳо, дар баробари пешниҳод кардани маълумоти таърихӣ, инчунин бо таҳлилҳои амиқ ва шиносоии воқеаҳои асосии сиёсиву иҷтимоии давра метавонанд кумак расонанд.

Сарчашмаҳои хаттӣ ба мавзуъҳои мухталиф сохта шудаанд, ки аксар вақт вазъи сиёсӣ, талошҳои давлатдорӣ, муборизаҳои ботинии гурӯҳҳои ҳоким ва таъсири омилҳои хориҷӣ, хусусан таҳсилоти Россия ва Британияи Кабир дар ҳар ё назди пойи аморати Бухоро равнақ ёфтаанд. Ин мавзуъҳо барои шиносоии мақоми сиёсӣ ва иҷтимоии аморат муҳиманд.

Сарчашмаҳои хаттӣ дар бораи таърихи аморати Бухоро дар сеяки дуюми асри XIX дар баррасии таърихи минтақа аҳаммияти калон доранд, инъикоси тозаи вазъияти сиёсиву иҷтимоии он давра ва эҳсосоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва

фарҳангиро фароҳам меоваранд. Омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ имкон медиҳанд, ки масъалаҳои рисола ба таври мушаххас ва пурра ҳаллу фасл гарданд.

## 1.2. Таърихи аморати Бухоро дар осори шарқшиносони тоинқилобии рус

Таърихи давлатҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро дар асарҳои муҳаққиқони рус низ инъикос ёфтааст.

Воқеаи муҳими таърихи шарқшиносии рус дар ибтидои асри XIX сафорати А.Ф. Негри ба хонигарии Бухоро дар солҳои 1820-1821 ба шумор меравад. Шарқшиносӣ дар Русия дар асрҳои XVIII-XIX, вақте ки кишвар ба Шарқ на танҳо ҳамчун манбаи мол, балки ҳамчун объекти таваҷҷуҳи сиёсӣ ва фарҳангӣ рӯ овард, фаъолона инкишоф ёфт. Сарзаминҳои шарқӣ, аз ҷумла Бухоро, дар баробари афзоиши империяи Русия, имкониятҳои муҳими стратегӣ ва иқтисодӣ доштанд.

Сафорати А.Ф.Негри на танҳо ба густариши тиҷорат мусоидат мекард, балки ҳамчун воситаи стратегияи геополитикии Русия низ хидмат мекард. Дар ин давра хонии Бухоро бо давлатҳои ҳамсоя, аз қабили Афғонистон ва Эрон муносибатҳои душворе дошт. Омӯзиши сарватҳои табиӣ ва шароити сиёсии минтақа барои ташаккули сиёсати хориҷии Русия муҳим буд.

Миссияи А.Ф. Негри мақсад дошт, ки на танҳо корҳои дохилии Бухоро, балки равобити берунии онро низ таҳқиқ намояд - ин мурочиат ба вазъ бо империяи Усмонӣ ва нимҷазираи Ҳиндустон аз аҳаммияти ин минтақа хамчун арсаи геополитикӣ сухан меронад.

Ба миссия дохил шудани олимон ва муҳандисон муносибати илмиро ба таҳқиқи минтақа муайян намуд. Хулосаҳое, ки дар ҷараёни сафорат ба даст оварда шудаанд, метавонанд ба таҳқиқот ва коркардҳои минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҷуғрофиё, таърих ва иқтисоди Осиёи Марказӣ таъсири назаррас расонанд. Сардори миссия А.Ф. Негри ҳамчун фиристода манфиатҳои давлати

Русияро дар ин минтақа ифода мекард. Фаъолияти дипломатии ӯ маънои таҳкими мавқеи Русия дар Осиёи Марказӣ буд. Э.А. Эверсман ҳамчун табиатшинос дар бораи набототу ҳайвоноти минтақа маълумоти илмӣ дод, ки ин барои дарки экосистема ва азхудкунии сарватҳои табиӣ низ мухим буд. Шарқшинос Е. Мейендорф ва афсарони низомии воҳидҳои гуногун тавонистанд дар ҷамъоварии иттилооти стратегӣ кумак кунанд, ки таваҷҷӯҳи низомиро дар минтақа нишон медиҳанд[1].

Бухоро дар он замон маркази муҳимми фарҳанг ва илми исломӣ буд. Миссияи А.Ф. Негри дар мубодилаи фарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмии байни Русия ва Осиёи Марказиро кушод. Амиқтар шудани дониш дар бораи халқҳо, фарҳанг ва анъанаҳои онҳо на танҳо дар тиҷорат, балки ба барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ низ мусоидат кард.

Сафорат А.Ф. Негри ба хонии Бухоро дар таърихи шарқшиносии рус саҳифаи муҳим ва марҳалаи дуюми экспансия дар Осиёи Миёна гардид. Вай на танҳо ба инкишофи тиҷорат мусоидат кард, балки инчунин дарк намудани вазъияти сиёсии ин минтақаро амиқтар гардонд, ки баъдтар ба забт ва ҳамгироии Осиёи Миёна ба империяи Русия таъсир расонд. Ин миссия инчунин ибтидои омӯзиши мунтазами илмии Осиёи Миёнаро нишон дод, ки баъдан барои бисёр тадқиқотҳо ва экспедитсияҳо асос гардид.

Чунончи, узви экспедитсия Е.К. Мейендорф асари "Сафар аз Оренбург ба Бухоро"[2]-ро ба табъ расонид, ки он аз муҳимтарин сарчашма – инъикосгари таърихи Бухоро ва дигар маҳалҳои Осиёи Миёнаи солҳои 20-уми асри XIX ба шумор меравад. Е.К. Мейендорф ин асарро баъди бозгашт аз сафар дар ҳайати сафорати русҳо таҳти сарварии А.Ф. Негри навиштааст. Ин асар соли 1826 дар Париж бо забони фаронсавӣ нашр мешавад. Худи ҳамон сол дар шаҳри Йена китоб бо забони олмонӣ ба табъ мерасад. Асари мазкур дар доираи олимони рус хуш пазируфта мешавад. Зеро аввалин тавсифи таърихи хонигарии Бухоро маҳсуб меёбад. Муаллиф воқеаҳои таърихиро, аз ҷумла вазъи сиёсии Бухороро

[1] Мейендорф Е.К. Путешествие из Оренбурга в Бухару. - М., 1975.- С. 5- 6.
[2] Мейендорф Е. К. Путешествие из Оренбурга в Бухару. Под ред. Н. А. Халфина. - М.: Наука, 1975. - 181 с.

ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар бораи шаҳрҳо ва ноҳияҳои Осиёи Миёна маълумоти ҷолиб пешкаш кардааст.

Китоби Е.К. Мейендорф аз се қисм ва ҳар яки онҳо аз 5-8 боб иборатанд. Муаллиф дар бораи муносибати хонигариҳои Бухоро ва Қӯқанд маълумот дода, таъкид мекунад, ки ҳарду хонигарӣ дар арсаи зиддият қарор доштанд. Байни онҳо доимо ҷангҳо сурат мегирифтанд. Низоъ асосан барои мулкҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа сурат мегирифт. Қисми сеюми китоб пурра ба аморати Бухоро бахшида шудааст. Дар асар маълумоти муфассал дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии хонигарӣ, сохтори сиёсӣ-маъмурӣ, ҳолати лашкар, ҳаёти маънавӣ оварда шудааст. Е.К. Мейендорф инчунин дар бораи робитаҳои дипломатӣ ва тиҷоратии Бухоро ва Русияи подшоҳӣ дар нимаи аввали асри  XIX маълумот пешниҳод кардааст.

Е.К.  Мейендорф дар охири соли 1820 ва аввали соли 1821 аз Бухоро дидан карда, навиштааст: «Посёлкаҳо одатан деҳаҳоро ифода мекунанд, ки нисфи онҳоро боғҳо пинҳон кардаанд. Ман деҳаҳоро дидам, ки пурра бо деворҳо иҳота шудаанд: баъзеҳо ба қалъаҳо монанд буданд; дигарон кушодаанд, онҳоро танҳо боғҳо пӯшидаанд. Ин деворҳо, ки аксар вақт бурида ва бо манораҳои хурд муҳофизат карда мешаванд, ба кишвар намуди зебо мебахшанд, аммо ин маънои онро дорад, ки сокинон аз ғоратгарӣ метарсанд. Бо ёдоварӣ аз тохтутозҳои пайвастаи кӯчманчиён ба ин қалъаҳо дар Мовароуннаҳр, кас гумон мекунад, ки мавҷудияти онҳо танҳо як зарурати ғамангез аст"[1].

Е.К. Мейендорф, инчунин П.И.Демезон, И.В.Виткевич мутаносибан дар Бухоро дар солҳои 1821 ва 1834 буданд, маълумоти кӯтоҳ, вале хеле муҳим дар бораи ташкили корҳои ҳарбии аморатро пешкаш намудаанд. Ба гуфти онҳо, лашкари Бухоро аз аскарони савора иборат аст, ки ба онҳо ё тобеин ё зархаридон дохил мешаванд. Онҳо лашкари мунтазам ташкил медоданд, ки шумораашон 25 ҳазор нафар буд ва аскарони савора 60 ҳазор нафар буданд. Хон метавонист 12-13 ҳазор нафар лашкари мунтазамроо берун аз Бухоро

[1] Мейендорф Е. К. Путешествие из Оренбурга в Бухару. -М.: Наука,1975. – С. 86

фиристад, ҷойҳои сарҳадиро, хусусан Ӯротеппа, Ҷиззах, Самарқанд, Қарокул ва Қарширо дифоъ мекарданд[1].

Ба гуфтаи Е.К. Мейендорф, сарбозони Бухоро "сипоҳ" ё "қараaламон" номида мешаванд. Афсаронро даҳбошӣ, чуроғосӣ, юзбошӣ, мингбошӣ, ҷӯрабошӣ, панҷсадбошӣ, тӯқсабо (фармондеҳи полк), қӯрғонбегӣ, додхо (фармондеҳи чанд полк ё генерали дивизия); парвоначӣ (фармондеҳи қӯшунҳо ё маршал) меномиданд. Дастаи ҳарбии панҷсадбошӣ байрақи хурд дорад. Дар паҳлуи мингбошӣ яке аз сарбозон байрақи калон -туғро мебардорад[2].

Мувофиқи маълумоти Е.К.Мейендорф (1820-1821), ки В.Н. Григорев (1861) ба он ишора кардааст, Арк (Кремл) -и Бухоро дар миёнаи шаҳр дар теппаи табиӣ бо номи Нумишкенд (Намиҷкат) сохта шудааст. Баландии он аз 35 то 40 газ[3], диаметраш аз 400 то 500 газ аст. Деворҳои арки Бухоро то 10 газ баланди дошт ва як дарвоза дошт[4]. Куҳандизҳо дар Самарқанд, Ӯротеппа, Хуҷанд ва дигар шаҳрҳо низ вуҷуд доштанд ва масоҳату намуди онҳо каму беш ба ҳам монанд буданд.

Сипоҳҳо бо милтиқи маҳаллӣ, пайкони хеле дароз ва шамшери каҷ мусаллаҳанд. Баъзеҳо зиреҳ, кулоҳи оҳанӣ ва сипари чармин доштанд. Хон ҳама сола тафтиши инспексия лашкарҳояшро ба роҳ мемонд ва аз назар мегузаронид.

Дар Бухоро якчанд воҳиди тӯпҳои муқаррарӣ истифода мешуданд. Ба гуфтаи П.И. Демезон: «Ҳашт ё даҳ тӯпи кӯҳна, ки аз онҳо ҳамагӣ чаҳортояш ароба доранд, тамоми артиллерияи Бухороро ташкил медиҳанд, ки ба онҳо маҳбусони рус ва форс хидмат мекунанд. Ҳангоми ташрифи ман дар Бухоро, хон ду маротиба кӯшиш кард, ки бо усули рехтагарӣ тӯпҳоро тайёр намояд, аммо ин натиҷа надод»[5]. И.В. Виткевич соли 1834 навиштааст, ки дар Арки Бухоро ва Қасри Амир "Дувоздаҳ тӯп ва ду мортир (миномет) дар зери соябон

---

[1] Ҳамон ҷо. –С.139.

[2] Ҳамон ҷо. –С.139.

[3] Газ - форсӣ. ченаки дарозӣ, ки арзиши он дар ҷой ва вақт аз 0,7 то 1 м фарқ мекард.

[4] Мейендорф Е. К. Путешествие из Оренбурга в Бухару. -М.: Наука,1975. - С.92; О некоторых событиях в Бухаре, Хоканде и Кашгаре. Записи Мирза Шемса Бухары, изданные в тексте с переводом и примечаниями В.В.Григорьевым. -Казань, 1861. – С.55.

[5] Записки о Бухарском ханстве (Отчеты П.И. Демезона и И.В. Виткевича). –М.: ГРВЛ, 1983. –С. 72-73.

хобидаанд" (мортир яке аз навъҳои тӯпи кӯтоҳ ва тӯпи калибраш хурд аст – Ш. Ғ.)[1].

П.И. Демезон ва И.В. Виткевич оид ба шумораи яроқ ва шумораи сарбозон андешаи якхела пешниҳод мекунанд. Таъкид гаштааст, ки "Хон тақрибан ҳаждаҳ адад тӯп дорад, аммо онҳо дар чунин вазъият ҳастанд, ки чандон фоидаовар нестанд. Онҳоро бо аробаҳо меоранд, тӯпҳоро бевосита ба аробаҳо баста, тир мепарронанд. Як тӯп бо номи императорзан рус Елизавета Петровна ва ду мортири рус мавҷуд аст, ки ин силоҳҳоро ба он ҷо, тавре мегӯянд, Нодиршоҳ овардааст. Илова бар ин, хон дорои чанбуракҳо аст"[2].

Барои таҳлили таърихи муборизаи Англия ва Русия барои нуфуз дар Осиёи Миёна саҳми китоби А. Борнс «Сафар ба Бухоро»[3] махсусан муҳим аст. Дар нимаи аввали асри XIX қудратҳои аврупоӣ, бахусус Британияи Кабир ва Русия, барои назорат бар қаламравҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, аз ҷумла Осиёи Марказӣ фаъолона рақобат мекарданд. Ин минтақа на танҳо ҳамчун як нуқтаи транзити молҳо, балки ҳамчун қаламраве муҳим буд, ки ба Ҳиндустон роҳҳо ва имкони нуфузи мустамликадоронро мекушод.

А. Борнс хонигарии Бухороро унсури асосии низоми савдои байни Аврупо ва Осиё медонад. Ин андеша аҳаммияти мавқеи ҷуғрофии Бухороро барои манфиатҳои иқтисодии ҳарду қудрат тасдиқ мекунад. Роҳҳои транзитӣ на танҳо ба тиҷорат, балки паҳншавии таъсири фарҳангӣ ва сиёсӣ низ имкон медоданд.

А. Борнс ҳамчун як сайёҳи хусусӣ баромад мекунад, ки ҳадафи аслии ӯ - иктишофи ширкати Ост-Индияро таъкид мекунад. Ин на танҳо хатарҳои марбут ба ҷамъоварии иттилоот дар ин минтақаро (бо назардошти сарнавишти пешгузаштагони он), балки дараҷаи баланди рақобати байни Британияи Кабир ва Русияро нишон медиҳад.

---

[1] Ҳамон ҷо. – С.103.
[2] Ҳамон ҷо. - С.114.
[3] Борнс, А. Путешествие в Бухару: рассказ о плавании по Инду от моря до Лагора с подарками Великобританского короля и отчет о путешествии из Индии в Кабул, Татарию и Персию, предпринятом по предписанию высшего правительства Индии в 1831, 1832 и 1833 годах лейтенантом Ост-Индской компанейской службы, Александром Борнсом, членом Королевского общества.- М., 1848 – 1849. Ч. 1. – 528 с; Ч. 2. -502 с.; Ч. 3. -628 с.

Сафари А. Борнс барои гирдоварии маълумот дар бораи сохти сиёсию иҷтимоии аморати Бухоро имконияти беназир фароҳам овард. Тавсифи ӯ дар бораи кори идораҳои маҳаллӣ, низоми ҳарбӣ ва хоҷагӣ барои фахмидани сиёсати дохилии хонӣ маълумоти пурқимат медиҳад.

«Саёҳат ба Бухоро»-и А. Борс сарчашмаи муҳимест, ки оид ба ҷуғрофиё, фарҳанг ва иқтисоди Осиёи Миёна маълумот медиҳад. Шарҳ ва тафсири вижагиҳои меъморӣ, расму оинҳои аҳолӣ ва вазъи савдо ин асарро барои омӯзиши минтақа асоснок мекунад.

А. Борнс вазъи ҳуқуқии қавмҳои мухталиф, аз қабили яҳудиён ва ҳиндуҳоро ёдовар шуда, ба гуногунрангии ҷомеаи Бухоро ва табиати бисёрқабатаи он таъкид мекунад. Ин ҳам равобити мутақобилаи фарҳангу динҳои гуногунро дар фазои хонии Бухоро инъикос мекунад.

Тадқиқоти Александр Борнс зарурати муносибати мунтазам ва беғаразонаро барои омӯзиши минтақаҳои ношинос таъкид мекунад. Сабти муфассали вохӯриҳо ва мушоҳидаҳои ӯ дорои арзиши илмӣ буда, барои таҳқиқоти минбаъдаи таърихӣ замина шуда метавонад.

Асари А. Борнс дар омӯзиши ҳамкории қудратҳои аврупоӣ дар Осиёи Марказӣ дар шароити рақобати Англия ва Русия саҳми назаррас дорад. Он на танҳо ҷанбаҳои муҳими таърихи тиҷорат ва сиёсати ин минтақаро шарҳ медиҳад, балки муносибатҳои мураккаби иҷтимоӣ ва фарҳангиро, ки дар хонигарии Бухоро вуҷуд доштанд, нишон медиҳад. Китоб барои муаррихону муҳаққиқоне, ки ҷанбаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии Осиёи Марказиро меомӯзанд, ҳамчун манбаи муҳим хизмат мекунад.

Вазъи ҳарбӣ - сиёсии ва аморати Бухорои аҳди амир Насруллоҳ дар ҳуҷҷатҳои дипломатии Русияи подшоҳӣ низ инъикос гаштааст. Чунончи, масъалаи мазкур дар ҳисоботи П.И. Демезон ва И.В. Виткевич[1], ки ба Бухоро ва Афғонистон ташриф овардаанд, инъикос гаштааст. П.И. Демезон дар қайдҳои худ ба генерал-губернатори Оренбург В.А. Перовский дар бораи вазъи лашкари

[1] Записки о Бухарском Ханстве (Отчеты П.И.Демезона и И.В. Виткевича) [текст] /П.И. Демезон и И.В. Виткевич. – Москва: Наука, 1983. – 452 с.

Бухоро ҳисобот пешкаш кардааст. Ӯ таъкид намудааст, ки лашкари Бухоро, асосан аз саворагон иборат мебошад.

И.В. Виткевич дар навиштаҳои худ, асосан мазмуни қайдҳои П.И. Демезонро такрор мекунад ва зикр менамояд, ки Ботурхон (амир Насруллоҳ-З.Ғ.) соҳиби 18 адад тӯп мебошад.

Афзоиши шумораи сафоратхонаҳо ва намояндагиҳои дипломатии Русия дар Бухоро дар солҳои 30-юми садаи XIX аз таваҷҷуҳи Русия ба Осиёи Марказӣ шаҳодат медиҳад. Ин вақт бо амиқ шудани рақобати Англия ва Русия хос буд, ки дар баробари даъвоҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ масъалаҳои амният ва ҳифзи роҳҳои тиҷоратро дар бар мегирифт. Русия саъй мекард, ки бо тавсеаи шабакаи равобити дипломатӣ ва тиҷории худ нуфузи худро дар минтақа мустаҳкам кунад.

Намояндагони дипломатӣ на танҳо ба таҳкими робитаҳои сиёсӣ, балки барои ҷамъоварии маълумот дар бораи сиёсати маҳаллӣ, иқтисодиёт ва артиш низ нигаронида шудаанд. Ин ба манфиатҳои ҳукумати Русия дар таъмини субот ва мавҷудияти манобеи стратегӣ дар минтақа мувофиқ буд.

П.И. Демезон дар қайдҳои худ оид ба вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии хонигарии Бухоро маълумоти арзишманд медиҳад. Дар осори ӯ дар бораи лашкар, тиҷорат ва дигар паҳлуҳои ҳаёти хонӣ маълумот дода мешавад. Ин маълумот барои таърихшиносон хеле муҳим аст, зеро сабтҳои П.И. Демезон имконият медиҳанд, ки ба корҳои дохилии Бухоро бо чашми ҳамзамони воқеаҳо назар кунем.

П.И. Демезон на танҳо далелҳои таърихиро қайд мекунад, балки сабабҳои хусусиятҳои рушди Бухороро таҳлил мекунад, ки ин аз майлу хоҳиши тарафи рус барои дарки вокеияти маҳаллӣ шаҳодат медиҳад. Дар тавсияҳои ӯ ба ҳукумат зарурати муносибати стратегӣ дар робита бо хонии Бухоро таъкид шудааст.

Қайдҳои прапоршик И.В. Виткевич оид ба фаҳмидани вазъияти сиёсӣ ва иқтисодии Бухоро муҳим мебошад. Натиҷаи сафарҳои И.В. Виткевич, тафсилоти муҳим ва мушоҳидаҳои воқеиро дар бораи рафти муносибатҳои

дипломатӣ, роҳҳои тиҷоратӣ ва маъмурияти маҳаллӣ маълумоти муҳим пешкаш мекунад.

Сабтҳои дипломатҳо ва сайёҳон як ҷузъи муҳими таҳлили таърихӣ гардида, сарчашмаҳои ибтидоиро таъмин мекунанд, ки на танҳо далелҳо, балки контексти муносибатҳоро инъикос мекунанд. Афзоиши шумораи миссияҳои русӣ ва сабтҳои чунин муаллифон, ба монанди П.И. Демезон ва И.В. Виткевич, дар бораи динамикаи мураккаби равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар хонии Бухоро дар давраи афзоиши нуфузи Русия дар Осиёи Миёна маълумот медиҳад. Ин ҳуҷҷатҳо барои таҳлили  ҳамкории ду кишвар асос буда, на танҳо сиёсати берунӣ, балки масъалаҳои дохилӣ ва хусусиятҳои минтақаро дар он давр тавсиф мекунанд.

Аз муҳаққиқони рус  маълумоти ҷолиброо оид ба Бухорои соли 1835 П. Савелев[1] пешниҳод кардааст. Дар асари ӯ, аз ҷумла тавсифи Бухоро, маълумот дар бораи қасри хон, масҷиду мадрасаҳо, бозорҳо, ҳаммому корвон саройҳо, вазъи тиҷорат бо Русия, Чин, Эрону Туркия, оид ба сафари сайёҳони аврупоӣ (Ҷенкинсон, Муркфорт, Гетри, Бернс, Гонигбергер, Негри, Демезон) ба Бухоро баррасӣ шудаанд.

Асари П. Савелев яке аз аввалин манбаъҳои мукаммали русист, ки Бухороро ҳамчун маркази муҳимми сиёсӣ, фарҳангӣ ва тиҷоратӣ тавсиф мекунад. П. Савелев бо мушоҳидаҳои худ шароити ҷуғрофӣ, роҳҳои тиҷоратӣ, вазъи иҷтимоӣ ва сохторҳои идории шаҳрро ба таври муфассал тавсиф намудааст. Ҷанбаи хоси ин асар дар он аст, ки П. Савелев маълумоти ҳамаҷониба дар бораи ҳамаи сайёҳони аврупоӣ, ки то соли 1835 Бухороро дидан кардаанд, пешниҳод кардааст. Ин таҳлили муқоисавӣ барои шарқшиносон ва таърихшиносон хеле арзишманд аст, зеро имкон медиҳад, ки нуқтаи назари гуногун оид ба вазъи минтақа баррасӣ гардад.

[1] Савельев П.  Бухара в 1835 году: С присоединением известий обо всех европейских путешественниках, посещавших этот город до 1835 года включительно. – СПб, 1836. -27 с.

Асар муносибати илмии русҳоро ба аморати Бухоро инъикос мекунад ва таваҷҷуҳи русҳоро ба ин минтақа ҳамчун як нуқтаи стратегии муҳими геополитикӣ ва иқтисодӣ нишон медиҳад.

П. Савелев таваҷҷуҳи зиёд ба фарҳанг, урфу одатҳо, тарзи зиндагӣ ва муносибатҳои иҷтимоии мардуми Бухоро зоҳир намудааст. Ин маълумот барои омӯзиши этнография ва фарҳанги мардумони Осиёи Миёна манбаи нодир маҳсуб мешавад. Асар барои хонандагони рус манбаи муҳимест, ки маълумоти аврупоиёнро дар бораи Бухоро дар як асари ягона ҷамъоварӣ кардааст. Ин имкон медиҳад, ки маълумоти пароканда мутамарказ ва бо шарҳҳои иловагӣ пешниҳод шавад.

Асар ҳамчун яке аз аввалин намунаҳои таҳқиқоти русӣ дар бораи Бухоро ва Осиёи Миёна аҳамияти таърихӣ дорад. Он нишон медиҳад, ки чӣ гуна Русия ба минтақа таваҷҷуҳ дошт ва барои густариши дониши худ дар бораи Осиёи Миёна саъй мекард. Таҳқиқоти П. Савелев заминае барои рушди минбаъдаи шарқшиносӣ ва сафарномаҳои рус дар Осиёи Миёна гардид. Он инчунин дар таҳияи сиёсати Русия нисбат ба Бухоро ва дигар аморати минтақа нақш бозид.

Ба таври умум, асари «Бухара в 1835 году» на танҳо манбаи таърихӣ ва ҷуғрофии муҳим мебошад, балки ҳамчун як намунаи аввали таҳқиқоти систематикӣ ва илмии рус дар бораи Осиёи Миёна аҳаммияти махсус дорад. Он барои шарқшиносон, таърихшиносон ва ҷуғрофидонон иттилооти гаронбаҳо фароҳам меорад ва то ҳол ҳамчун манбаи бунёдӣ арзишманд аст.

Бо таклифи амир Насруллоҳ солҳои 1841-1842 ба Бухоро муҳандиси рус К. Ф. Бутенов ташриф меоварад. Ҳадафи ӯ омӯхтани конҳои тиллои қаламрави аморат буд. Ҳайати мутахассисони рус калонтарин конҳои тиллоро муайян карда натавонистанд[1].

Бо ҳамроҳии К. Ф. Бутенев ба ҳайси ёвари ӯ Н.В. Хаников ба Бухоро омада, маълумоти ҷолиб дар бораи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, қувваҳои истеҳсолӣ, рӯзгори аҳолӣ ҷамъ намуд. Соли 1843 китоби алоҳидаи Н.В.

[1] Иванов П.П. Очерки истории Средней Азии (XVI- середина XIX в.). – М., 1958. – С.145.

Хаников таҳти унвони “Тавсифи хонии Бухоро”[1] ба табъ мерасад. Дар китоби худ Н.В. Хаников муфассал дар бораи хонигарии Бухоро, хусусияти сохтори идоракунии маъмурӣ, роҷеъ ба бозорҳо, растаҳои савдо ва карвонсаройҳо маълумот додааст.

Дар китоби Н.В. Хаников муфассал масъалаҳои зайл: ҳудуд, топография, орфография, гидрография, иқлим, қабилаҳо ва ҷойгиршавии аҳолӣ, саноат (яъне, ҳунармандӣ), тиҷорат, хоҷагии қишлоқ, сохтори маъмурӣ, маорифи хонигарии Бухоро мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар қисмати хотимавии китоб дар бораи ба тахт нишастани амир Насруллоҳ ва юриши ҳарбии ӯ ба хонигарии Қӯқанд (солҳои 1840-1842) маълумот дода шудааст. Дар китоб масъалаҳои таърихӣ-сиёсӣ дар боби аввал ва хотима оварда шудааст.

Н.В. Хаников рӯйхати 19 шаҳри асосии Аморати Бухороро қайд кардааст: 1) Бухоро, 2) Кармина, 3) Зиёуддин, 4) Катта-Қӯрғон, 5) Самарқанд, 6) Панҷакент, 7) Хотирчӣ, 8) Нурата, 9) Панҷшанбе, 10) Челек, 11) Янги Қӯрғон, 12) Ҷиззах, 13) Ӯратеппа, 14) Чоршанбеи Ромитан, 15) Пайканд, 16) Қароқул, 17) Чорҷуй, 18) Қаршӣ, 19) Хузар[2].

Низоъҳои дохилидарбории феодалӣ, мубориза барои тахт, ки баъди вафоти амир Ҳайдар (1826) сурат гирифт, юришҳои амир Насруллоҳ ба самти Қӯқанд, ишғол гаштани мулкҳои Ҷиззах, Ӯротеппа ва Хуҷанд, тасарруфи Қӯқанд, муваққатан ҳокими мутлақи Мовароуннаҳр гаштани амир Насруллоҳ баён гаштаанд. Воқеаҳои таърихи сиёсӣ аз соли 1802, яъне ба тахт нишастани амир Ҳайдар, ҳукмронии амир Насруллоҳ то соли 1842, яъне то дар қаламрави Бухоро қарор доштани муаллифи китоб шарҳ ёфт. Дар асар баъзе мулоҳизаҳо дар бораи робитаҳои беруна, муносибати аморати Бухоро бо давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла бо Русия низ оварда шудаанд.

Натиҷаи муҳими асари шарқшинос Н.В. Ханиковро Д.Ю. Арапов равшан нишон медиҳад: «Вай бори нахуст ба забони русӣ дар бораи хонигарии Бухоро асари умумие офаридааст, ки дар он дар бораи шароити табиӣ, вазъи иҷтимоию

---

[1] Ханыков Н.В. Описание Бухарского ханства. – СПб.: Тип. Имп. Академии наук, 1843. - 279 с.
[2] Ханыков Н.В. Описание Бухарского ханства. –С.78-79.

сиёсӣ ва иқтисодӣ, инкишофи маориф ва фарҳанг маълумот дарҷ гардидаанд. Н.В. Хаников дар он натиҷаҳои тадқиқоти пештара, материалҳои мушоҳидаҳои худ ва маълумоти маъхазҳои хаттиро ба таври таҳлилӣ истифода бурдааст»[1]. Кисми якуми асари Н.В. Хаников тавсифи ҳудуди ҷуғрофӣ, топографияи таърихӣ ва шароити иқлими хонигарии Бухороро дар бар мегирад. Н.В. Хаников дар асари худ масъалаҳои таркиби этникии аҳолии Бухороро муфассал таҳлил мекунад. Н.В. Хаников вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии хонигарии Бухоро, аз ҷумла масъалаҳои ҳолати заминдорӣ, кишоварзӣ, хунармандӣ, савдои дохилию беруниро амиқ таҳқиқ мекунад. Муаллиф ба таҳлили сохти маъмурию давлатии хонигарии Бухоро мароқи калон зоҳир намудааст. Дар бораи бюрократизми давлатӣ, роҳҳои ба даст овардани унвонҳои баландро шарҳ медиҳад, дар бораи тарзу усулҳои таълим дар мактабу мадрасаҳо маълумот медиҳад, вале дар айни замон оид ба табақабандии ҷамъияти Бухоро ва он гурӯҳҳои иҷтимоӣ чизе наменависад, яъне унсурҳои сохти ҷамъиятиро баррасӣ накардааст.

Як силсила асарҳо-сарчашмаҳои хаттии аз ҷониби намояндагони сафоратҳо, экспедитсияҳо, миссияҳои русҳо навишта шуда, оид ба муносибатҳои тиҷоративу дипломатӣ байни Русияи подшоҳӣ бо аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX нақл мекунанд. Ба қатори ин асарҳои А. Леман[2], Богословскийи 2-юм[3], К. Бутенев[4] ва ҳуҷҷатҳои дар китоби А.С. Серебренников[5] ҷой додашуда, китоби Н. Игнатев[6] дохил мешаванд.

---

[1] Арапов Д.Ю. Бухарское ханство в русской востоковедческой историографии. - изд. Московского университета. - 1981. –С. 37.

[2] Alexsander lehmanns / Relse nach Buchara und Samarkand in den Jahren 1841 und 1842. Nach den binterlassenen Schriften desselbenbear-beltet und mit Anmerkungen versehen von G.V. Helmersen Beltrage zur Kenntnlss des Russischen Rd. XVII/ St.-Pib. 1852.

[3] Богословский—2-й. Записка о долине Зеравшана и горах ее окружающих//Горний журнал – 1842. Ч.II. Книга 2. – 206 с.

[4] Бутенев К. Минеральные богатства Бухарии// Горный журнал. 1842. Ч.2. Книга 11. –С.137-148. Ҳамон муаллиф. Заводское дело в Бухарии// Горный журнал. 1842 Ч.5. Книга 11. –С.48-154; Ҳамон муаллиф. Монетное дело Бухарии// Горный журнал. 1842 Ч.5. Книга 11. –С.154-163.

[5] Серебренников А.Г. Туркестанский край. «Сборник материалов для истории его завоевания», т. I—IV, Тошкент, 1912—1916.

[6] Игнатьев Н. Миссия в Хиву и Бухару в 1858 г. флигель-адъютанта полковника Н. игнатьева. –СПб., 1897. -278 с.

Солҳои 50-уми асри XIX олимони рус ба ҳолат ва дурнамои инкишофи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Русия ва Бухоро бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Ба ин масъалаҳо асари иқтисодчии машҳури рус П. Неболсин, олимони рус А. Семёнов, В. Долинский бахшида шудаанд[1].

Солҳои 60-уми асри XIX дар аксари нашрияҳои русҳо масъалаи таъсиси протекторати Русия дар болои Бухоро ва пурзӯр кардани сиёсати иқтисодии Русия дар ин кишвар хеле хусусияти тезутунд ва актуалӣ пайдо кард.

Роҷеъ ба ташкили муносибатҳои дипломатии хонигарии Бухоро бо Русия дар давоми солҳои 1836-1843 ва натиҷаҳои сафорати русҳо таҳти роҳбарии Н. Игнатев соли 1858 асарҳои Н. Залесов[2] нақл мекунанд. Дар ин асар ҳайати сафоратҳо, сабабҳои фиристодашавии онҳо, вазифаҳои онҳо ва натиҷаҳои бадастомада дар заминаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ шарҳ дода шудаанд. Асарҳои Н. Залесов дар ин замина барои фаҳмиши амиқтар дар бораи сабабҳо ва натиҷаҳои сафоратҳо хеле муфиданд. Вай бо истифода аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ далелу қарорҳои асосӣ ва арзиши сиёсати Русияро бо Бухоро тайид мекунад.

Дар омӯзиши таърихи аморати Бухоро ҳамчун намояндаи самти академии шарқшиносии рус, профессор, шарқшиноси барҷаста В.В. Григорев «Ёддоштҳои Мирзо Шамси Бухорӣ»-ро соли 1861 ба табъ расонидааст[3].

«Ёддоштҳои Мирзо Шамси Бухорӣ» ҳамчун манбаи таърихӣ маълумоти арзишмандеро дар бораи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Бухоро ва минтақаҳои атроф пешниҳод мекунад. Нашри ин ёддоштҳо тавассути В.В.Григорев дар замони худ ба таҳқиқотчиён имкон дод, ки дар бораи таърихи ин минтақа бештар ва боэътимодтар маълумот гиранд.

---

[1] Небольсин П.И. Очерки торговли России со Средней Азией. – Записки Русского географического общества. Т.Х. Спб. 1856.; Семенов А. Изучение исторических сведений о российской внешней торговле и промышленности с половины XVII столетия по 1856 г., ч. 3, гл VII, отд. II. Спб. 1856.; Долинский В. Об отношениях России к среднеазиатским владениям и об устройстве среднеазиатской степи. Спб., 1865.

[2] Залесов Н. Очерк дипломатических сношений России с Бухарою с 1836 г. по 1842 г. //Военный сборник. – 1862. -№ IX. -45 с.; Ҳамон муаллиф. Посольство в Хиву и Бухару полковника Игнатев в 1858 г. // Русский вестник. -1871. Т.91. -№2. –С.421-440.; Ҳамон муаллиф. Письмо из Бухары// Военный сборник. -1860. Т.XII. -С. 235-348.

[3] Григорьев В. В. О некоторых событиях в Бухаре, Коканде и Кашгаре. Записки Мирзы-Шемса_ Бухари, Казань, 1861.

Ин ёддоштҳо намунаи осори хаттӣ ва адабии аслӣ мебошанд, ки аз тарафи муаллифи ватанӣ навишта шудаанд. В.В. Григорев бо нашри онҳо чунин манбаъҳоро барои ҷомеаи илмии Аврупо дастрас намуд, ки он замон барои омӯзиши Шарқ ба ин гуна осор ниёзи зиёд вуҷуд дошт.

В.В Григорев яке аз намояндагони пешоҳанги самти шарқшиносии рус буд ва кори ӯ дар нашри ин ёддоштҳо ба рушди илмӣ ва маърифати шарқшиносӣ дар Русия саҳм гузошт. Вай бо нашри матнҳои аслӣ ва пешниҳоди шарҳу эзоҳҳои илмӣ барои ин матнҳо роҳи нави таҳқиқи осори хаттӣ ва таърихи Осиёи Миёнаро ба вуҷуд овард.

В.В Григорев бо истифода аз методҳои таҳлили муқоисавӣ, ки дар шарқшиносӣ навоварона буд, «Ёддоштҳои Мирзо Шамси Бухорӣ»-ро таҳқиқ намуда, онро дар заминаи манбаъҳои дигар ҷойгир кард. Ин кори ӯ намунаи барҷастаи таҳқиқоти илмии байнисоҳавӣ ва ҳамаҷониба мебошад.

Нашри «Ёддоштҳои Мирзо Шамси Бухорӣ» на танҳо ба афзоиши таваҷҷуҳи шарқшиносони дигар ба осори хаттии Осиёи Миёна мусоидат кард, балки ҳамчун сарчашмаи мустақим барои таҳқиқоти минбаъда дар бахшҳои таърих, адабиётшиносӣ ва фарҳангшиносӣ истифода шуд.

Таҳқиқоти анҷомдодаи В.В. Григорев дар заминаи нашри «Ёддоштҳои Мирзо Шамси Бухорӣ» ҳамчун як қадами муҳими илмӣ дар рушди шарқшиносӣ ва шинохти таърихи Осиёи Миёна арзиши баланд дорад. Ин кори ӯ ба ҷомеаи илмӣ имконият дод, ки бо осори хаттии нодир ошно шаванд ва барои таҳқиқоти минбаъда асос гузорад.

Соли 1863 шарқшиноси машҳури венгер А.Вамбери таҳти ниқоби зоири мусулмон ба Бухоро сафар мекунад. Ӯ дар китобҳои худ оид ба табиат, таърих, ҷуғрофиё ва этнографияи аҳолии Бухоро ва тамоми Осиёи Миёна маълумоти пурарзиш медиҳад. Маводҳои ҷамъовардаи ӯ, асосан ба қабилаҳо ва аҳолии шаҳр, ҳунару тиҷорат, соҳаи иқтисодӣ, хусусият ва шароити савдои ғуломдорӣ ва ғайра бахшида шуда буданд[1].

[1] Вамбери А. История Бухары. Или Трансоксании. Пер. с англ., т. 1,2, Спб., 1873. Ҳамон муаллиф. Путешествие по Средней Азии из Тегерана через Туркменскую пустыню по восточному берегу Каспийского моря в Хиву,

Натиҷаи сафар ва маълумотҳои А. Вамбери доир ба Бухоро диққати махсуси таърихшиносон ва шарқшиносони русро ба худ ҷалб кардааст. Маълумоти пешниҳодкардаи ӯ ба баррасии иқтисоди Бухоро, тадқиқи ҷанбаи иҷтимоӣ ва корҳои тиҷоратӣ равона шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд,ки А.Вамбери ҳамчун як муҳаққиқи аврупоӣ тавонист тавассути таҳқиқоти худ иттилооти бой ва амиқро дар бораи таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии аморати Бухоро ҷамъоварӣ намояд. Китоби ӯ "Таърихи Бухоро" ("История Бухары") яке аз аввалин асарҳои мукаммалест, ки таърихи Бухороро бо истифода аз манбаъҳои хаттии маҳаллӣ ва мушоҳидаҳои мустақим таҳлил кардааст.

Дар китоби "Саёҳат ба Осиёи Миёна" ("Путешествие по Средней Азии"), А.Вамбери на танҳо дар бораи ҷуғрофияи минтақа ва роҳҳои тиҷоратӣ маълумот медиҳад, балки инчунин муносибатҳои дипломатӣ ва низоми сиёсии аморати Бухороро таҳлил мекунад. Вай муносибатҳои байни аморати Бухоро ва қудратҳои бузурги он давра, ба монанди Русия, Британияи Кабир ва Эронро равшан кардааст.

А. Вамбери бо сабаби сафарҳои шахсии худ ба Хива, Бухоро ва Самарқанд тавонист мушоҳидаҳои мустақим анҷом диҳад. Ин мушоҳидаҳо ба ӯ имкон доданд, ки маълумоти воқеӣ ва саҳеҳ дар бораи зиндагии ҳаррӯза, урфу одатҳо, анъанаҳо ва сохторҳои иҷтимоии минтақа пешниҳод кунад.

А. Вамбери дар асарҳояш ба масъалаҳои этнография ва фарҳанг диққати махсус додааст. Ӯ тавсифоти муфассале дар бораи қавмҳо, забонҳо, либосҳо, урфу одатҳо ва динҳои мардумони Бухоро пешкаш мекунад, ки барои омӯзиши таърихи фарҳангии минтақа бениҳоят арзишманд аст.

Асарҳои А. Вамбери ба ҷомеаи илмии Аврупо имкон доданд, ки бо таърихи Бухоро ва Осиёи Миёна ошно шаванд. Онҳо ҳамчун сарчашмаи асосӣ барои шарқшиносон, таърихшиносон ва географҳо дар Аврупо хизмат карданд.

---

Бухару и Самарканд, предпринятое в 1863 г. с научной целью по поручению Венгерской Ака демии в Пеште членом ее А. Вамбери. М., 1867, второе издание, 1874.

А. Вамбери дар асарҳояш маълумоти муфассалро дар бораи роҳҳои тиҷоратӣ, бозорҳо, моли тиҷоратӣ ва аҳаммияти стратегии аморати Бухоро дар низоми тиҷоратии Осиёи Миёна пешниҳод мекунад.

Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти А. Вамбери баъзан бо нуқсонҳое, аз ҷумла хулосаҳои субъективӣ ва таъсири стереотипҳои аврупоии замонаш, рӯбарӯ шудаанд. Бо вуҷуди ин, арзиши умумиилмии асарҳои ӯ бетаъсир намемонад.

Хулоса, асарҳои А. Вамбери, аз ҷумла "Таърихи Бухоро" ва "Саёҳат ба Осиёи Миёна", ҳамчун манбаъҳои бунёдӣ дар омӯзиши таърихи аморати Бухоро ва Осиёи Миёна аҳаммияти хос доранд. Онҳо на танҳо маълумоти бойро дар бораи вазъи таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии минтақа пешниҳод мекунанд, балки барои таҳқиқоти минбаъдаи шарқшиносӣ асос гузоштаанд.

Аз ҷиҳати мавзуъ ва мазмун китобҳои А. Вамбери ба маълумоти пешниҳодкардаи Н.В. Хаников шабеҳ доранд. Аммо бар хилофи Н.В. Хаников, А. Вамбери тавассути таҳлили муқоисавӣ таркиби иҷтимоӣ, кавмҳо, мавқеъ ва нақши онҳоро дар ду хонигарии — Бухоро ва Хева тавсиф мекунад.

Солҳои 70-уми асри XIX пас аз таъсиси протекторати Русия бар аморати Бухоро муҳаққиқони рус ба омӯзиши сарватҳои табиию иқтисодӣ, вазъи низоми идора ва муносибатҳо бо Русия бештар таваҷҷуҳ карданд. Дар ин бобат асарҳои олимон ва сайёҳони рус В.В. Радлов ва А.П. Федченко, шарқшиноси рус А.Л. Кун, сайёҳ ва дипломати рус Н. Стремоухов, олим А.П. Хорошхин, географ ва этнографи рус Н.А. Маев муҳим мебошанд[1].

Шарҳи илмии аҳаммияти ин асарҳо барои таҳқиқи таърихи аморати Бухоро дар чоряки дуюми асри XIX ба таври зерин метавонад бошад:

---

[1] Радлов В.В. Очерки Зерафшанской долины. - ЗИРГО по отделению этнографии, т. VI. Спб., 1880; Федченко А.П. Путешествие в Туркестан. М., 1950; Лунин Б.В. Н.Ф.Петровский – Лунин Б.В. Историграфия общественных наук в Узбекистане. Ташкент. 1974. с. 277 – 286. Кун А.Л. Бухарские порядки. Заметки о порядке взимания поземельных податей. – Туркестанские ведомости, 1873. № 32; Ҳамон муаллиф. Очерки Шахрисабзского бекства. – Записки ИРГО по отделению этнографии, т. VI. Спб. 1880, с. 233 -237; Стремоухов Н. Поездка в Бухару. // Русский вестник, 1875, № 6; Соболев Л.Н. Географические и статистические сведения о Зерафшанском округе. - Записки ИРГО по отделению статистики, т. IV. Спб. 1874. Ҳамон муаллиф. Новейшая история Бухарского и Кокандского ханств. – Туркестанские ведомости. 1876, №26, 27, 28, 30; Хорошхин А.П. Заметки о зякате в Бухарском ханстве. Сборник статьей, касающихся Туркестанского края А.П.Хорошхина. Спб., 1876; Маев Н.А. Очерки Бухарского ханства. МСТК, вып. V, Спб., 1879.

Радлов В.В. «Очерки Зерафшанской долины» (1880). Ин асар дар бораи минтақаи Зерафшан, ки як қисми аморати Бухоро буд, маълумоти муҳим пешниҳод мекунад. В.В. Радлов дар ин китоб ба тафсили ҷуғрофия, этнография ва вазъи иҷтимоии минтақаи Зерафшан ишора мекунад. Маълумоти кӯҳнаи ҷамъоваришударо дар бораи нақши Зерафшан дар иқтисодиёти аморати Бухоро ва сохтори иҷтимоии он, ки дар чоряки дуюми асри XIX муҳим буданд, нишон медиҳад. Ин асар ба таҳқиқоти сиёсати давлат дар минтақа ва вазъияти маҳаллии хонигариҳо кӯмак мерасонад.

Федченко А.П. дар «Путешествие в Туркестан» маълумоти хеле арзишманд дар бораи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвари Туркистон, аз ҷумла аморати Бухоро, ба даст овардааст. Асар дар тасвири замон ва ҳаракатҳои сиёсӣ, шеносоии кишварҳо ва хонигариҳои Осиёи Миёна дар асри XIX кӯмак мекунад. Маълумот дар бораи муносибатҳои байни Русия ва аморати Бухоро ва нишондиҳии таъсири иқдомҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар аморати Бухоро аҳамияти махсус доранд.

Кун А.Л. «Бухарские порядки» (1873). Ин асар назар ба як ҷузъи муҳим барои фаҳмидани низоми молияви ва андозбандӣ дар аморати Бухоро мебошад. «Бухарские порядки» ба таври дақиқ тартиби қабули андозҳои зироатӣ ва низоми феодалӣ дар аморатро бо нишондиҳии таъсири онҳо ба аҳолии аморати Бухоро таҳлил мекунад. Тафсири хос дар бораи низоми маъмурӣ ва раванди ҷамъоварии андозҳо дар аморати Бухоро дар чоряки дуюми асри XIX нақши муҳим дорад.

Стремоухов Н. «Поездка в Бухару» (1875). Ин асар як манбаи арзишманд барои шеносоии ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX мебошад. Стремоухов дар ин асар маълумоти муфассал дар бораи мавқеи Бухоро дар минтақа ва муносибатҳои байналмилалии аморат ба Русия, хонигарии Қӯқанд ва дигар хонигариҳои минтақа пешниҳод мекунад.

Соболев Л.Н. «Географические и статистические сведения о Зерафшанском округе» (1874) . Дар асар мазкур дар бораи Зарафшон ва вазъи иқтисодӣ ва ҷамъиятии он дар аморати Бухоро дар ин асар ба таври амиқ таҳлил шудааст.

Ин маълумот барои таҳлили рақобатҳои маҳаллӣ ва вазъи иқтисодии хонигарии Бухоро муҳим мебошад.

Маев Н.А. «Очерки Бухарского ханства» (1879). Н.Маев асари худро ба таҳлили ҳаёти сиёсӣ ва низоми маъмурӣ дар аморати Бухоро бахшидааст. Маълумот дар бораи ҳокимият ва ташкили идоравӣ дар аморат ва рақобат бо дигар хонигариҳои Осиёи Миёна аҳамияти таърихӣ доранд.

Асарҳои зикршударо ҳамчун манбаъҳои илмии арзишманд метавон ба назар гирифт, ки маълумотҳои муҳим дар бораи таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии аморати Бухоро дар чоряки дуюми асри XIX медиҳанд. Ин асарҳо ба таҳқиқоти донишмандон ва муҳаққиқон барои фаҳмидани муаммоҳои давраи мазкур ва муносибатҳои таърихии он давра кӯмак мерасонанд.

Асарҳои олимони рус, сайёҳон, ходимони давлатии солҳои 80-90-уми асри XIX асосан характери амалӣ дошт, пешомадҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодии Россия ва Бухороро таҳқиқ менамуданд.

Дар байни асарҳои илмии давраи ибтидои асри XIX дар бораи Бухоро асарҳои афсари подшоҳӣ ва публитсисти оянда Д.Н. Логофет мароқи калон доранд. Дар асарҳои Д.Н. Логофет ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои аморати Бухоро таваҷҷуҳи хосса дода шудааст, ки муаллиф ба масъалаҳои сохтори маъмурӣ ва низоми андози кишвари мавриди таҳқиқ эътибори ҷиддӣ додааст.

Маводҳои гирдовардаи муҳаққиқони тоинқилобии рус аҳаммияти муҳим доранд. Муаллифони асарҳои ба табъ расида, чун намояндагони ҳукумати подшоҳии рус, вазифаҳои муҳими хизматиро иҷро менамуданд. Онҳо таърихи сиёсии аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Миёнаро инъикос карда, барои рушди илми шарқшиносӣ ва таърихнигорӣ мусоидат намудаанд.

Ҳамин тавр, дар нимаи аввали асри XIX, аморати Бухоро ҳамчун маркази муҳими сиёсӣ ва фарҳангӣ, сабаб шуд, ки таваҷҷуҳи зиёде аз ҷониби шарқшиносони русро ҷалб кунад. Осор ва таҳқиқоти ин шахсон ба фаҳмидани вазъияти иҷтимоӣ, сиёсии аморати Бухоро ва таъсири онро ба равандҳои геополитикии минтақа кумак кард.

Шарқшиносони рус ба таҳқиқи таърихи аморати Бухоро бо мақсади ба даст овардани маълумот дар бораи сохтори иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии он замон бештар вақт сарф карданд. Онҳо на фақат таърихи сиёсиро, балки фарҳанги маҳаллӣ, забон ва вазъит иҷтимоии мардумро низ омӯхтанд.

Мақолаву асарҳои шарқшиносон таърихи сиёсӣ ва муносибатҳои байналмилалии Бухороро нишон медиҳанд. Маъруфтарин шарқшиносон, монанди А. А. Гейнс, В. В. Григорев, Н. Хаников, А. Вамбери ва дигарон дар корҳои худ ба таъсири сиёсӣ ва омилҳои низомии дохилии аморати Бухоро диққати хос доданд.

Шарқшиносони рус ба масоили иҷтимоӣ, имконияти нопурраи иқтисоди маҳаллӣ ва иштирок кардани қабилаҳо дар ҳаёти сиёсии аморат таваҷҷуҳ карданд. Онҳо натиҷаҳои ин тарафҳоро хеле амиқ таҳлил ва ба омӯзиши ҳамаи қабилаҳо барои фаҳмидани нисбатан таваққуфҳои иҷтимоии Бухоро мусоидат карданд.

Осори шарқшиносони тоинқилобии рус дар таърихи аморати Бухорои нимаи аввали асри XIX нишон медиҳад, ки онҳо на фақат таҳлили сиёсӣ, балки фаҳмиши амиқи фарҳангӣ ва иҷтимоии мардуми он замонро баррасӣ намуданд.

# БОБИ 2. ВАЗЪИ ДОХИЛИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ДАВРАИ БУҲРОНИ ШАДИДИ МИЁНАИ АСРИ XIX

## 2.1. Ҳаёти сиёсии аморати Бухоро

Дар нимаи аввали асри XIX аморати Бухоро дар байни хонигариҳои Осиёи Миёна бо салоҳият, ҳудуд, саршумори аҳолӣ, захираҳои табиӣ ва ғайра мақоми баландро касб мекард. Аз нимаи дуюми асри XVIII сар карда намояндагони сулолаи манғитҳо ба ҳокимияти Аштархониён хотима бахшида, тадриҷан низоъҳои дохилиро барҳам, барои баланд бардоштани иқтидори ҳокимияти марказӣ, рушди иқтисодиёт мамлакат тадбирҳо андешиданд. Аз ҷумла, асосгузори давлати манғитҳо Муҳаммад Раҳимхон (1847-1858) сипас, амир Шоҳмурод (1785-1800), амир Ҳайдар (1800-1827) ва амир Насруллоҳ (1827-1860) дар замони ҳукмрониашон ташкили давлати пурқудрат ва марказиятнокро шиори асосии худ меҳисобанд.

Фитрат дар асараш доир ба сари қудрат омадани амир Насруллоҳро чунин ёдовар шудааст: “Баъди вафоти амир писари ӯ амир Ҳусайн ба ҷояш нишаста, баъд аз ду моҳ ва чанд рӯз вафот кард, ба ҷояш амир Умар гузашт. Лекин амир Насруллоҳ писари амир Ҳайдар дар муқобили бародари худ лашкар кашида, Бухороро муҳосира кард ва ҳукуматро аз ӯ гирифт ва худи амир Умарро аввал ба ҷон амон дода, аз Бухоро берун кард, лекин ба аҳди худ наистода аз дунболаш яке аз ҷаллодони худро фиристод, ки сари онро бурида оваранд. Бародарони дигари худро низ ба анвои ҳиллаҳои ваҳшиёна кушт ва ҳукумати Бухороро бе ҳеҷ рақибе соҳиб шуд. Амир Насруллоҳ он қадар хунрез ва золим ва бебок буд, ки аҳолии Бухоро онро Ботур қассаб лақаб карда буданд”[1].

Дар хотираҳои амир Олимхон ба сари қудрат омадани амир Насруллохон чунин инъикос ёфтааст: “Баъди вафоти амир Ҳайдар (1826) писарони ӯ амир Ҳусайн ва амир Умар пайи ҳам як муддати кӯтоҳ ҳукм ронда буданд. Насрулло

---

[1] Фитрат. Давраи ҳукмрории амир Олимхон.- Душанбе, 1991.- С. 12-13.

ба дасти қушбегӣ амир Ҳусайнро кушт ва амир Умарро аз тахт ронда, ба ғайри қонунӣ мавҷуда амир шуд”[1].

Аморати Бухоро то солҳои 60-уми асри XIX ҳамчун калонтарин давлати Осиёи Миёна эътибори худро нигоҳ дошт. Ҳудуди ин давлат он вақт наздик 200 ҳазор км$^2$ мураббаъро ташкил мекард. Дар ибтидои асри XIX аз як тараф бо Эрону Афғонистон, дуюм бо хонигарии Хева, сеюм бо Ҷузҳои қазоқҳо ва чорум бо ҳудудҳои хонигарии Қӯқанд ҳамсарҳад буд[2]. Дар ин давр дар ҳудуди давлат аз 10 зиёд шаҳрҳо, аз қабили Бухоро, Самарқанд, Кармина, Қаршӣ, Шаҳрисабз, Китоб, Ғузор, Тирмиз, Шерободҳ, Ҳисор, Кӯлоб амал мекарданд[3].

Ҳаёти сиёсии аморати Бухоро, махсусан дар аҳди амири Насруллоҳ (1826-1860) рушд кардааст. Дар “Зафар-нома -йи Хусравӣ” номи пурраи ӯ Саййид Амирнасруллоҳ Муҳаммад Баҳодурсултон омадааст[4]. Амир Насруллоҳ писари дуюми амир Ҳайдар буда, 1-уми июни соли 1806 дар Бухоро таваллуд шудааст. Амир Ҳайдар соҳиби шаш писар будааст: якум Мир Муҳаммад Ҳусайнхон, дуюм Насруллоҳ, сеюм Мир Умархон, чорум Мир Зубайрхон, панҷум Мир Ҳамзахон ва шашум Мир Сафдархон. Дар “Зафар-нома-йи Хусравӣ” омадааст, ки онҳо “ба сарҳади рушду камол расида аз улуми ақлию нақлӣ ва аҳодису калом баҳраи тамом ёфта буданд”[5].

Дар камолоти маънавии Насруллоҳ шайх Муҳаммад Ҳусайн ал-Алавӣ ал-Бухорӣ (1785-1870) нақши муҳим бозидааст. Баъдан амир Насруллоҳ ӯро аз деҳаи Қорӣ Камоли ноҳияи Ромитан ба Бухоро даъват мекунад, аз хонақоҳи Шайх Ҳабибуллоҳ ҳуҷраи махсус ҷудо карда, ба ӯ нафақа таъин мекунад. Ин маълумотҳо дар китоби “Тӯҳфат аз-зоирин”-и Муҳаммад Насриддин ал-Ҳанафий ал- Ҳасанӣ ал-Бухорӣ зикр шудааст.

[1] Хотираҳои амир Олимхон. Муаллифи сарсухан, тавзеҳот ва таҳияи узви вобастаи Академияи улуми Тоҷикистон Аҳрор Мухторов.- Душанбе, 1992.- С. 4.
[2] Eshov B. O’zbekistonda davlat va mahalliy boshqaruv tarixi. Toshkent: Yangi asr avlodi, 2012. – Б. 344.
[3] Шубинский П.П. Очерки Бухары // Исторический вестник.-1892. Кн.8. –С.380-386; Сухарева О.А. К истории городао Бухарского ханства. –Ташкент, 1958. –С.73-118.
[4] Зафарномайи хусравӣ/ Ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи сармақола ва муҳаррири масъул Ҳоҷӣ Назир Муҳйидин Турсонзод. –Хуҷанд, 2011. -С.14.
[5] Ҳамон ҷо. –С.17.

Насруллоҳ ҳанӯз аз овони ҳукмронии падараш дар набардҳои мусаллаҳона иштирок намудааст. Чунончи, ҳангоми сар задани шуриши хитой-қипчоқҳо (солҳои 1821-1822) ӯ ба лашкари Бухоро сарварӣ намуда, Панҷшанбе ва Каттақӯрғонро аз шуришгарон озод намуд, қариб як ҳазору панҷсад нафарро ба асирӣ гирифт, онҳоро қатли ом намуд. Дар “Зафар-нома-йи Хусравӣ” гуфта мешавад, ки “ба фармудаи тӯраи тӯрониён, шаҳзодаи хусравнишон (Насруллоҳ-З.Ғ.) муфсидони асиршударо дар ҳар кӯча, паскӯча ва дар растаҳои бозор ба қатл оварда калонони он ҷамоатро аз болои ашҷор ва аз баландиҳои девор зинда ба зинда сарнагун овехта ба ҳалокат расониданд”[1].

Дар давраи вафоти падараш амир Ҳайдар (6 октябри соли 1826) Насруллоҳхон ҳокими Қаршӣ буд. Барои ҳокимияти марказӣ байни ӯ ва бародаронаш амир Ҳусайн (1797-1826) ва амир Умархон (1810-1829) ҳокими Кармина муборизаи шадид шуруъ мешавад ва бо ғолибияти амир Насруллоҳ меанҷомад. Тафсилоти воқеаҳо дар “Кашкӯли Салимӣ”-и Салимбек Салимӣ[2] баён шудаанд. Ӯ менигорад, ки амир Ҳайдар соли 1826 дар синни 47-солагӣ вафот мекунад, дар қабристони Ҳазрати Имло дафн карда мешавад. Баъди вафоти амир Ҳайдар Мир Ҳусайн тӯра ба тахт нишаст. Бо изҳори итоат ҳокимони вилоятҳо ба ӯ пешкаш фиристоданд. Бояд зикр намуд, ки Ҳусайнтӯра 11 июни соли 1797 дар Бухоро таваллуд шудааст. Писари калонии амир Ҳайдар буд. Ӯ дар овони ҷавонӣ ба омӯзиши илмҳои давр машғул гашта, бо шеърнависӣ машғул буд, аз илмҳои тиб, кимиё ва астрология бохабар буд. Ҳусайнтӯра шогирди шайх Шарифхоҷа Мавлавӣ буд. Ӯ баъди ба синни балоғат расидан муддати кӯтоҳ ҳокими Ҷиззах буд. Сипас дар вилоятҳои Кармина ва Самарқанд низ ҳоким буд. Баъди ба тахти Бухоро соҳиб шудан бо фазилатҳои саховатпешагӣ ва шуҷоат машҳур гашт. Чунон ки дар сарчашмаҳои хаттӣ таъкид мегардад, дар маросими ба тахт нишастан қариб ҳазор тиллои Бухороро ба фуқаро инъом кардааст. Аммо ӯ баъди 78 рӯз дар синни 30 солагиаш вафот кард. Яъне ҳокимияти ӯ аз 9 октябр то 22 декабри соли 1826 давом кардааст.

[1] Зафарномайи хусравӣ...-С.18.
[2] Салимбек Салимӣ. Кашкӯли Салимий. Таворихи муттақаддимин ва муттаахирин (Форс-тожик тилидан ӯзбекчага доцент Назрулло Йӯлдошев ӯгирган).-Бухоро, 2003.- С. 296-299. 342 с.

Аз ҷониби А. Бёрнс ҳатто ақидае пеш оварда мешавад, ки Мир Ҳусайн дар натиҷаи истеъмол намудани таоми заҳролуд, ки аз ҷониби Ҳаким қушбегӣ тайёр карда шуда буд, кушта мешавад[1]. Г. Вамбери гуфтаҳои А. Бёрнсро тасдиқ намуда, таъкид мекунад, ки ба Мир Ҳусайн Ҳаким қушбегӣ ва ҳокими Ҳисор Мӯминбӣ заҳр додаанд ва тахмин карда мешавад, ки дар кушта шудани Мир Ҳусайн Насруллоҳ низ даст доштааст[2].

Баъди вафоти Мир Ҳусайн амалдорон иттифоқ баста аз Кармина Сайид Мир Умар (ё худ амир Умархон)-ро ба тахт даъват карданд[3]. Амир Умархон ба ҳайси писари сеюми амир Ҳайдар 19 декабри соли 1810 дар Бухоро таваллуд шудааст. Дар замони ҳукмронии амир Ҳайдар ва бародараш Мир Ҳусайн ҳокими Кармина буд. Мир Ҳусайн айёми хастагӣ (беморӣ)–аш аз Кармина Мир Умарро даъват намуда, васият мекунад, ки ӯ ба тахт соҳиб гардад. Мир Умар 23 декабри соли 1826 ба тахти аморати Бухоро соҳиб мегардад. Ӯ ҳамагӣ 17-сола буд. Ҳамчун амири Бухоро ҳамагӣ 4 моҳ ба тахт соҳиб буду халос.

Мир Умар дар байни халқ эътибор, як соҳиби обрӯй набуд, ба айшу ишрат дода шуда буд. Дар сарчашмаҳои хаттӣ таъкид шудааст, ки амир Умархон хулқи хуб надошт, ба замми ин, ӯ аз оини давлатдорӣ бехабар буд. Баъзе аз амалдорон аз ӯ норозигӣ баён карда, ба Насруллоҳ мактуб фиристоданд. Насруллоҳ ба Бухоро омад, вале аъёну ашрофе, ки тарафдори Мир Умар буданд, ба ӯ дарвозаҳоро накушоданд. Насруллоҳ мазори Баҳоваддин Нақшбандиро зиёрат намуда, аввал ба Қаршӣ, сипас ба Самарқанд омад. Аз ҷониби ҳокими Самарқанд Муҳаммад Сафарбӣ хуш пазироӣ гашт, ҳатто самарқандиён дар Кӯктош (тахти рамзӣ, ки дар аҳди Темур дар болои он маросими тоҷгузории ҳокимон гузаронида мешуд) бо Насруллоҳ маросими тоҷгузориро барпо намуданд. Сипас Насруллоҳ баъди як ҳафта дар Самарқанд қарор гирифтан Миёнқолро забт кард, лашкарро аз ҳисоби сарбозони Қаршӣ,

---

[1] Бёрнс А. Путешествие в Бухару...в 1831, 1832 и 1833 годах. В трёх частях. Часть третья. –М.: Университет, 1849. –С.467.
[2] Вамбери Г.  История Бухары или Трансоксании с древнейших времен до настоящего. В двух томах. Том второй. СПб.,1873. –С.137
[3] Зафарномаи хусравӣ...-С.23.

Ҳузор, Бойсун, Шерobод ва Чироғ зиёд намуда[1], аз сари нав ба Бухоро омад, қариб панҷоҳ рӯз шаҳрро муҳосира намуд[2]. Ҳангоми муҳосираи Бухоро якчанд нафар аъёну ашрофи Бухоро, аз қабили, Тӯрахӯҷа Нақиб, Бекӯғлии Девонбегӣ Баҳрин, Раҳимбекбийи манғит ва дигарон, ки қаблан тарафдори Мир Умар буданд, ба Насруллоҳ изҳори итоат карданд[3]. Саид Мансур Олимӣ қайд кардааст, ки Ҳаким қушбегӣ, Раҷаббек парвоначӣ ва Айёзбӣ дарвозаҳои Бухороро барои лашкари Насруллоҳ боз намуданд. Чи тавре ки шоҳиди воқеаҳо Мирзо Шамси Бухороӣ нақл мекунад, ҳангоми ишғоли Бухоро аз ҷониби Насруллоҳ ва дар рафти аз тахт сарнагун шудани бародараш Умар аз ҳафт то ҳашт ҳазор нафар кушта шуданд. Ғайр аз ин, дар як моҳи аввали ба тахт нишастани Насруллоҳ аз ҷониби ӯ ҳар рӯз аз 50 то 100 нафар кушта мешуданд, дар натиҷа қисми зиёди аҳолии Бухоро ба Шаҳрисабз ва дигар мавзеъҳо фирор мекунанд[4]. Барои ҳамин ҳам ӯро “амири қассоб” хондаанд.

Намояндаи ҳафтуми сулолаи манғития Насруллоҳ 1 июни соли 1806 дар Бухоро таваллуд шудааст. Дар ташаккули камолоти ӯ шайхи маъруф Муҳаммад Ҳусайн ал-Алавӣ ал-Бухорӣ (1785-1870) аҳаммияти хосса дорад. Баъдтар Насруллоҳ ин шайхро аз деҳаи Қорӣ Камоли ноҳияи Ромитон ба Бухоро овардааст. Насруллоҳ ибтидои моҳи апрели соли 1827 дар синни 27-солагӣ соҳиби тахти Бухоро мегардад. Ба амир Насруллоҳ барои соҳиби тахт гаштан қушбегии падараш Муҳаммад Ҳакимбӣ қушбегӣ бо ҳамроҳии Раҷаббек парвоначӣ ва Айёзбӣ ёрӣ мерасонанд[5]. Онҳо ҳангоми муҳосираи шаҳри Бухоро аз ҷониби лашкари амир Насруллоҳ дарвозаҳоро кушода медиҳанд. Чи тавре ки дар “Зафар - нома -йи Хусравӣ” зикр гаштааст, аз Бухоро то Самарқанду Миёнколот, Қаршӣ ва Ҳазор ва соири билоди қаламрав ба номи Насруллоҳ дар намози ҷумъа хутба хонда мешавад[6].

---

[1] Зафарномайи хусравӣ...–С. 24.; Замонов А., Эгамбердиев А. Ӯзбекистон тарихи.- 4 қисм.- Тошкент, 2022.- С. 65.
[2] Салимбек Салимӣ. Кашкӯли Салимий. -С. 296 – 297.
[3] Зафарномайи хусравӣ...-С.26.
[4] Мирза Шамс Бухари. Григорьев. О некоторых событиях... –С.25-27, 30
[5] Мирза Абдалазим Сами. Таърих-и салатин-и мангитиййа. –М.: Изд-во Восточной литературы, 1962. –С.55.
[6] Зафарномайи хусравӣ...-С.28.

Баъди соҳиб шудан ба тахти Бухоро амир Насруллоҳ бидуни муҳориба Самарқандро ишғол мекунад ва дар мавзеи Кӯктош маросими тоҷгузориро барпо намуда, худро амири Бухоро эълон мекунад. Анъанаи баргузор намудани маросими тоҷгузорӣ дар Кӯктош аз замони амир Темур расм буд ва ба ин васила ҳокимони Мовароуннаҳр ба ҳокимияти хеш ҷилои сиёсӣ медоданд.

Амир Насруллоҳ дар давраи ҳукмрониаш ба нишондодҳои шариат риоя мекард. Дар идоракунии давлат ба лашкар ва руҳониён такя мекард, сиёсати марказӣ кардани ҳокимиятро пеша кард. Баҳри муттаҳид кардани вилоятҳо тадбирҳо андешид. Барои идора кардани вилоятҳо на танҳо хешовандони худро, балки аъёну ашрофи маҳаллиро низ ҷалб намуд. Аз сабаби ҷасуру нотарс буданаш ба ӯ унвони "Баҳодурхон" ва ё "Ботурхон"-ро лоиқ дониста буданд.

Аз таърих маълум аст, ки ҳама гуна ҳокиме, ки дар асрҳои миёна соҳиби тахт мегашт, барои нигоҳ доштани мавқеи худ тамоми рақибони сиёсиашро маҳв мекард. Дар ин роҳ ҳатто нисбати хешовандонаш (падар, бародарон, фарзандон, амаку тағо, ҷиянҳо ва диг.) гузашт намекард. Ин қонуни азалии ҳукмдорӣ буд. Касе ба ин қонун риоя накунад, худаш нобуд мегашт. Аз ин лиҳоз, ҳаракатҳои амир Насруллоҳро дар солҳои 1826-1827 фаҳмидан мумкин буд. (Барои намуна Яъқуб ибни Лайс 3 бародарашро накушт, Исмоил бародарашро бо мағлуб кардан гардан назад ва соири бародарони дигарашро қатл накард.)

Баъди ишғоли Бухоро амир Насруллоҳ сараввал Исматуллоҳбийи калмоқро, ки ба ӯ ҳангоми муҳосираи Бухоро муддате дарвозаҳоро накушода буд, бо писараш ва сарлашкарони амир Умархонро ба қатл мерасонад. Бо маслиҳати уламои киром Муҳаммадшарифхоҷаи Мавлавӣ бародараш Мир Умархонро бо чанде аз хизматгоронаш аз Бухоро бадарға мекунад, се бародари дигари ба балоғат расидааш – Мир Зубайрхон, Мир Сафдархон ва Мир Ҳамзахонро ба касабаи сарҳадии Нарзам, ки дар соҳили Амударё воқеъ буд фиристода, ба ҳабси хонагӣ мегирад[1]. А. Бернс ва Г. Вамбери дар бораи ба

---

[1] Зафарномайи хусравӣ...–С.29.

таври махфӣ бо амир Насруллоҳ ба қатл расонида шудани онҳо маълумот додаанд.

Дар мавриди тақдири минбаъдаи Амир Умархон Муҳаммад Миролим Бухорӣ дар “Фатҳномайи султонӣ” менигорад, ки Саид Умархон сараввал дар ҳавлии хоҳараш (исми домод Саид Аҳмадхӯҷа буд) пинҳон мешавад. Уламои бухорогӣ Мавлавӣ Шариф хоҷа (Қозӣ Муҳаммад Шариф ибн Абдуллоҳхоҷа) аз Насруллоҳ хоҳиш мекунад, ки Амир Умархонро ба қатл нарасонад. Дар натиҷа Умархон бадарға карда мешавад. Ӯ сараввал муддате дар Ҳирот дар ҳузури Комроншоҳ ибн Маҳмудшоҳ истиқомат мекунад. Аз рӯйи баъзе маълумотҳо ӯ ба Машҳад ва Балх низ рафтааст. Сипас ба Қӯқанд омада, дар он ҷо умр ба сар бурдааст. Бо хоҳари Муҳаммадалихон (хони Қӯқанд) издивоҷ кардааст. Дар бораи ҳаёти минбаъдаи Умархон дар сарчашмаҳо хабарҳои зидду нақиз пеш оварда мешаванд. Чунончи, Г. Вамбери таъкид кардааст, ки амир Умархон дар Қӯқанд ба касалии вабо вафот кардааст. А. Бёрнс  қайд мекунад, ки баъди дар Қӯқанд вафот намудан ҷасади амир Умархон ба Бухоро оварда шуда, дафн гаштааст. Таърихшиноси маҳаллӣ Мирзо Олим Махдум Ҳоҷӣ ин фикрҳоро тақвият дода, қайд намудааст, ки ҷасади Мир Умархон ба Бухоро оварда шуда, дар назди қабри Дониёлбӣ гузошта шудааст.

Амалдороне, ки амир Насруллоҳро дастгирӣ намуданд ба мансабҳо соҳиб гаштанд. Чунончи, писари Ҳакимбӣ қушбегиро ҳокими Қаршӣ, Раҷаббек парвоначиро ба Панҷшанбе, писари Эрдонабек тӯқсаборо ба Янги  Қӯрғон, Олимбек туёқлӣ юзро ба Челек, Элназар парвоначиро ба Нур, Пирназарбиро ба Кармана, Қобилбӣ девонбегиро ба Нарпай, Мирзо Ибодуллобиро ба Қарокӯл, Абдурасулбиро ба Чорҷӯй ҳоким таъин кард[1].

Амир Насруллоҳ дар давоми қариб 34 соли ҳукмрониаш (ӯ дар байни амирони манғит аз ҳама бештар ҳукмронӣ намудааст) кӯшиш намуд, ки аҳкоми шариатро ба пуррагӣ риоя намояд. Яъне,  амир Насруллоҳ бо назардошти он ки Аморати Бухоро як давлати исломӣ буд, шариатро на танҳо ҳамчун қонуни динӣ, балки ҳамчун воситаи идоракунии давлатӣ истифода мебурд. Ҳамаи

[1] Салимбек Салимӣ. Кашкӯли Салимий...-С.297-298.

қарорҳои ҳукуматӣ, аз ҷумла корҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, бояд бо аҳкоми шариат мувофиқ бошанд. Ӯ мақомоти адлияро таҳти назорати қатъӣ қарор дода, ба қозиён супориш дод, ки парвандаҳоро мутобиқи фиқҳ ҳаллу фасл кунанд. Дар давраи ӯ ҷойгоҳи қозиҳо ва муфтӣ ҳамчун намояндагони ислом ва шариат дар ҷомеа хеле боло рафт.

Риояи аҳкоми шариат дар давраи ҳукмронии амир Насруллоҳ як василаи муҳим барои ҳифзи қудрат ва устувории давлат буд. Вале дар айни замон, маҳдудиятҳо ва зиддиятҳое, ки бо татбиқи шариат рӯ ба рӯ шуданд, нишон медиҳанд, ки танҳо риояи шариат бе ислоҳоти иҷтимоӣ барои ҳалли мушкилоти амиқи давлати аморат кофӣ набуд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти амир Насруллоҳ дар ин самт бештар ба ҳифзи манфиатҳои шахсӣ ва сиёсӣ равона шуда буд.

Ӯ бо мақсади мустаҳкам намудани ҳокимияти марказӣ амалдорони зиёдеро, ки сарварони қавму қабилаҳо буданд, аз вазифа озод ва бо ҷойи онҳо ҷавонони болаёқати аз табақаҳои поён баромадаро ба мансабҳои давлатӣ таъин мекунад.

Тибқи маълумоти Аҳмади Дониш ӯ ба мансабҳои давлатӣ пеш аз ҳама, тоҷикон, эрониҳо ва намояндагони дигар халқҳоро таъин мекард. Ӯ асосан онҳоеро аз вазифаҳо озод мекунад, ки манфиати шахсиашонро аз манфиати давлату ҳукумат боло мегузоштанд, нисбати онҳо ҷазои қатъӣ меандешад. Масалан, Исматуллобийро бо писараш ва сипоҳиёни ӯро, ки ҳангоми муҳосираи Бухоро дарвозаҳоро боз накарда буданд, қатл намуд. Аз амалдорон Мир Забир, Мир Ҳамза ва Мир Сафарро ва додари ӯро ба вилояти Нарозим (Наразим - яке аз ноҳияҳои Бухоро) ярғу (бадарға- З.Ғ.) кард[1], қушбегӣ Муҳаммад Ҳакимбиро, ки дар вақташ барои ба тахт нишастани Насруллоҳ кумаки амалӣ расонида буд, аз вазифа сабукдӯш кард.

Бояд зикр намуд, ки Муҳаммад Ҳакимбӣ дар давоми қариб 40 сол дар вазифаи қушбегӣ қарор дошт. Ҳакимбӣ ҳокимияти худро он қадар мустаҳкам намуда буд, ки ба мансабҳои олӣ писаронаш ва хешу таборашро таъин карда

[1] Салимбек Салимӣ. Кашкӯли Салимий... –С.297-298

буд. Олу авлоди ӯ дар Бухоро мавқеи устуворро касб карда буданд. Александр Бернс, ки солҳои 1831-1833 ба Бухоро сафар карда буд, менигорад, ки ҳангоми дар Бухоро қарор доштанаш ду бародари Ҳакимбӣ дар вилоятҳои алоҳида ҳоким буда, 13 писаронаш низ дар вилояту ноҳияҳои гуногун ҳоким будаанд. Ҳатто қушбегӣ ба ҷойи худ таъин шудани яке аз писаронаш қарор қабул карда буд. Худи Ҳакимбӣ низ мансаби қушбегиро аз падараш ҳамчун мерос гирифта будааст. Дар ин давр Ҳакимбӣ тақрибан 60-сола буда, бо қобилияти ақливу корчаллониаш фарқ мекард.

Аз як тараф боло рафтани мавқеи қушбегӣ, ба обрӯву нуфузи баланд соҳиб будани аҳли оила хешовандони ӯ, яъне дар дохили аморат боз як ҳокимияти алоҳида таъсис доданашон, аз тарафи дигар аз ҷониби Ҳакимбӣ ва пайвандони ӯ талаву тороҷ гаштани мулкҳо халқу давлат, аз ҷониби онҳо ғасб гаштани хазинаи давлат, сеюм аз вазъияти ба амал омада, амир Насруллоҳ дар ғазаб гашта, барои аз байн бурдани Ҳакимбӣ (ҳамон қушбегие, ки Насруллоро рӯи қудрат оварда буд) тадбирҳо меандешад. Ҳакимбӣ ба ихтиёри суди шариат (қозихона) супорида мешавад. Ӯро дар азхудкунии хазинаи давлат ва нисбати аҳолӣ ба роҳ мондани ҷабру ситам айбдор мекунанд. Ҳакимбӣ ба Қаршӣ, сипас ба Нурато бадарға карда мешавад. Дере нагузашта якҷоя бо Ҳакимбӣ хешованди куҳансоли ӯ Айёзбӣ зиндонӣ мешаванд ва ҳардуи онҳо баҳори соли 1840 ба қатл расонида мешаванд[1].

Аҳмади Дониш дар бораи амир Насруллоҳ менигорад, ки ӯ шахси нотарс, сахтгир ва ҳукмдори зукко буд. Дар замони ҳукмрониаш бо эҷоди фитнаҳо дар байни мардум ва қавм ном баровардааст. Ҳамаи мухолифинро, ки ба муқобили ҳокимияти марказӣ исён мебардоштанд ҷазо медод ва нобуд мекард. Ба тарафдорони худ некӣ намуда, ба онҳо меҳрубонӣ мекард. Мулки ӯ васеъ гашта аз Қӯқанд то Кеш (Шаҳрисабз) тамоми ҳудудҳо ба ӯ тобеъ гаштанд[2]. Дар натиҷаи сахтгирии худ амир Насруллоҳ тавонист дар мамлакат тартибу низои

---

[1] Бёрнс А. Путешествия в Бухару...Часть третья. –С..473-475; Г. Вамбери. История Бухары... Том второй. –С.136-139.

[2] Ахмад Дониш. История Мангитской династии. –Душанбе: Дониш, 1967. –С. 38-39.

қатъи ҷорӣ намояд. Онҳое, ки зидди сиёсати ӯ мебаромаданд, ҷазо дода мешуданд.

Дар аҳди амир Насруллоҳ ислоҳоти маъмурӣ ва сиёсӣ гузаронида шуд. Муаррихи тоҷик О.Маҷлисов қайд намудааст, ки дар аморати Бухоро дар ҳузури амир қариб 100 мансабдор хизмат мекарданд[1]. Дар "Маҷмаъ ал-аркам"-и Мирзо Бадеъ девон доир ба мавҷудияти аз 130 зиёд унвон ва мансабҳо зикр шудааст[2]. А.А. Семенов менигорад, ки амалдорони аморати Бухоро ба 2 қисм тақсим мешаванд: яъне амалдорон (ашрофони дараҷаи дунявӣ, саркардаҳои ҳарбӣ, сарварони қавмҳо ва дигарон) ва уламо (арбобони дараҷаи динӣ-шайхулислом, қозикалон, муҳтасиб, раис, аълам ва дигарон)[3].

Дар мавриди мансабҳои давлатии аморати Бухоро ҳаминро таъкид бояд кард, ки дар нимаи аввали асри XIX шахси аввал дар умури давлатдорӣ ҳукмдори олӣ - амир маҳсуб ёфта, ӯ қонунҳоро содир мекард ва ҳокимияти иҷроияро созмон медод. Ҳамаи масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ дар қароргоҳи асосии амир –Арки Бухоро ҳаллу фасл мегашт. Дар Арк ба ғайр аз амир ва аҳли оилаи ӯ, инчунин мансабдорони олӣ, аз қабили қушбегӣ, шиғовул, тӯпчибошӣ, мирзобошӣ ва дигар амалдорони қасри ҳоким бо аҳли оила ва хизматгорон зиндагӣ мекарданд.

Дар натиҷаи омӯзиши манбаъ ва адабиётҳои илмӣ маълум мегардад, ки дар аморати Бухоро девонхонаҳо бевосита ба ҳокимияти амирӣ тааллуқ дошта, аз инҳо иборатанд: 1. Девонхонае, ки ба вазоратхонаи Бухорои шариф тааллуқ дошт. 2. Девонхонаҳои назди мансабдорони сатҳи олӣ (тӯпчибошӣ, қозикалон, раисикалон). 3. Девонхонаҳои бекигариҳо.

Девонхонаи ба вазоратхонаи Бухорои шариф тааллуқдошта яке аз девонхонаҳои калон ба ҳисоб мерафт ва он девонхонаҳои зеринро дар бар мегирифт: 1. Девонхонаи масъули корҳои молиявии кишвар. 2. Девонхонаи бо

---

[1] Маджлисов А. Аграрные отношения в Восточной Бухаре в XIX – начало XX века. –Душанбе-Алма-ата, 1967. – С.32-33.

[2] Мирза Бадеи диван. Маджма ал-аркам. С. 92-100.

[3] Семенов А.А. Очерк устройства центрального административного управления Бухарского ханства позднейшего времени // Материалы по истории таджиков и узбеков Средней Азии. Вып.II. Труды АН Тадж. ССР. Т. XXV.-Сталинабад, 1954. –С.14.

бекигариҳо ва мурочиати шаҳрвандон сарукор дошта. 3. Девонхонаи қушбегии поён, ки масъалаҳои иқтисодии қаламрави аморатро ба уҳда дошт. 4. Мирзохона-девонхонае, ки бо вакилони империяи Русия робитаҳои байнидавлатиро ба роҳ мемонд. 5. Девонхонаи ҳукумати аморати Бухоро дар агентии сиёсии империяи Русия.

Идоракунии аморати Бухоро аз ҷиҳати мавқеи маъмурии қушбегӣ баъди амир, ҷойи аввалро соҳиб буд[1]. Яъне қушбегӣ мақоми сарвазирро соҳиб буд. Ба мансаби қушбегӣ шахси соҳибтаҷриба, корчаллон, сиёсатмадор таъин мегашт, ашхоси номзад ба вазифаи қушбегӣ аввал бояд дар вазифаи девонбегӣ фаъолият мебурд. Дар низоми идоракунии маъмурии аморати Бухоро ду мансаби қушбегӣ вуҷуд дошт: қушбегии боло ва қушбегии поён. Қушбегии боло дар як вақт муҳри амирро ҳифз мекард, робитаи байни давлатҳоро назорат мекард. Назорати ҷараёни пардохти гумрукӣ, боҷхона ба зиммаи Қушбегӣ буд. Ҳамчунин назорати бехатарии қасри амир низ бар зиммаи қушбегӣ буд. Ҳангоми аз шаҳр берун баромадани амир қушбегӣ вазифадор буд, ки дар ҳавлии махсуси дар дарвозахонаи арк (сарой)-и амир ҷойдошта амирро интизор шавад.

Одате будааст, ки ҳар шаб калидҳои дарвозаҳои қулфшудаи шаҳрро ба қушбегӣ месупориданд ва саҳар барои кушодани дарвозаҳо калидро ба дарвозабон мебурданд. Инчунин, қушбегӣ бо вуҷуди ҳокими шаҳр будан, сарвари ҳамаи бекҳо низ буд. Аз маҳкамаи ӯ нишондодҳои ҳокимияти марказӣ ва қарорҳо содир мегашт. Қушбегӣ ҳамаи супоришҳоро бо иҷозати амир иҷро мекард, ҳар рӯз ба амир ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ ҳисобот медод. Муҳри давлатро низ ӯ нигоҳ медошт, хазинаро ҳифз мекард[2].

Қушбегии поён мансабдоре буд, ки аз ҳолати молия, андоз, яъне идоракунии андозситонӣ назорат мебурд ва аз ҷиҳати дар мавқеъ дар зинаи дуюм қарор дошт. Ҳаминро бояд таъкид кард, ки дар ҳолати рух додани ҳолатҳои фавқулодда ва сар задани ҷангҳо ҳар ду мансаби қушбегӣ муттаҳид

---

[1]Абдураимов М.А. Кошбеги, а не кушбеги (К истории установления власти кошбеги в Бухарском ханстве)// Общественные науки в Узбекистане. -1974. -№11. –С.60.
[2] Семенов А.А. Очерк устройства центрального административного управления...-С.54-55.

карда шуда, унвони Кулли қушбегӣ ташкил карда мешуд. Ӯ тамоми ҳокимияти амириро ба дасти худ мегирифт ва қарорҳои таъҷилӣ қабул мекард.

Мавқеи оталиқ, вазири ҳарб, қозӣ дар идоракунии давлат муҳим буд. Оталиқ мансаби муҳим дар аморати Бухоро ба шумор рафта, ваколатҳои ба худ хосро доро буд. Оталиқ дар замони Урдаи тиллои (Олтин Ӯрда) ба сифати тарбиятгари шаҳзода фаъолият мебурд ва дар як вақт аз хоҷагии хонаводаи шаҳзода назорат мебурд. Дар аморати Бухоро оталиқ ҳамчун такягоҳи ҳукмдорони манғит фаъолият мебурд, ба ҳайси машваратчии хон ва шахси боваринок баромад мекард, ба эҳтироми ҳукуматдорон соҳиб буд. Ба оталиқ вазифаи назорати низоми обёрии шаҳри Бухоро ва аз Самарқанд то Қарокӯл вогузошта шуда буд. Дар навбати худ оталиқ вазифаи мироби канали Шоҳрудро иҷро мекард. Ҳамзамон оталиқ вазифаи доруға (сардори миршабҳои Бухоро)-ро иҷро мекард, яъне ҳар шаб аз рабази Бухоро хабар мегирифт. Дар замимаи “Маҷмаъ ал-аркам” гуфта мешавад, ки оталиқ вазифаи шаҳна (сардори полис) ва уйдачиро иҷро мекард, яъне дар деҳкадаҳо оталиқ аз иҷро гаштани расму оини дини ислом назорат мебурд[1].

Ба қавли Аҳмади Дониш: Чун амир Насруллоҳ шеваи ярғу ва мусодаро бар гардани сипоҳ ниҳод, уммолу мутассарифон ночор ба зулм даст ниҳоданд, уламо низ аз гирифту гири ӯ битарсиданд ва хушомад фатвоҳои мулоим медоданд ва касеро маҷол намонад, ки ҳақиқати шаръиро бар амир тавонад маълум кард[2].

Дар идоракунии марказии аморати Бухоро зинаи сеюмро идораи молия – девонхонаи молиявӣ ишғол мекард. Ин идораро девонбегӣ идора менамуд ва он яке аз соҳиб мансаби муҳим ба шумор мерафт. Девонбегӣ хазинаи давлатро зери назорат мегирифт, идоракунии закот ва андозҳо ба зиммаи ӯ буд. Девонбегӣ тақсимоти обро дар Қарокӯл назорат мебурд. Мирзо Бадеъ девон ӯро

---

[1] Семенов, А. А. Бухарский трактат о чинах и званиях и об обязанностях носителей их в средневековой Бухаре// Советское востоковедение : Сб. ст. Т. 5 / Ред. А. П. Баранников, И. Ю. Крачковский ; АН СССР, Ин-т востоковедения. - М. –Л.: Изд-во АН СССР, 1948. - С. 145-147.

[2] Аҳмад Маҳдуми Дониш. Рисола ё му3хтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития.- Душанбе: Сарват, 1992.- С. 19.

“девонбегии аъзам” низ номидааст[1]. Баъзан девонбегиро вазири молия низ меномиданд.

Бояд зикр намуд,ки масоили марбут ба идораи молия дар аморати Бухоро ва нақши девонбегӣ дорои аҳаммияти хос мебошад, чунки он на танҳо фаъолияти иқтисодии давлатро танзим мекард, балки ҳамчун як унсури калидии сохтори идораи марказӣ баромад мекард.

Девонхонаи молиявӣ яке аз зинаи асосии идораи марказии аморати Бухоро ба шумор мерафт. Вазифаи асосии ин ниҳод идоракунии тамоми масоили молиявии давлат, аз ҷумла ҷамъоварии андозҳо, танзими хароҷот ва назорати хазинаи давлатӣ буд. Ин созмон системаи муташаккилонаеро дар бар мегирифт, ки барои нигоҳ доштани устувории молиявӣ ва таъмини рушди иқтисодии аморат мусоидат мекард.

Девонбегӣ, ки масъули идораи молия буд, яке аз мансабдорони муҳими давлатӣ ба шумор мерафт. Масъулияти ӯ зери назорат доштани хазинаи давлатӣ ва идоракунии захираҳои молиявӣ буд. Ин мансабдор чӣ тавре,ки зикр гашт, ҳамчун "девонбегии аъзам" низ номида мешуд, ки ҷойгоҳи ӯро дар сохтори ҳукуматӣ таъкид мекард. Номи дигари ӯ – "вазири молия" – нишон медиҳад, ки фаъолияти ӯ ба корҳои молиявии давлат иртиботи мустақим дошт.

Яке аз вазифаҳои асосии девонбегӣ назорати ҷамъоварии закот ва дигар навъҳои андозҳо буд. Закот, ки як қисми низоми иқтисодии исломӣ буд, ҳамчун манбаи асосии даромади давлат хизмат мекард. Идоракунии самараноки ин раванд барои рушди иқтисодӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аморат нақши муҳим мебозид. Девонбегӣ на танҳо ҷамъоварии андозҳоро танзим мекард, балки барои адолати иҷтимоӣ дар байни табақаҳои мухталифи ҷамъият масъул буд.

Яке аз вазифаҳои дигари девонбегӣ, ки аҳаммияти хос дошт, назорати тақсимоти об дар Қарокӯл буд. Ин вазифа нишон медиҳад, ки девонбегӣ на танҳо бо корҳои молиявӣ, балки бо танзими захираҳои табиӣ низ сару кор дошт. Дар минтақаҳои кишоварзии Осиёи Миёна, аз ҷумла Қарокӯл, об яке аз

---
[1] Мирза Бади диван. Маджма ал-аркам.. С. 96-97..

сарчашмаҳои асосии истеҳсолоти иқтисодӣ ба шумор мерафт. Бо назорати тақсимоти об, девонбегӣ ба фаъолияти кишоварзӣ ва танзими ҳуқуқии дастрасӣ ба захираҳои обӣ мусоидат мекард, ки барои пешгирии ихтилофҳо байни табақаҳои мухталифи деҳқонон муҳим буд.

Истифодаи унвонҳои "девонбегии аъзам" ва "вазири молия" нишон медиҳад, ки девонбегӣ на танҳо як мансаби амалӣ, балки як мақоми баландсифати рамзӣ дар низоми давлатдории аморат буд. Ин мақом доираи васеи ваколатҳоро дар бар мегирифт ва шахсе, ки ба ин вазифа таъйин мешуд, бояд на танҳо донишманди молия, балки сиёсатмадори моҳир ва сарваре боэътимод мебуд.

Маълумот дар бораи девонбегӣ ва нақши ӯ дар идораи молия барои таърихшиносон ва шарқшиносон аҳаммияти калидӣ дорад, зеро он нишон медиҳад, ки дар аморати Бухоро чӣ гуна сохтори маъмурӣ ва иқтисодӣ вуҷуд дошт. Шарҳи Мирзо Бадеъ дар бораи "девонбегии аъзам" ин мақомро ҳамчун яке аз сутунҳои асосии идораи давлат тасдиқ мекунад.

Хулоса, Девонхонаи молиявӣ ва мақоми девонбегӣ на танҳо ба танзими иқтисодии аморат мусоидат мекарданд, балки воситаи асосии нигоҳ доштани устувории иҷтимоиву сиёсӣ низ буданд. Нақши васеи девонбегӣ дар идораи молия, назорати андозҳо, тақсимоти об ва муносибатҳои давлат бо табақаҳои мухталифи ҷомеа нишон медиҳад, ки ин мансаб яке аз пояҳои асосии низоми аморати Бухоро маҳсуб мешуд.

Вазорати мудофиа аз идораҳои марказии аморат ба шумор рафта, он аз ҷониби тӯпчибошӣ идора карда мешуд. Тӯпчибоширо вазири ҳарбӣ низ меномиданд. Артиллерияи гарнизони шаҳри Бухоро, артиллерияи аморат, ҳамаи саркардаҳои қӯшуни аспсавор ва пиёдагард ба тӯпчибошӣ (тӯпчибошии лашкар) итоат мекарданд. Тамоми қисмҳои ҳарбӣ, аз ҷумла сардори гарнизони шаҳри Бухоро тӯпчибошӣ буд. Агар амир ва қушбегӣ аз пойтахт берун бароянд, тӯпчибошӣ ҳамчун ҷойнишин дар Арк менишаст[1]. Ӯ фаъолияти маҳалҳоро

[1] Крестовский В.В. В гостях у бухарского эмира (путевой дневник). –СПб, 1887. –С.287.

тавассути намояндаи махсуси ҳарбӣ назорат мекард. Дар айни ҳол Тӯпчибошӣ вазифаи коменданти қалъа ва болои–Арки олиро ба ӯҳда дошт.

Аҳмад Маҳдуми Дониш вазъи сиёсӣ ва ҳарбии аморатро чунин менигорад, ки амир Насрулло мансаби амири аскарӣ ва тӯпхонадории Бухороро ба писараш Шоҳрух вогузор намудааст[1].

Инчунин чор гурӯҳи мансабдорони асосии олии динӣ дар идоракунии мамлакат нақши муҳим мебозиданд: 1) Шайх ул-ислом – яке аз унвонҳои динӣ буда, аз болои диёнати мардум роҳбарӣ мекард. Ӯ дар маросимҳои давлатӣ ҳамеша дар тарафи дасти рости амир аввалин шуда ҷой дошт. Ба мансаби шайх ул-ислом аз авлоди саидон, донандаи тафсир, фиқҳ, ҳадис ва дигар илмҳои динӣ таъин мегашт. Баъди шайх ул-ислом қозикалон меистод. Қозикалон дар аморат қозиухуззод (ҳаками) олӣ буд. Қозӣ аскар масъалаҳои ҳарбӣ ва ҷиноятҳои ҳарбиро ҳаллу фасл менамуд; 2) Аълам – мансабдорест, ки аз рӯйи масъалаҳои фиқҳӣ (ҳуқуқшиносии ислом) фатво мебаровард, ҳуҷҷатҳои расмии аз ҷониби муфтӣ омодашударо бо муҳр тасдиқ мекунад. Аълам ҳамчун сарвари муфтиҳо эътироф гашта буд. Аълами муфтӣ маслиҳатчии қозикалон ба шумор мерафт.

Дар Бухоро одатан дар назди қозикалон 14 нафар муфтӣ фаъолият мебурданд. Муфтии ҳарбӣ-барои низомиён фатво мебаровард, махсусан ҳангоми сафари амир ба бекигариҳо ё юришҳои ҳарбӣ ҳамчун вакили фатводиҳанда амал мекард; 3) Муҳтасиб – аҳолиро ба он даъват менамуд, ки худро аз ҳаракатҳои ғайришаръӣ боздоранд, корҳои шариат иҷозат додаро риоя намоянд; 4) Мударрис-тарбиятгар (ба забони русӣ профессор) – ба ин мансаб дар аморати Бухоро эътибори муҳим зоҳир мегардид, вазифаи асосии мударрисон ба муҳассилин илм додан ва онҳоро муофиқи таълимоти шариат тарбия намудан буд. Ҳаминро таъкид бояд кард, ки қозиҳо, бекҳо ва дигар мансабдорони оянда барои тарбияи мударрисонро гирифтан вазифадор буданд.

---

[1] Аҳмад Маҳдуми Дониш. Рисола ё му3хтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития.- Душанбе: Сарват, 1992.- С. 45.

Садри Зиё доир ба таълиму тадрис дар аморат маълумот дода, навиштааст, ки ҳикояти домулло Шермуҳаммад алайҳирраҳма, ки дар амири саъид (амир Ҳайдар ) ва амири Баҳодурхон (амир Насруллоҳ) ба охундӣ ва тадрисӣ (дарсгӯи) мадрасаи Кӯкалтош мансуб ва бонии мадрасаи машҳур, ки дар шафати Кӯкалтош воқеъ шуда. Охунди мазкур олими мутабаҳҳир (олими пурдон) ва комили мутафаррид (ягона), устози уламои он аср ва мумтози фузалои он замон буда, дар илми холу қол (илмҳои мадраса) беқарину ҳамол (бемонанд) буданд[1].

Дар қисмати эзоҳоти "Таърихи нофеъи"-и Муҳаммад Алии Балҷувонӣ, ки аз ҷониби таҳиягарон Ш. Воҳидов ва З. Чориев нашр шудааст, таъкид меравад, ки мадрасаи Модари хон дар лаби рӯдгузари Мадари хон ҷойгир аст ва мадрасаи Олимҷонбой воқеъ дар гузари Чаҳор ҳаррос, мадрасаи Эшони пир дар гузари Эшони пир, мадрасаи амир Насруллохон дар гузари Қӯчқор, мадрасаи Алӣ Чӯбин дар гузари Хӯҷа Ҳабибулло (1277/1860) аз ҷониби амир Насруллохон бунёд гардидааст[2].

Тибқи маълумотҳои сарчашмаҳо дар аморати Бухоро яке аз унвонҳои олӣ *қозӣ* буда, аз чаҳор дараҷа иборат буд. 1. Шайхулислом. 2. Қозӣ ул-қузот. 3. Қозии аскар. 4. Қозии вилоят.

Инчунин боз чор гурӯҳи мансабҳо вуҷуд дошт, ки онҳоро амир ба шаҳрвандон - саидзодагон инъом мекард. Ба ғайр аз ин новобаста аз мансубияти иҷтимоӣ ба уламо, саидҳо, хоҷаҳо ва дигар тоифаҳо мансабҳои мири асад, файзӣ, садр ва судур инъом карда мешуд.

Агар файзӣ олим ё саид бошад, ба ӯ вазифаи муҳтасиби қисми берунии шаҳри Бухоро супорида мешуд. Агар мири асад аз олимон ё саидон бошад, ба ӯ вазифаи муҳтасибии яке аз шаҳракҳо супорида мешуд. Дар роҳбарии идораи марказии аморати Бухоро чор мансабдори асосӣ бо ташкили корҳои давлатӣ машғул мешуданд. Ин ваколатро девонбегӣ – шахсе, ки ба масъалаҳои молиёт шуғл меварзид, иҷро мекард; мушриф –бо навиштани (ба қайд гирифтани)

[1] Садри Зиё. Наводири Зиёия.-Душанбе, 1991.- С. 13.
[2] Муҳаммад Алӣ Балҷувонӣ. Таърихи нофеъи. Тарҷума аз забони тоҷикӣ, муаллифони сарсухан ва эзоҳот Ш. Воҳидов ва З. Чориев.-Тошкент, 2001.-С. 89,92,93,97.

ҳадяву лавозимоти ба номи амир инъомшуда (ашёҳо, сарулибос, яроқу аслиҳа ва ғ.) машғул буд; дафтардор – маълумотро дар бораи истифодабарӣ ё худ рад карда шудани танхоҳ ё ки суюрғол гирд меовард; девони танобчӣ – аз хироҷи дар фасли баҳор ва тирамоҳ воридшуда назорат мебурд[1].

Дар идоракунии марказӣ инчунин якчанд мансабҳову вазифаҳо мавҷуд буда, онҳо ба ғайр аз вазифаҳои асосӣ боз ба ваколатҳои иловагӣ низ соҳиб буданд. Масалан, тӯқсабо ба ғайр аз назорат кардани дастурхони амир, вазифаи ҳоким ва мироби ноҳияи Харканруд (Ғиждувон)-ро иҷро мекард. Ба ғайр аз ин, тӯқсабо ҳангоми юришҳои ҳарбӣ туғ (парчами) амирро бардошта мегашт. Ӯ сардори маҳкамаи хизмати бехатарӣ низ буд[2]. Эшикоғабошӣ бошад, ҳангоми дар қаср қарор доштани амир бо посбонӣ машғул мешуд, ба замми ин ӯ ҳокими ноҳияи Шопурком ва масъули обтақсимкунӣ ба ин минтақаҳо буд[3]. Кӯкалдош – аз корҳои вилоятҳо, дӯсту душман хабардор гашта, корҳои ҷосусиро назорат мекард.

Дар аморат боз се мансаб мавҷуд буд, ки онҳо хусусияти ҳарбӣ - маъмурӣ доштанд. Мансаби аввал, қӯрчибошӣ ба шумор рафта, ӯ ба фаъолияти анбори яроқ - аслиҳахона ҷавобгар буд. Мансаби дуюм удайчӣ ном дошта, вазифаи ӯ дар ҷараёни ҷангҳо бо нишондоди нақиб аз тақсимбандии лашкар ва ҷойгиршавии он дастур медод. Қаровулбегӣ – сардори посбонон буда, аз масъалаҳои бехатарии сарҳадҳо назорат мебурд.

Дар аморат вазифаҳои шиғовул, мирохурбошӣ, миршаб низ мавҷуд буд, ки амалҳои ба худ низомиро сарварӣ мекарданд. Масалан, шиғовул - вакилон ва сафирони давлатро қабул мекард, аз фаъолияти онҳо назорат мебурд.

Ҳаминро алоҳида таъкид бояд кард, ки дар идораи марказии аморат боз якчанд мансабҳо вуҷуд доштанд, ки дар ҳолати ҷамъшавии лашкар, вакилони идоракунии маҳаллӣ дар кори фармонфармои марказӣ бевосита иштирок мекарданд. Ба чунин мансабҳо чандавул, қаровул, йӯлчӣ ва ҷосус ва ғайра дохил мегардиданд.

---

[1] Мирза Бади Диван. Мажма ал – аркам. – М.: Наука, 1984. –С.94.
[2] Мирза Бади Диван. Мажма ал – аркам. – М.: Наука, 1984. –С.97.
[3] Ҳамон ҷо. –С.98.

Дар маҳкамаи давлатӣ инчунин якчанд хизматчиёну ходимон, аз қабили ҷебачӣ, садаққўрчӣ, қиличқўрчӣ, мўзабардор, офтобачӣ, рўйпокбардор, қурутбардор, таркашбардор, гулобӣ, муфаррих, дасторбанд, ҷиғобанд, тамокусоз, оташбардор, тўғбичӣ, шукурчӣ, найзабардор, ҷиловчӣ танҳо вазифаҳои хизматии ба онҳо дахл доштаро иҷро мекарданд. Масалан, ҷебачӣ дӯхти либоси ҳарбиро ташкил мекард, мӯзабардор пойафзоли амирро нигоҳубин мекард ва ғ[1].

Таъкид бояд кард, ки дар аморат ба таъмини бехатарии шаҳрвандон корҳои муҳим ба сомон расонида мешуданд. Аз ҷумла бо мақсади ҳимояи аҳолӣ аз роҳзанҳо, дуздон, ғоратгарон, исёнгарон як қатор мансабҳо ҷорӣ гашта буд. Дар қатори онҳо зиндонбанд, ҷилбанд, ҷаллод ва бандибандро номбар кардан мумкин аст.

Умуман сохтори идоракунии маъмурии аморати Бухоро  ба ду қисмат ҷудо мешуд: Ҳокимияти олӣ ва ҳокимияти тобеъ. Ҳокимияти олӣ дар ихтиёри намояндагони сулолаи манғитҳо қарор дошт, ки ҳукмронии онҳо авлодӣ буд. Ҳокимияти тобеъ ба ду дараҷаи низомӣ тақсим мешуд: якум, сарварони вилоятҳо – бекҳо/ҳокимон, ки аз ҷониби амир таъин мегаштанд; дуюм, ҳокимони ноҳияҳо-амлокдорон, ки аз ҷониби бекҳо/ҳокимон таъин мегаштанд.[2]

Дар нимаи аввали асри XIX ба қоидаҳои низоми маъмурии аморати Бухоро тағйиротҳо ворид карда шуданд. Вилоятҳои Бухоро ва Самарқанд аз ноҳияҳо таркиб ёфта, дигар вилоятҳо бошад аз амлокдориҳо иборат буданд. Сарҳадбандии вилоятҳо на бо масоҳати заминҳои корам, балки бо ҳаҷми андоз ба роҳ монда шуданд. Чи тавре ки П.И. Демезон таъкид кардааст, соли 1830 аморати Бухоро аз вилоятҳои Қарокӯл, Бухоро, Кармина, Миёнқол, Самарқанд, Каттақӯрғон, Тошканд, Ҷиззах, Қаршӣ, Лабиоб (дар соҳили Амударё) ва ноҳияҳои ҷанубиву вилояти Балх иборат буд[3].

---

[1] МирзоБадеи Диван. Маҷмаъ -  ул – арком. – Душанбе, 2015. –С.162.
[2] Соловьева О.А. Должностные символы в Бухарском эмирате в XIX в. // Этнографическое обозрение. 2002. № 4. –С.112.
[3] Демезон П. Записки о Бухарском ханстве. –М.,: Наука, 1983. –С.39.

Дар мавриди ҳудуди ягонаи аморати Бухоро дар сарчашмаҳои хаттии маҳаллӣ фикри ягона вуҷуд дошта, асосан истилоҳи “Мовароуннаҳр”-ро истифода мебаранд. Танҳо мулкҳо-музофотҳои Марв ва Балхро дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд. Инчунин дар асарҳои муаллифони маҳаллӣ Муҳаммад Вафои Карминагӣ, Муҳаммад Шариф, Мирӣ ва дигарон истилоҳи “Турон”, “Туронзамин” ё “мамолики Турон”истифода мегардад, ки онро дар мавриди аз Эрон ҷудо кардани минтақа истемол мекарданд[1].

Ҳокими вилоятҳо мансаби бекро ишғол менамуд. Инчунин онҳоро бо унвони “ҳоким”, “волӣ”, “қушбегӣ” ва “девонбегӣ” низ ном мебурданд. Бекҳо аз ҷониби амир ба мансаб таъин мегаштанд. Бекҳо намояндаи табақаи болоӣ буда, одатан заминдорони калон буданд.

Бекҳо асосан аз рента даромад мегирифтанд, зеро онҳо аз амир маош намегирифтанд, дар навбати худ ӯ аз ҷараёни андозситонӣ назорат мебурд. Бекҳо амалдорони амир ба шумор мерафтанд, аз ҷониби амир бо фармон ба вазифа тайин мешуданд ва ба амир доир ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҳудуди идоракунӣ ҳисобот медоданд. Сарварони вилоятҳо ба унвони хос соҳиб буданд. Чунончи, сарварони мулкҳои Шаҳрисабз ва Ҳисор ба унвони ҳоким, сарварони Қаротегин ва Дарвоз ба унвони шоҳ соҳиб буданд[2].

Мансаби бек меросӣ набуд, амир кай хоҳад бекро метавонист иваз кунад. Ҳангоми вафоти бек молу мулки ӯ ба хазинаи давлат супорида мешуд, меросхӯрони ӯ ба соҳибӣ кардан ба ин мулк ҳақ надоштанд. Бо назардошти низоъҳо баъзан зарур меомад, ки бекигариҳо барҳам дода шаванд, ба дигар бекигарӣ ҳамроҳ карда шаванд. Ҳокими вилоятҳои калонтарин то 100 нафар аъёну ашроф (соҳибмансаб) доштанд, онҳо сиёсати раҳбари давлат – амирро дар маҳалҳо ҷорӣ мекарданд, на фақат ҳуқуқи судӣ, инчунин ҳуқуқҳои маъмурӣ ва молиявӣ доштанд[3].

---

[1] Фон Кюгельген Анке. Легитимация среднеазиатской династии мангитов в произведениях их историков (ХУШ-Х1Х вв.). -Алматы: Издательство «Дайк-Пресс», 2004. -С.92.

[2] История таджикского народа. Т.IV....-С. 322.

[3] Мирза Бади-диван. Маджма ал-аркам ...С 115. Иванов П П Восстание китай-кипчаков ... - С 24

Тартиботи ҷамъиятиро шабона баъди намози хуфтан то намози бомдод миршабҳо ва шабгардҳо назорат мекарданд. Одатан, дар назди қароргоҳи бек зиндони хурд вуҷуд дошт.

Дар калонтарин деҳаҳо агар истеҳкомҳои мудофиавӣ – қӯрғон вуҷуд дошта бошад, дар қатори маъмурӣ, граждании инчунин мансабдори ҳарбӣ – доруға фаъолият мебурд.

Тартиботи дохилии шаҳри Бухоро аз ҷониби миршаб назорат карда мешуд. Ба миршаббошии Бухоро миршабҳои шаҳрҳои дигар тобеъ буданд. Маъмури муҳофизати шаҳр миррасас унвон дошт ва ӯ ба миршаббошӣ тобеъ буд. Маҳбусон дар ихтиёри ӯ қарор доштанд. Шиғовул, удайчии амир бо ихтиёри худ ҳеҷ корро анҷом дода наметавонистанд, онҳо танҳо ба фармони амир итоат мекарданд.

Чи тавре ки Р. Холиқова менигорад, шаҳри Бухоро аз ду деҳа ва ҳар яки онҳо аз 6-тогӣ ҷариб иборат буданд. Ҷарибро бобо идора мекард, маҳкамаи ӯ бобохона номида мешуд. Дар ихтиёри бобо муҳофизи шабона фаъолият мебурд.

Аз ин маълумотҳо бармеояд, ки миршаб мансабдоре буд, ки барои таъмини тартиботи дохилӣ, назорати ҳуқуқӣ ва амнияти умумии шаҳри Бухоро масъул буд. Миршабҳо фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо дигар маъмурони шаҳр, аз ҷумла миррасас (маъмури муҳофизат), ба роҳ мемонданд.

- Миршаббошӣ – ин мансабдор баландтарин масъули тартиботи дохилӣ буд, ки миршабҳои шаҳрҳои дигар низ ба ӯ тобеъ буданд.

- Миррасас – ба назорат ва ҳифзи бевоситаи шаҳр машғул буд ва бо корҳои маҳбусон сару кор дошт, ки ба сохтори адлияи шаҳр алоқаманд буд.

Дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои атроф низоми муташаккили назорат вуҷуд дошт. Ҳар шахс ё мақомдор вазифаҳои худро дар доираи ваколатҳои муайян иҷро мекард: Шиғовул ва удайчӣ – ин шахсиятҳо вазифаҳои маъмурӣ ё низомӣ доштанд, вале бе иҷозати амир амал кардан ҳуқуқ надоштанд. Онҳо мисли намояндагони махсуси амир буданд, ки дар ҳолатҳои фавқулода фармонҳои ӯро иҷро мекарданд.

Ин сохтор нишон медиҳад, ки аморати Бухоро низоми марказонидашуда дошт, ки дар он тамоми сохторҳои маъмурӣ бевосита ба амир итоат мекарданд.

Шаҳри Бухоро аз ду деҳа иборат буд, ки ҳар яки онҳо ба 6 ҷариб тақсим мешуданд. Ҷарибҳо воҳидҳои маъмурии хурд буданд, ки дар онҳо сохтори худидоракунии маҳаллӣ амал мекард:

-Бобо – шахси масъул барои идораи ҷариб. Ӯ на танҳо ҳамчун роҳбари маъмурӣ, балки ҳамчун додрас ва намояндаи мардум низ амал мекард.

-Бобохона – идораи расмии бобо, ки дар он масъалаҳои маҳаллӣ ҳал карда мешуданд, аз ҷумла баҳсҳои ҳуқуқӣ, тақсимоти молу мулк, ва ҳалли ихтилофот.

-Муҳофизи шабона – шахсе, ки бехатарии ҷарибро дар шаб таъмин мекард, нишон медиҳад, ки тартиботи дохилӣ дар сатҳи маҳаллӣ низ хеле муҳим ҳисобида мешуд.

Ташкил ва тақсимоти шаҳр ба ҷарибҳо ва вазифадории furobоҳо бо мақсади нигоҳ доштани тартибот, ҳифзи иҷтимоӣ ва пешгирии бесарусомониҳо амал мекард. Ин сохтор самарабахшии идоракунии шаҳрро баланд мебардошт ва имконият медод, ки амният ва назорати тартибот дар сатҳи маҳаллӣ таъмин гардад.

Миррасас ҳамчун шахсе, ки барои назорати маҳбусон масъул буд, дар сохтори адлия нақши муҳим дошт. Ҳама гуна баҳсҳои марбут ба маҳбусон ё ҳолатҳои ҳуқуқӣ таҳти роҳбарии ӯ сурат мегирифтанд. Ин нишон медиҳад, ки идораи маҳбусон низоми худтанзимкунии муайян дошт, ки ба осоиштагии ҷомеа мусоидат мекард.

Тарзи идоракунии Бухоро таҷассумгари сохтори марказонидашудаи ҳукуматдории аморати Бухоро буд. Нақши бобоҳо, миршабҳо ва дигар мақомдорони маҳаллӣ нишон медиҳад, ки дар шаҳр ҳам низоми маъмурии пурқудрат ва ҳам ташкили худидоракунии маҳаллӣ вуҷуд дошт. Ин омезиш ба таври муассир тартибот ва амнияти дохилиро таъмин мекард.

Ба таври умум, идораи дохилии шаҳри Бухоро, бо назорати бевоситаи миршаб ва сохторҳои маҳаллии ба мисли ҷариб ва бобо, як намунаи нодири идоракунии мутамарказ ва маҳаллӣ мебошад. Ин низом на танҳо таъмини

тартибот ва амниятро таъмин мекард, балки дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва адолати ҳуқуқӣ низ нақши калидӣ мебозид.

Умуман ба рушди иҷтимоиву сиёсии аморати Бухоро дар аҳди амир Насруллоҳ якчанд омилҳо, аз қабили ҷангҳои байниҳамдигарии феодалӣ, қашшоқу хонахароб будани аҳолӣ, номуросоиҳои динӣ, ҳолати бади роҳҳои тиҷоратӣ, ғоратгариҳо дар роҳҳои корвонгузар ва ғайра таъсири манфӣ мерасониданд. Низоми идоракунии маъмурие, ки дар хонигариҳо ҷорӣ гашта буд, барои васеъ намудани ҳудуди давлатҳо, тобеъ кардани мулкҳои сердаромад равона гашта буд.

Худи амир Насруллоҳ дар лашкаркашиҳо ба мулкҳои ҳамсоя фаъол буд. Дар аҳди амир Насруллоҳ (1826–1860), лашкаркашиҳои ӯ бахше аз сиёсати дохилӣ ва хориҷии Аморати Бухоро буданд, ки ба ҳадафҳои васеъ кардани ҳудуд, таҳкими ҳокимият ва назорати бештар ба мулкҳои сердаромад равона гардида буданд. Аммо, ин лашкаркашиҳо аксар вақт ба натиҷаҳои манфӣ барои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии аморат оварда мерасониданд.

Амир Насруллоҳ мекӯшид, то ҳудудҳои гуногуни амoратро таҳти назорати марказӣ қарор диҳад ва ҷангҳои байниҳамдигарии феодалиро саркӯб кунад. Лашкаркашиҳо аксар вақт бо ҳадафи ишғоли мулкҳои ҳамсоя ва ба даст овардани минтақаҳои сердаромад, ки аҳамияти стратегӣ ё иқтисодӣ доштанд, анҷом меёфтанд. Ҳадафи дигар аз лашкаркашиҳо ҳимоя ва назорати роҳҳои тиҷоратии корвонгузар буд, ки манбаи асосии даромад барои аморат ба ҳисоб мерафтанд.

Дар дохили аморат, ҷангҳои байниҳамдигарии феодалӣ вазъиятро печидатар мегардониданд. Амир Насруллоҳ дар муқобили гурӯҳҳои мухолиф ва қасабаҳо, ки ҳокимияти ӯро намепазируфтанд, лашкар мекашид. Ин ҷангҳо боиси заифшавии иқтисодиёти маҳаллӣ ва хонахаробии аҳолӣ мешуданд. Ӯ инчунин кӯшиш мекард, ки ҳудудҳои ҷудошударо аз нав ба аморат баргардонад. Лашкаркашӣ ба минтақаҳои ҳамсоя аксар вақт бо ғоратгарӣ ва харобии зиёди мулкҳо ҳамроҳ мешуд.

Дар лашкаркашиҳо, аҳкоми шариат низ нақши муҳим мебозиданд. Ҳадаф на танҳо забти ҳудудҳо, балки таҳкими нуфузи динӣ ва назорати идеологӣ буд.

Ҷангҳои пайдарпай боиси факр, талафи зиёди аҳолӣ, хонахаробӣ ва нестшавии захираҳои кишоварзӣ мегардиданд. Ҳолати бади роҳҳои тиҷоратӣ, ғоратгарии корвонҳо ва бесарусомонии маъмурӣ тиҷоратро заиф карда, манбаи даромади амората кам мекарданд. Лашкаркашиҳо боиси афзоиши зиддиятҳои динӣ ва иҷтимоӣ мегардиданд, ки боиси беэътимодии аҳолӣ ба ҳокимият мешуданд.

Амир Насруллоҳ бо лашкаркашиҳои худ як навъ устувории сиёсиро дар муддати кӯтоҳ таъмин намуд, аммо ин ҷангҳо дар дарозмуддат ба рушди иҷтимоиву иқтисодии аморат таъсири манфӣ расонданд. Роҳҳои тиҷоратӣ заиф гаштанд, аҳолӣ қашшоқ шуд ва давлат ба ҷангҳои харобиовар гирифтор монд. Низоми идоракунии маъмурӣ бештар барои ҳифзи қудрат хидмат мекард, на барои рушди устувори аморат.

Дар ҳамин маврид қайд кардан лозим аст, ки дар ҳудуди аморати Бухоро ҳалқиятҳо ва қавмҳои гуногун сукунат доштанд ва қисми зиёди онҳоро тоҷикон ташкил мекарданд. Ғайр аз тоҷикон инчунин қабилаҳои гуногуни ӯзбек чун сарой, қӯнғирот, манғит, ҷабғу, қарлуқ, қаллиқ, найман, хитой қипчоқ, қирқ, минг, кенагас, керайит ва дигарон мавқеи муҳим доштанд. Дар охири асри XVIII Мирзо Бадеи Девон дар бораи наздик 50 қавмҳои ӯзбекҳо маълумот додааст. Ӯ таъкид намудааст, ки ҳар як қавм дар навбати худ боз ба гурӯҳҳои алоҳида тақсим мешуданд. Аз ҷумла, манғитҳо ба гурӯҳҳои тӯқ, оч, оқ, қора, кӯк тақсим мешуданд.

Дар навбати худ ин гурӯҳҳо ба гурӯҳчаҳо тақсим мешуданд, масалан, қора манғитҳо ба ҷӯқӣ, галабаҳодур, кӯса ва ғайра тақсим мешуданд[1]. Аксарияти онҳо дар водиҳои Зарафшон, Қашқадарё ва Сурхондарё, шаҳри Бухоро ва атрофи он зиндагӣ мекарданд. Дар шаҳрҳои алоҳидаи Бухоро ва дар қисмати

[1] Мирза Бади диван. Маджма ал –аркам / Введение, перевод, примечание и приложения А.Б. Вильдановой. –М.: Наука, 1981. –С. 37-38.

шарқии он тоҷикон истиқомат мекарданд, ки аз лиҳози теъдод баъди ӯзбекҳо меистоданд.

Дар қисмати ҷанубӣ ва ғарбии аморати Бухоро туркманҳои бодиянишин зиндагӣ мекарданд. Дар баъзе маҳалҳои Қашқадарё авлодҳои арабҳо, дар болооби Амударё ва Сирдарё ва атрофи воҳаи Зарафшон қароқалпоқҳо умр ба сар мебурданд. Қабилаҳои кӯчманчии қазоқҳо (аз аҳли ҷузи хурд ва миёна) дар қисмати шимолу шарқии аморати Бухоро, бештар дар Конимех зиндагӣ мекарданд.

Дар ҳудуди аморат теъдоди муайяни эронӣ-форсҳо, ҳиндуҳо, яҳудиҳо, афғонҳо, қалмиқҳо, русҳо, тоторҳо, ҷӯгиҳо (лӯлиҳо) ва вакилони дигар халқиятҳо истиқомат доштанд. Қисми зиёди аҳолӣ тарзи ҳаёти муқимнишин доштанд. Аҳолии нимкӯчӣ бештар дар воҳаҳои Қашқадарё ва Зарафшон зиндагӣ карда, онҳо аз қабилаҳои хитой, қипчоқ, маркит ва ғ. иборат буданд. Баъзе халқиятҳо, масалан яҳудиҳо ҳуқуқҳои хеле маҳдуд доштанд, онҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ либоси одӣ ба бар намуда, ба миёнашон арғамчин – камар баста мегаштанд. Қисми зиёди аҳолӣ дар мавзеъҳои замини корам, водиву воҳаҳо истиқомат мекарданд. Кӯчманчиён бинобар бо чорводорӣ машғул гаштанашон дар дашту биёбон ва доманакӯҳҳо зиндагӣ мекарданд. Дар ибтидои асри XIX қисми зиёди кӯчманчиён ба ҳаёти муқимӣ гузаштанд[1].

Дар мавриди ҳудуди ҷуғрофии  тоҷикон ҳаминро таъкид бояд кард, ки дар нимаи аввали асри XIX, ҳудуди ҷуғрофиёии тоҷикон дар зери ҳукмронии Аморати Бухоро маҳдуд ба минтақаҳое буд, ки имрӯз асосан ба ҳудуди Тоҷикистон, қисматҳои шимолии Афғонистон, Ӯзбекистони ҷанубӣ ва қисман Туркманистону Қирғизистон шомиланд. Ин минтақаҳо ҳудуди ҷуғрофиёии васеъеро фаро мегирифтанд, ки бо вуҷуди гуногунрангии этникӣ, тоҷикон дар онҳо аҳолии асосиро ташкил медоданд.

Ҳудуди асосии тоҷикон дар даврони Аморати Бухоро: Шимоли Тоҷикистон, ки маркази он шаҳри Хуҷанд буд, як маркази муҳими фарҳангӣ, тиҷоратӣ ва кишоварзӣ маҳсуб меёфт. Қисматҳои ҷанубу шарқии водии

[1] История Узбекистана. Том III. (XVI – первая половина XIX века ). –Ташкент: Фан, 1993. –С.183-184.

Зарафшон, ки шаҳрҳои Панҷакент, Самарқанд ва ноҳияҳои атрофро фаро мегирифтанд, ҳудудҳое буданд, ки тоҷикон аҳолии аслиро ташкил медоданд. Водии Ҳисор: Ин минтақа, ки шаҳрҳои Ҳисор, Регар (Турсунзода), Варзоб ва гирду атрофи Душанберо дар бар мегирифт, яке аз минтақаҳои муҳим барои тоҷикон буд. Дар шарқи Аморати Бухоро, минтақаи Бадахшон ва кӯҳистони он ҳамчун ҳудуди суннатии тоҷикон боқӣ монда буд. Минтақаҳои Қубодиён, Кӯлоб ва Балҷувон низ зери нуфузи Аморати Бухоро қарор доштанд ва аз ҷиҳати фарҳангӣ ва таърихӣ минтақаҳои тоҷикнишин маҳсуб мешуданд.

Қисмати шимолии Афғонистон: Минтақаҳои Тахор, Қундуз, Мазори Шариф ва атрофи онҳо, ки дар онҳо тоҷикон ҳамчун аҳолии асосӣ зиндагӣ мекарданд, низ дар зери таъсири фарҳангии Аморати Бухоро қарор доштанд.

Шаҳрҳои бузург: Самарқанд, Бухоро, Панҷакент, Хуҷанд ва Ҳисор марказҳои асосии маъмурӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангии минтақа буданд. Водии Зарафшон ва Кӯҳистони Бадахшон минтақаҳои тоҷикнишин бо хусусиятҳои ҷуғрофии душворгузар, вале дорои аҳамияти стратегии баланд буданд.

Дар ҷануби Тоҷикистон ва шимоли Афғонистон тоҷикон дар минтақаҳои водӣ ва даштҳо ба кишоварзӣ ва чорводорӣ машғул буданд.

Бо вуҷуди он ки тоҷикон дар бисёр минтақаҳо аксариятро ташкил медоданд ва мероси фарҳангӣ ва илмиашон назаррас буд, аксари қудрати сиёсӣ ва маъмурӣ дар дасти ашхоси манғитӣ ва табақаҳои туркӣ қарор дошт. Тоҷикон бештар дар бахшҳои илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ нуфузи худро нигоҳ медоштанд.

Ҳудуди ҷуғрофиёии тоҷикон дар замони ҳукмронии Аморати Бухоро водии Зарафшон, Ҳисор, Кӯлоб, Хуҷанд ва минтақаҳои шимолии Афғонистонро дарбар гирифта, то ҷое васеъ буд, аммо шароити сиёсӣ ва иҷтимоӣ имкониятҳои рушди пурраи онҳоро маҳдуд мекард.

Гурӯҳи алоҳидаи иҷтимоӣ дар аморати Бухоро ғуломон ба шумор мерафтанд. Ғуломон дар натиҷаи ҷангҳои байнихудии ашрофони қабилаҳои ӯзбек, инчунин задухӯрҳои ҳарбӣ бо Эрон ба даст меомаданд. Дар баъзе сарчашмаҳо вуҷуд доштани теъдоди зиёди ғуломон аз ҳисоби русҳо ҳарчанд таъкид шуда бошад ҳам, сайёҳ ва сафири русҳо прапоршик Я.Виткевич соли

1836 ба Бухоро омада, оид ба мавҷуд будани 75 нафар ғуломони рус ва аз сукунат доштани 25 нафари онҳо дар пойтахт маълумот медиҳад[1]. Инчунин аз ҳисоби эрониҳо ва қалмиқҳо ғуломон мавҷуд буданд. Бозорҳои асосии ғуломфурӯшӣ дар Бухоро, Самарқанд, Қарокӯл, Қаршӣ ва Чорҷӯй ҷойгир буданд. Нархи ғуломон дар солҳои 50-60-уми асри XIX чунин будааст: писарони 10-15 - сола –то 35 тилло, наврасон ва ҷавонони 16-25 - сола – атрофи 40-50 тилло, мардҳои 26-40 - сола- 80 тилло, духтарони 10-15 - сола -70 тилло, занони 16-25 - сола- атрофи 50-60 тилло, занони 26-40 - сола- то 40 тилло нарх доштанд. Дар ҳамин давр теъдоди ғуломони рус 1000-2000 нафар тахмин карда мешавад[2]. Дар корҳои мухталиф, аз қабили корҳои хонаводагӣ, корҳои саҳро, сохтмон, ободонӣ ва ғ. аз қувваи ғуломон истифода мебурданд.

Дар Бухоро ғуломони эронӣ арзиши баланд доштанд. Онҳоро зархарид меномиданд. Бархе аз ин ғуломон дар идораҳои маъмурӣ ва зинаҳои давлатдорӣ истифода мегаштанд. Амирони Бухоро аз ҳисоби эрониён ҳатто дастаи ҳарбии аспсавор таъсис дода буданд. Абдусамади Табрезӣ аз ҷониби амир Насруллоҳ ба мансаби тӯпчибошӣ таъин гашта буд.

Намояндагони сулолаи манғитҳо мунтазам баҳри таъсиси давлати мутамарказ, муттаҳид намудани Осиёи Марказӣ талош меварзиданд, вале қавму қабилаҳои кӯчманчии ӯзбек сиёсати марказгурезиро пеша менамуданд, ки боиси парокандагии сиёсӣ мегашт. Ҳамзамон низоъҳои ҳарбии байниҳамдигарии хонигариҳои Осиёи Миёна, талаву тороҷ гаштани шаҳру деҳот вазъиятро боз ҳам ноустувор мекард, бо деҳқонӣ ва ҳунармандӣ шуғл меварзиданд. Тарзи заминдории аҳолии Осиёи Миёна дар давоми асрҳои XVI - XIX қариб, ки бетағйир боқӣ монда буд. Аз ҷумла, дар аморати Бухоро заминдорӣ дар шаклҳои зайл: заминҳои давлатӣ, заминҳои танхоҳ, заминҳои

[1] Записки о Бухарском ханстве (Отчеты П. И. Демезона и И.В. Виткевича). –М., 1983. –С.115.
[2] Исмаилова С.К. Документы о рабстве в Бухарском эмирате в XIX – начало XX в. // Известия АН Тадж. ССР. - 1973. -№2 (72). –С. 20-30.

улуфа муваҷҷиб, заминҳои робита ва тархон (заминҳои аз андоз озод) иборат буданд[1].

Ҳамин тавр, дар нимаи аввали асри XIX аморати Бухоро дар вазъияти душвори сиёсӣ ва таъсири қувваҳои берунӣ вуҷуд дошт. Аморати Бухоро дар ин давра таъсироти қувваҳои берунӣ, аз ҷумла Русия ва Британиёи Кабирро низ эҳсос мекард. Бо вуҷуди баъзе хусусиятҳои умумӣ дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии аморати Бухоро хусусиятҳои ба худ хос вуҷуд дошт. Ҳокимият дар аморати Бухоро ба таври мутамарказ дар ихтиёри амир қарор дошт, ки ӯ ҳукуматро ба воситаи намояндагони сулола ва аъёну ашрофи маҳаллӣ идора мекард. Дар аморати Бухоро гурӯҳҳои мухталифи этникӣ ва иҷтимоӣ мавҷуд буда, онҳо ба рушди сиёсии мамлакат то андозае ҳиссаи худро мегузоштанд.

## 2.2. Низоми лашкардорӣ ва ислоҳоти ҳарбии амир Насрулло

Роҷеъ ба низоми лашкардории Бухоро дар сарчашмаҳо маълумоти бештар дода шудааст. Филлип Ефремов, ки дар охири асри XVIII дар асорати аморати Бухоро қарор дошт, таъкид намудааст, ки солҳои 70-ум лашкари бухороиҳо аз ҳисоби халқиятҳои гуногун созмон дода шудааст, яъне дар ҳайати қӯшуни Бухоро на фақат тоҷикону ӯзбекҳо, инчунин туркману афғонҳо низ шомил буданд[2]. Бинобар маълумоти сарчашмаҳо тоҷикони Қаротегин, Дарвоз ва Мастчоҳ ба ҳайати лашкари Қӯқанд ҷалб гашта буданд[3].

Дар аморати Бухоро низоми муайяни лашкар ташаккул ёфта буд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар аморати Бухоро лашкар асосан аз аспсаворон иборат буда, пиёдагардҳо вуҷуд надоштанд. Дастаи аспсаворон ба ду қисм ҷудо мешуд: навкарон ва қарочирикҳо[4]. Навкарон дар ҳайати дастаи ҳарбии хӯҷаини

---

[1] Абдураимов М. Очерки аграрных отношений в Бухарском ханстве в XVI – первой половине XIX века. Том 2.– Ташкент: Фан, 1970. - 84 с.

[2]Ефремов, Ф. Девятилетнее странствование Российского унтер-офицера Ефремова, ныне коллежского асессора, десятилетнее странствование и приключения в Бухарин, Хиве, Персии и Индии, возвращение оттуда через Англию в Россию, писанное им самим. — СПб, Изд. 3-е, Казань, 1811. –С.32; История таджикского народа. Т. IV... С.301

[3] Холикова Р.Э. Из истории военного дела в Бухарском эмирате //Молодой ученый. 2014. № 9 (68). –С. 399-402.

[4] Иванов, П. П. Восстание китай-кыпчаков в Бухарском ханстве 1821–1825 гг. // Труды Института востоковедения. Т. 28. — Москва-Ленинград, 1937. –С. 41-42.

худ (хон, амир, волӣ, атолиқ, ашроф) хизмат мекарданд, доимо бо чизу чора ва пулу маош таъмин гардида, инчунин аз ҳар гуна уҳдадориҳо (ба ғайр аз уҳдадории ҳарбӣ) озод буданд.

Вобаста ба соҳаи хизмат навкарон ба мерганҳо ва найзадастон тақсим мешуданд. Шумораи навкарон маҳдуд буд, қарочирикҳо бошанд дар шумора маҳдуд карда намешуданд. Қарочирикҳо ҳангоми сар задани ҷангҳо ба хизмати ҳарбӣ сафарбар карда мешуданд. Асосан мардҳо ба хизмат даъват карда мешуданд[1]. Қарочирикҳо бо аспи худашон ба хизмати ҳарбӣ ҳозир мешуданд.

Лашкари аморати Бухоро ба дастаҳои мухталиф тақсим мешуд. Дастаи ҳарбии 500 нафараро сарлашкар панҷсадбошӣ, дастаи 100 нафараро тӯқсабо, юзбошӣ сарварӣ мекарданд[2]. Инчунин панҷоҳбошӣ ва даҳбошӣ низ масъули дастаи ҳарбӣ ба шумор мерафтанд. Солҳои 70-уми асри XVIII дар ихтиёри лашкари Бухоро 5 тӯпи нӯҳфунта, 2 тӯпи панҷфунта, 8 тӯпи сефунта ва 5 мотир мавҷуд буданд[3].

Теъдоди лашкари Бухоро аз 10 ҳазор нафар иборат буд. Дар аҳди Шоҳмурод (1785-1800) теъдоди лашкар ба 60 ҳазор нафар расонида шуд. Лашкар мунтазам бо маош таъмин мегардид[4]. Аскари қатори тибқи маълумоти Ф.Ефремов дар як сол 2 червон (6 рубл) пул, 4 ботмон (як ботмон -8 пуд) ҷаварӣ ё гандум мегирифт.

Дар давраи ҳукмронии амир Насруллоҳ қӯшунҳои мунтазам ташкил карда шуд. Шумораи сарбозон аз 40 ҳазор нафар иборат буд Лашкари ҳарбӣ аз ҷанговарони савора ва пиёда таркиб ёфта, силоҳҳои онҳо шамшер, найза ва тиру камон ба ҳисоб мерафт. Лашкарони аморати Бухоро дар атрофи тамоми шаҳрҳои мамалкат асосан шаҳрҳои сарҳадӣ (Ҷиззат, Ӯротеппа, Қарокӯл ва Марв) ҷойгир буданд.

---

[1] Вяткин, В. Л. Каршинский округ, организация в нем войска и события в период 1215–1217 (1800–1803) годов // Известия Среднеазиатского отделения Российского Географического общества, т. XVIII, Ташкент, 1928.-С.15-16.

[2] Бурнашев, С. Т. Путешествие от Сибирской линии до города Бухары в 1794 г. и обратно в 1796 г. // Сибирский вестник, издаваемый Гр. Спасским. — СПб, 1818, ч. 3. –С.100-101.

[3] Ефремов, Ф. Девятилетнее странствование Российского унтер-офицера... –С.133.

[4] Григорьев В.В. Россия и Азия. Сборник исследований и статей по истории, этнографии и географии, написанных в разное время. — СПб, 1876. –С. 50.

Дар аморати Бухоро даромад ва маоши моҳонаи лашкар соли 1856 ба тариқи зайл нишон дода шудааст: сарбози қаторӣ 20 танга (4 рубл нуқра), даҳбошӣ 1,5 тилло, юзбошӣ 6 тилло (24 рубл нуқра), қаровулбегӣ 4,5 (18 рубли нуқра), панҷоҳбошӣ 85 танга (17 рубли нуқра), панҷоҳбошии хурд 50 танга (10 рубли нуқра)-ро ташкил мекард[1].

Аз юзбошӣ сар карда ба ғайр аз маош ва либос, ба ҳар як кас замин дар намуди "танхоҳ" инъом карда мешуд. Ҳаҷми замин вобаста ба рутбаву унвон ҷудо карда мешуд. Барои корнамоиҳо дар ҷараёни ҷангҳо ҳарбиён бо ҷомаҳои зарбофу шоҳӣ, саллаҳо, корд, миёнбанд (камар), шамшер мукофотонида мешуданд. Мансабдорони олӣ бо камари бо тиллову сангҳои қиматбаҳо ороишёфта, корд ва шамшер қадрдонӣ мегардианд.

Сарварии лашкарро дар Бухоро тӯпчибошӣ бар уҳда дошт, баъзан худи амир ё атолиқи вай саркардаи лашкар мегашт. Ёрдамчии тӯпчибошӣ нақиб буд, ки ӯ ҳангоми лашкаркашиҳо масъули ҳаракати лашкар ва ҷойгиршавии он буд. Нақиб тактика ва стратегияи ҳарбиро хуб медонист, дар бораи авангард ва арергади лашкар, қаноти росту чапи қӯшун ва дигар қисмҳо маълумоти кофӣ дошт. Лашкар на танҳо дар раванди ҷангҳо, ҳифзи давлат ва ҳокимият, инчунин ҳангоми ивазшавии ҳокимон, муборизаи меросхӯрон, аъёну ашроф нақши муҳим мебозид.

Дар нимаи аввали асри XIX рушди умури лашкарияи аморати Бухоро ду марҳиларо аз сар гузаронид: давраи то ташаккулёбии лашкари доимӣ ва давраи баъди ташаккулёбии лашкари доимӣ дар соли 1837[2].

Дар давраи аввал тарзи ҷамъ намудани лашкар чунин буд. Номи сарбозон ба рӯйхат дароварда мешуд ва дар мавриди зарурат амир онҳоро ба воситаи *ҷарчӣ* ҷамъ мекард. Бар сарбозон ҷойи ҷамъшавӣ хабар дода мешуд. Дар бораи ҳадафу мақсади ҷамъшавӣ сарбозон хабар надоштанд. Ба сарбозон амр карда мешуд, ки ҳамроҳи худ хӯроку пӯшокро, ки ба муҳлати 10-12 рӯз басанда аст,

[1] Троицкая А.А. Военное дело в Бухаре в первой половине XIX века.- М: Наука, 1953.- С. 214.
[2] История Народов Узбекистана. Том 2. От образования государства Шейбанидов до Великой октябрьской социалистической революции. / Под редакцией: чл.-корр. Ан СССР, заслуж. Деятеля науки УзССР С. В. Бахрушина и кандидатов исторических наук В. Я. Непомнина и В. А. Шишкина. — Ташкент: Изд-во АН Уз ССР, 1947. –С.301

оваранд. Сарбозе, ки асп надошт, вазифадор буд, ки асп бихарад. Баъди бозгашт аз юриши ҳарбӣ аспро фурӯхта метавонист. Ба сарбозони захиравӣ хеле маоши ночиз ҷудо карда мешуд[1]. Сарбозони қаторӣ дар як сол ҳафт танга маош ва якчанд ботмон ғалла мегирифтанд. Аксар вақт ҳатто ҳаминро ҳам намегирифтанд.

Дар мавриди зарурӣ амир метавонист аз 30 то 50 ҳазор нафар лашкар ҷамъ намояд. Миқдори муайяни сарбозонро ҳокимони вилоятҳои алоҳида (Самарқанд, Ӯротеппа, Хуҷанд, Қаротегин ва Ҳисор) таъмин менамуданд. Солҳои 30-юми асри XIX дар аморати Бухоро 19000 лашкар мавҷуд буд. Ба лашкар аз вилояти Бухоро 12 ҳазор сарбозон, аз ҷумла, аз Самарқанд-2500, аз Қаршӣ-2500, аз Маймана-1000, аз Қарокӯл -1000 нафар аскар сафарбар мегаштанд. Дар асри XIX сохтори лашкар қариб, ки бетағйир боқӣ монда буд[2]. Сафири англис А. Бернс, ки ибтидои солҳои 30-юми асри XIX ба Бухоро ташриф оварда буд қайд мекунад, ки: “лашкари Бухоро аз вилоятҳои гуногуни мамлакат бо теъдоди 20 ҳазор саворагон ва 400 сарбозони пиёдагард бо 41 тӯп ҷамъ мешаванд. Ғайр аз ин, 50 ҳазор нафар элҷар ё милитсия, ки 10 ҳазори онҳо аз минтақаи Балх ва ҷануби Амударё ва аз ҳисоби туркманҳо гирд оварда мешуданд ва дар қӯшун интизом вуҷуд надошт.[3]”

Таҳлил нишон медиҳад,ки сохтори лашкари аморати Бухоро бо мушкилоти зиёд, аз ҷумла таъмини худӣ, маоши кам, интизоми заиф ва вобастагӣ ба манбаъҳои маҳаллӣ мувоҷеҳ буд. Ин нишон медиҳад, ки лашкари аморат барои муқовимати дарозмуддати ҳарбӣ омодагӣ надошт ва бештар ба низоми суннатии феодалӣ такя мекард.

Дар лашкари аморати Бухоро яроқи вазнини оташфишон - тӯп (замбарак) мавриди истифода қарор мегирифт. Қисми муайяни тӯпҳо аз замони ҳуҷуми Нодиршоҳи Афшор боқӣ монда буданд. Тӯпҳо аз ҷиҳати ҳаҷм хеле калон буда, барои интиқоли он 8 барзагов истифода мегашт. Сайёҳи рус Будрин аз мавҷуд

---

[1] История таджикского народа. Т. IV. –Душанбе: Дониш, 2010.-С.301. 1124 с.
[2] Будрин. Русские в Бухаре в 1820 (записки очевидца) // Справочная книжка Оренбургской области на 1821 г. –С.40.
[3] Бернс А. Путешествие в Бухару. –М., 1848. –С.422.

будани якчанд тӯпҳои чӯянии корношоям дар Бухоро маълумот додааст. Масалан, амир соли 1810 ҳангоми юриш ба самти хонигарии Қӯқанд 15 адад тӯпҳои милашон хурдро, ки онҳоро уштурҳо кашола мекарданд, истифода бурдаааст. Тӯпҳои хурдро ба воситаи аробаҳои асп (сарт ароба ё қӯқанд ароба – З.Ғ.) ба майдони ҷанг меоварданд[1].

Тӯпҳо имконияти маҳдуд доштанд, тири онҳо ба масофаи дур намерасид. Тӯпҳо бештар дар байни сарбозони рақиб тарсу ҳаросро ба вуҷуд меоварданд ва комилан ба нишон расидани тири онҳо на он қадар муҳим буд.

Баъди ташкили лашкари доимӣ тӯпчиҳо маош мегирифтанд (се сӯми нуқра дар як моҳ), либоси махсуси фарққунанда, ки ранги сияҳ дошт ба бар мекарданд. Миёнаи солҳои 50-уми асри XIX миқдори тӯпҳои аморати Бухоро ба 80 адад расид. Аз онҳо 30 адад дар Шаҳрисабз ва 50 адад дар Бухоро, ва 32 адади он дар майдони Арки ҳоким ҷойгир буданд[2]. Инчунин, дар Ҷиззах -2 тӯп, дар Каркӣ-1, дар Ӯротеппа – 10, дар Чорҷӯй -1 ва дар Зомин – 4 тӯп нигоҳ дошта мешуд[3].

Ғайр аз ин, дар ихтиёри беки Ҳисор якчанд тӯпҳои мисин мавҷуд буданд[4].

Заифии лашкари доимии хонигарӣ дар ҳар набард эҳсос мегашт. Баъди якчанд мағлубият дар ҷангҳо бар муқобили хонигариҳои Хева ва Қӯқанд амирони Бухороро водор намуд, ки ба ислоҳоти ҳарбӣ шурӯъ кунанд. Ба тезонидани ислоҳот инчунин ба Бухоро омадани казакҳои рус, ки ҳайати сафорати Негриро (1821) ҳимоя мекарданд, сабаб гардид. Вале солҳои 20-уми асри XIX барои тадбиқи ислоҳоти ҳарбӣ шароити зарурӣ вуҷуд надошт.

Нахустин маслиҳатчиёни ташкили лашкари доимӣ дар Бухоро асирони рус ба шумор мерафтанд. Амир Насруллоҳ шахси кунҷков буд, дар бораи давлатҳои Аврупо, хусусан дар бораи Русия пайваста маълумот ҷамъ мекард. Ӯро бештар лашкари русҳо ба худ ҷалб мекард. Ӯ бо сарбозон ва казакҳои рус, ки ҳайати

[1] История таджикского народа. Т. IV...-С.302.
[2] Ҳамон ҷо. –С.303.
[3] Троицкая, А. Л. Военное дело в Бухаре в первой половине XIX в.-С.215.
[4] Хамраев, М. Очерки истории Гиссарского бекства конца XIX-начала XX века. — Сталинабад, 1959.-С.27; Мухтаров, А. Хисар. Исторический очерк. — Душанбе, 1995. –С.100.

дипломатии Негриро ҳимоя мекарданд, шинос гашта буд. Тарзу усули истифодаи яроқи онҳо амирро ба худ ҷалб карда буд.

Соли 1837 амир Насруллоҳ ислоҳоти ҳарбӣ гузаронида, ба ташкили лашкари доимӣ шуруъ мекунад. Дар натиҷаи ин ислоҳот ҳолати ҷангии лашкар беҳтар гардид. Пеш аз ҳама, ба созмон додани лашкари пиёдагард эътибор дода шуд. Ҳолати ҷангии лашкари аморат беҳтар гардид. Сарбозони пиёдагард дар замони ҷанг либосҳои гуногунранг мепӯшиданд, ки сарбозонро бо сару либос амир таъмин мекард. Бо фармони амир аз оғози ислоҳоти ҳарбӣ зарур шуд, ки тамоми лашкар бо яроқ таъмин гардад. Ҳангоми фориғ будан аз ҷанг сарбозон ҷома мепӯшиданд. Ранги либоси расмии сарбозон (костюм) сурх, шалворашон сафед буд, кулоҳашон телпаки форсӣ буд. Сару либоси ҳарбиён - афсарони поёнӣ ҳар се сол иваз карда мешуд, ҳангоми юриши ҳарбӣ ба онҳо ҷуфти мӯзаҳо дода мешуд.

Амир Насруллоҳ соли 1837 даста (баталон) "қисми махсуси ҳарбӣ-тӯпчиро, ки ҳамаи таърихшиносон онро ҳамчун даста (взвод)-и артиллерия номидаанд" ташкил мекунад.[1] Ташкилкунандаи дастаи тӯпчиён Абдусамади шиа ноиб эронӣ (Табрезӣ) ба шумор мерафт[2]. Ҳамаи 2500 сарбозон бо яроқи оташфишони найзадор, шамшер ва пистолет таъмин гашта буданд[3].

Бо яроқи оташфишон танҳо сарбозон ва тӯпчиҳо таъмин карда мешуданд. Сарбозон бо милтиқи найзадор, тӯпчиҳо бо пистолет ва шамшери русӣ,ки ғилофи оҳанин дошт, мусаллаҳ мегаштанд. Афсарон бо милтиқи бенайза, юзбошӣ бо милтиқи думила, пистолет ва шамшери бухороӣ (бо ғилофи чӯбини бо чарми сиёҳ печонида шуда) таъмин буданд.

Баталони сарбозон нахустин лашкари доимии аморати Бухоро ва умуман Осиёи Миёна ба шумор рафта, бо яроқи оташфишон мусаллаҳ гашта буданд. Онҳо дар урдугоҳ бо аҳли оилаашон ҷойгир карда мешуданд. Маҳаллае, ки урдугоҳи ҳарбӣ ҷойгир буд, "сарбозхона" номида мешавад ва дар он ҷо 800

[1] Троицкая А.Л. Военное дело в Бухаре в первой половине XIX В. / А.Л. Троицкая. –Душанбе, 1953. –С.213; Назаршоев Н.М., Бониёзов И. Х. Военная история Таджикистана. –Худжанд: Хуросон, 2018. –С.336.
[2] Ханыков Н. Описание Бухарского ханства. –СПб., 1843 –С.71, 231-232
[3] История таджикского народа. Т. IV... –С. 40.

хонавода истиқомат доштанд[1]. Лашкари доимӣ –сарбозон ба чунин қисматҳо ҷудо мешуданд. Баталони (бӯлук)-и сарбозон 700 нафарро муттаҳид мекард. Баталон аз 7 *даста* (рота) иборат буда, даста аз ду *нимдаста*, 4 расад (взвод), ва 8 *бара* (нимвзвод) иборат буд. Ба даста *юзбошӣ* роҳбар буд. Ёвари юзбоширо *қаравулбегӣ* меномиданд. Расад (взвод)-ро *панҷоҳбошӣ* сарварӣ мекард, аз ӯ поёнтар *панҷоҳбошии хурд* меистод. Олими рус Е.К. Мейендорф, ки солҳои 20-уми асри XIX ба Бухоро ташриф оварда буд, таъкид кардааст, ки дар аморат ба мавқеи "командири полк"-*тӯқсабо,* "командири якчанд полкҳо" – *додхоҳ,* мавқеи сарлашкар ё маршалро *парвоначӣ* ишғол мекарданд. Дар аморат соҳибони мансаб ва унвони ҳарбиро "*саркарда*" меномиданд[2].

Теъдоди умумии сарбозон аз 40000 ҳазор нафар иборат буда, 250 нафари онҳо гурӯҳи тӯпчиён ташкил медоданд. Дар Бухоро барои омада кардани тӯпҳо тӯпхонаи махсус сохта мешуд.

Инчунин, иборат аз гурӯҳи 200 нафараи аскарон бо услуби англисӣ созмон дода шуда, ҳайати он аз ҳисоби ғуломони эронӣ пурра мегардид. Ин дастаи ҳарбӣ ба сифати гвардияи махсуси амир Насруллоҳ бо роҳбарии тӯпчибошӣ Абдусамади Табрезӣ фаъолият мебурд. Абдусамад дар як вақт ҳамчун мушовири ҳарбӣ ва ноиби амир хизмат мекард. Вазифаи сардори гарнизони шаҳри Бухороро низ ба уҳда дошт. Ӯро вазири ҳарб низ меномиданд, ӯ инчунин сарлашкари ҳамаи сардорон (командирон)-и қисмҳои ҳарбии хонигарӣ ба шумор мерафт. Дар назди амир ва аҳли дарбор обрӯву эътибори ӯ ниҳоят баланд буд.

Абдусамад тӯпчибошӣ аскарони низомиро бо услуби аврупоӣ созмон медиҳад. Аз хориҷи мамлакат мутахассисони соҳаи ҳарбиро ҷалб мекунад, ки онҳо барои омӯзонидани сирру асрори ҳарбӣ, тайёр намудани яроқу аслиҳа мусоидат мекарданд. Дар ин давр дар Бухоро коргоҳи махсуси бо усули рехтагарии филизот тайёр кардани тӯпҳо (замбаракҳо) ташкил карда мешавад. Иборат аз дусад нафар қисми махсуси ҳарбӣ бо услуби низомии англис созмон

[1] Троицкая А.Л. Военное дело в Бухаре в первой половине XIX века–С.212.
[2] Мейендорф Е.К. Путешествие из Оренбурга в Бухару. -М.:Наука, 1975. -С. 139.

дода мешавад, ба ҳайати он ғуломони эронӣ шомил карда мешаванд. Гуруҳи мазкур гвардияи амирии Насруллоҳ ба шумор рафта, сарварии онро Абдусамади Табрезӣ ба зимма гирифта буд. Инчунин аз хориҷ Шоҳруххон ибн Иброҳимхон низ ҳамчун тӯпчибошӣ ба сафи лашкари Аморати Бухоро ҷалб карда шуда буд.

Дар он давра тибқи ислоҳоти ҳарбӣ лашкар бо либосҳои махсус (куртаи сурх, шалвори сафед ва кулоҳ) таъмин карда мешавад. Сарбозон бо милтиқи найзадор, шамшер ва таппонча мусаллаҳ мегарданд. Ба сарбозони амир ба ғайр аз афсарони эрониву турк, инчунин афсарони рус таълим медоданд.

Дар миёнаи асри XIX дар лашкари аморати Бухоро тӯпҳои эронии аз ҷониби туркманҳо овардашуда, тӯпҳои дар Хитой аз ҷониби миссионерони аврупоӣ тайёр кардашуда, фалконетҳо (тӯпҳои калибри хурд) - “хитойчӣ” низ истифода мегаштанд.

Сарбозон нахустин хизматчиёни ҳарбии лашкари доимӣ буданд, ислоҳоти ҳарбӣ бошад навгонӣ дар таърихи ҳарбии Осиёи Миёна буд. Чунин навгониҳоро на ҳама ҷонибдор буданд, аъёну ашроф, сарварони баъзе қабилаҳои ӯзбекҳо, ки муқобили ҳокимияти марказӣ буданд, муқовимат нишон доданд. Инро ба инобат гирифта, амир Насруллоҳ ба гузаронидани ислоҳоти ҳарбӣ ҷиддӣ муносибат кард. Ба ҳайати сарбозон асирони форс, русҳо ва ихтиёриён аз ҳисоби аҳолии таҳҷоӣ ҷалб карда шуданд.

Сарбозон ба таври доимӣ дар урдугоҳи ҳарбӣ истиқомат мекарданд. Ба онҳо маош аз хазинаи давлат ба миқдори се сӯми нуқрагӣ ҳар моҳ дода мешуд. Ба афсарон чунин маош таъин шуда буд: ҳар моҳ юзбошӣ 6 тилло, қаравулбегӣ 4,25 тилло, панҷоҳбошӣ 80 танга ва панҷоҳбошии хурд 50 танга мегирифтанд[1]. Дар давраи авҷи юришҳои ҳарбӣ ба ҳамаи сарбозон новобаста аз унвону мансаб рӯзе як тилло маблағ пардохт карда мешуд. Инчунин, ба таври иловагӣ ба сарбозон мутобиқи унвону рутбаи ҳарбӣ маош ба тариқи зайл муқаррар карда мешуд: барои сарбозони одӣ ва тӯпчиён – барои хизмати се рӯзаашон 1 танга,

[1] Троицкая А.Л. Военное дело в Бухаре в первой половине XIX В. / А.Л. Троицкая. –Душанбе, 1953. –С.213.

ба даҳбошӣ барои ду рӯзи хизмат 1 танга, барои қаровулбегӣ барои як рӯзи хизмат 2 танга, барои юзбошӣ барои як рӯз 4 танга.

То асри XIX лашкари аморати Бухоро оиннома надошт ва дар асоси тартибу низоми асримиёнагӣ фаъолият мебурд. Қӯшуни доимии аспсавор созмон наёфта буд. Вале лашкари аспсавор ҳамеша ба ҷанг омода буд, дар аморат то 13 ҳазор аспсаворон мавҷуд буданд[1]. Аспсаворон дар замони осоишта дар дохили шаҳру деҳот, дар хонаҳои шахсиашон истиқомат мекарданд. Ба онҳо аз хазина маош муқаррар нагашта буд. Дар ҳолати ҷанг онҳо аз хазинаи давлат ба миқдори 2-3 танга тилло дар як моҳ маблағ мегирифтанд. Ғайр аз ин, дар сурати нобуд шудани асп дар ҷанг, ивази он аз ҳисоби хазинаи давлат амалӣ мегашт.

Дар арафаи гузаронидани ислоҳоти ҳарбӣ, яъне дар солҳои 1830-1832 дар Бухоро лашкари аспсавори 20 ҳазор нафара, қӯшуни пиёдагарди 400 нафара ташкил гардида буд, ки дар ихтиёри онҳо 41 адад тӯпҳо низ мавҷуд буданд. Ғайр аз ин, аз ҳудудҳои мухталифи аморат то 50 ҳазор аспсаворон (аз онҳо 10 ҳазораш аз Балх ва ҷануби Амударё) сарҷамъ мешуданд. Чи тавре ки дар сарчашмаҳо омадааст, ин дар намуди элжари (милитсия) амал намуда, бехатарии дохили мамлакатро низ таъмин мекард.

Дар «Зафар-нома -йи Хусравӣ» тиру камон умуман зикр нашудааст, зеро ин намуди аслиҳа ба ҷорӣ шудани яроқи оташфишон аҳаммияти худро аз даст дод. Дар ин бора П.И. Демезон маълумот додааст. Вай чунин навиштааст: "Сарбозони Бухоро маҳорати камонварии худро комилан аз даст доданд”[2].

Лашкари аморати Бухоро аз гуруҳҳои пиёдагард ва аспсаворон иборат буд. Аспсаворонро дар аморати Бухоро “*галаботир*” ва “*касабадор*” меномиданд. Ҳар яки онҳо бо найзаи дароз, шамшер ва милтиқи пилтагӣ мусаллаҳ мешуданд. Ҳангоми сар задани ҷанг аз ҳисоби аспсаворон лашкари халқӣ созмон дода мешуд. Ҳар як вилоят дастаи сарбозони аспсаворро ба набард мефиристод. Сардори қабила ба ин даста сарлашкар буд. Сарбозонро афсарони

[1] История таджикского народа. Т. IV... –С. 302-303.
[2] Записки о Бухарском ханстве (Отчеты П.И. Демезона и И.В. Виткевича). – М.: ГРВЛ, 1983. – С. 72.

рус, эрониву туркӣ таълим медоданд. Айёми набардҳои мусаллаҳона лашкар ба қисмҳои *“марказ”, “қаноти рост”, “қаноти чап”* тақсим мегашт. Инчунин истилоҳи *“пешсаф”, “пешгард”* ва *“пассаф”* истифода мегашт[1].

Дар замони ҷанг коргарони махсус – ёрикорон даъват мешуданд. Онҳо ба сохтмони иншооти мудофиавӣ, истеҳкомҳо машғул мешуданд[2]. Дар нимаи аввали асри XIX дар аморати Бухоро дар рафти амалиётҳои ҷангӣ хандақҳо кофта мешуданд, обхезии сунъӣ ташкил карда шуда, ҳангоми муҳосира маҷрои оби дарёҳоро ба самти дигар равона мекарданд[3].

Дар лашкари бухороиён оиннома, низоми хизмати дохилӣ ва посбонӣ вуҷуд надошт. Хизмат дар сафи лашкар дар асоси одатҳои асримиёнагӣ ба роҳ монда шуда буд. Сафири Эрон, ки дар аҳди амир Насруллоҳ ба Бухоро ташриф оварда буд, таъкид мекунад, ки лашкари бухороиён ба кадом самт лашкар кашанд, юриши онҳо аз чил рӯз зиёд давом намекард. Амир ҳуқуқ надошт, ки ин муҳлатро ҳатто ба панҷ рӯз дароз кунад. Новобаста аз натиҷаи ҷанг сарбозон пароканда мешуданд. Сафир қайд мекунад, ки ин одатро на фақат лашкари Бухоро, балки Қӯқанд ва Хоразм низ риоя мекарданд. Боз як одати дигар аз он иборат буд, ки муҳосираи қалъа набояд аз ҳафт рӯз зиёд бошад. Яъне қалъаро лашкар бояд дар ҳафт рӯз фатҳ мекард. Дар акси ҳол сарбозон онро тарк мекарданд. Маҳз ҳамин ҳолатҳо аз заифии лашкари хонигариҳои Осиёи Миёна дарак медоданд.

Ҷиноятҳои аз ҷониби лашкар содиргашта, инчунин шикоятҳои сарбозонро амалдори махсус - *қозии-аскар* дида мебаромад. Дар бораи ҷиноятҳои ҳарбӣ фатворо *муфтӣ-аскар* омода менамуд. *Муфтӣ-аскар* дурустӣ ё нодурустии ҳукмҳои қозиро дар масъалаи ҳарбӣ баррасӣ мекард. Яъне корҳои ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ аз ҷониби маҳкамаҳои алоҳида дида баромада мешуд.

Дар таркиби лашкари доимии аморати Бухоро мусиқинавозони ҳарбӣ низ хизмат карданд. Онҳо дар байни сарбозон ва тӯпчиҳо фаъолият мебурданд. 14 нафар нағорачӣ ва 14 нафар сурнайнавозон ба хизмат ҷалб гаштанд, ба ғайр аз

---

[1] Бониёзов И.Х. Состояние армий и вооружений стран Центральной Азии … С.84.
[2] Бейсембиев, Т. «Таърих-и Шахрухи» как исторический источник. — Алмата: Ылим, 1987. –С. 67, 95.
[3] Троицкая А.Л. Военное дело в Бухаре в первой половине XIX века–С.217.

ин дар ҳар баталон 2 нафар мусиқачии нағораи туркӣ ва 4 карнайнавоз фаъолият мебурданд, инчунин дар назди дастаи тӯпчиён 6 нафар карнайнавозон хизмат мекарданд. Теъдоди мусиқанавозони ҳарбӣ 40 нафарро ташкил дода, ба онҳо юзбошӣ сарварӣ мекард[1].

Дар нимаи аввали асри XIX лашкари доимӣ дар Бухоро ба пуррагӣ созмон дода нашуд. Дар юришҳои ҳарбии аморат *қарочирикҳо* нисбат ба *сарбозон* бештар истифода мешуданд. *Сарбозон* ва *тӯпчиҳо* бемуҳлат хизмати ҳарбиро адо мекарданд.

Онҳо душманро ба ҳарос меандохтанд ва ғалабаи лашкари амирро дар набардҳо таъмин мекарданд. Ҳукуматдорон бо ташкили лашкари доимӣ аз дастгирии пайвастаи ҳарбӣ бархурдор гаштанд, лашкар дар пахши исёнҳо низ истифода мегашт. Лашкари амир дар ҷамъоварии андоз низ иштирок мекард, аз иҷрои маҷбуриятҳои деҳқонон назорат мебурд.

Сафири Эрон доир ба сохтори низоми идоракунии аморати Бухоро дар солҳои 1843-1844 маълумоти муҳимро оварда, ҳамаи мансабҳоро ба тариқи зайл номбар кардааст: даҳбошӣ, панҷоҳбошӣ, юзбошӣ, чеҳрабошӣ, мирзобошӣ, хазинадорбошии бе мансаб, ҷарчибошӣ, чапоначӣ, гулбошӣ, қӯрбошӣ, қаровулбегӣ, пансадбошӣ, мирохур, тӯқсабо, мехтар, экишоғабошӣ, чиғатойбегӣ, иноқ, бӣ, додхоҳ, иноқи калон (бе мӯҳр), парвоначӣ бо мӯҳр, девонбегӣ, девонбегии калон, унвони мирзо (аз авлоди амир), аталиқ, қушбегӣ – вазири амир.[2]

Дар аморати Бухоро ба бунёди қалъа, деворҳои шаҳрҳо ва қасабаҳои деҳотӣ, яъне истеҳкомҳои мудофиавӣ аҳаммияти муҳим медоданд. Яке аз шаҳрҳои дорои истеҳком-қалъаи мустаҳкам Каркӣ (воқеъ дар соҳили Амударё) ба шумор мерафт. Ин қалъа барои Бухоро “қалъаи сарҳадӣ” ҳисобида шуда, дар соҳили рости Амударё ҷойгир буд, дар он ҷо 4 адад тӯп (замбарак) низ мавҷуд буд. Қисми асосии шаҳр дар соҳили чапи Амударё ҷойгир буда, он аз девори

---

[1] Троицкая А.Л. Военное дело в Бухаре...-С.213.
[2] История таджикского народа.- Том. 4.- Душанбе, 2010.- С. 320.

секабатаи похсагӣ иҳота гашта, дар он ҷо 16 тӯпи чӯянӣ ва 6 тӯпи мисин ҷойгир карда шуда буд[1].

Ҳамин тариқ, мақоми давлат дар минтақа новобаста аз макон ва шароити таърихӣ аз вазъи лашкардории вай вобастагии калон дорад. Аз таҳлили маводи сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ бармеояд, ки лашкари аморати Бухоро дар байни дигар давлатҳои Осиёи Миёна пурқувваттар буд.

Лашкари аморати Бухоро дар асри XIX аз ду гуруҳ – пиёдагард ва аспсаворон иборат буд. Аспсаворон, ки онҳоро "галаботир" ва "касабадор" меномиданд, бо найзаи дароз, шамшер ва милтиқи пилтагӣ мусаллаҳ буданд. Дар ҳолати ҷанг, лашкари халқӣ аз ҳисоби аспсаворон ташкил мегардид, ки сарварони қабилаҳо онҳоро ба набард мефиристоданд. Афсарони рус, эронӣ ва туркӣ барои таълим додани сарбозон масъул буданд.

Лашкари Бухоро дар вақти набард ба қисмҳои "марказ", "қаноти рост" ва "қаноти чап" тақсим мегардид, ва истилоҳҳое чун "пешсаф", "пешгард" ва "пассаф" истифода мешуд. Барои ҳифзи минтақа ва амалиётҳои мудофиавӣ, коргарони махсус (ёрикорон) барои сохтмони истгоҳҳо ва иншооти мудофиавӣ даъват мешуданд. Ҳангоми муҳосира, хандақҳо кофта ва обхезии сунъӣ ташкил мекарданд, ки аз маҷрои оби дарёҳо барои муфиди ҷанг истифода мебурданд.

Дар бахши идоракунӣ, аморати Бухоро низоми махсуси хизмати дохилӣ ва оиннома надошт. Хизмат дар лашкар ба асоси одатҳои асримиёнагӣ сурат мегирифт.

Ислоҳоти ҳарбии амир Насруллоҳ, ки соли 1837 оғоз ёфт, як қадам муҳими нав дар таърихи ҳарбии Аморати Бухоро буд. Бо таъсиси лашкари доимӣ ва таъмини сарбозон бо яроқҳои муосир, ҳамчунин таъсис додани баталонҳои муташаккил ва тӯпхонаҳои махсус, ҳолати ҷангии лашкар ба таври назаррас беҳтар гардид. Аз ҷумла, таҳияи костюмҳои расмии сарбозон ва мустаҳкам намудани интизом дар байни онҳо нишонаҳои аслии ин ислоҳот мебошанд.

[1] Вамбери. А. Путешествие по Средней Азии...-С.191; Ўзбекистонда ҳарбий иш тарихидан. Тошкент: Шарқ, 2012.- Б. 144

Амир Насруллоҳ дар асоси ислоҳот дар лашкар, як системаи мукаммали ташкилоти ҳарбӣ барпо кард. Ин шомил кардани аскарони доимии пиёдагард, тӯпчиён, ва аспсаворон, ки ҳар кадом вазифаҳои муайянро ба уҳда доштанд. Ба ҳар як гурӯҳ ё баталон раҳбарӣ дода мешуд ва вазифаҳои ҳарбӣ дар дохили лашкар хеле дуруст ва равшан ба роҳ монда мешуданд.

Дар ҷараёни ин ислоҳот, Абдусамад Табрезӣ ҳамчун раҳбари тӯпчибошӣ ва мушовири ҳарбии амир, на танҳо дар ташкили дастаҳои тӯпчиён, балки дар омодагии аскарон ва мутахассисони ҳарбӣ низ нақши муҳиме дошт. Вай инчунин бо истифода аз мутахассисони хориҷӣ ва ҷалби онҳо ба омӯзиши технологии ҳарбӣ, ба рушди лашкари Бухоро мусоидат кард.

Ба ҳар ҳол, ин ислоҳот на ҳама ҷонибдорӣ ё қабул кард, ва аъёну ашроф ва сарварони баъзе қабилаҳо мухолифат карданд. Муқовимат ба ҳокимияти марказӣ ва тартиби наву ислоҳоти ҳарбӣ аз ҷониби баъзе қишрҳои ҷомеа нишон дод, ки тарзи қаблан қабулшудаи хидмати ҳарбӣ дар байни баъзе гурӯҳҳо дигар на танҳо қобили қабул набуд, балки як таҳдид ба манофеи онҳо ҳисобида мешуд.

Ҳарчанд иқдомоти амир Насруллоҳ барои таҳкими лашкар ва беҳтар кардани заминаҳои ҳарбӣ муфид буданд, ки дар натиҷа дар ҷангҳои баъдӣ қобилият ва шиддати аморати Бухоро зиёд шуд, лекин муқовиматҳои дохилии мардум ба ин ислоҳот нишон медиҳад, ки сиёсати ҳарбӣ бояд мувофиқ бо эҳтиёҷоти иҷтимоии кишвар ва вазъи сиёсӣ буд.

# БОБИ 3. ТАМОИЛҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ АМОРАТИ БУХОРО

## 3.1. Робитаҳои аморати Бухоро бо Русияи подшоҳӣ ва хонигариҳои Осиёи Миёна

Таваҷҷуҳи Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна аз замони Пётри I вусъат меёбад. Аз ҷониби Пётри I экспедитсияҳо таҳти сарварии Бекович Черкасский ва Флорио Беневенӣ ба Осиёи Миёна созмон дода шуда буд. Дар давраи ташкилёбии хонигариҳои Бухоро, Хева ва Қӯқанд Русияи подшоҳӣ дар аввал кӯшиш намуд, ки бо хонигариҳо робитаҳои тиҷоратӣ барқарор намояд.

П. Савелев таъкид кардааст, ки дар соҳаи тиҷорат, фурӯши маҳсулотҳо дар Осиёи Миёна Русия мавқеи муҳимро ишғол мекард. Ба самти сарҳади Русия аз Бухоро тавассути шаш роҳ тоҷирон раҳсипор мегаштанд. Роҳи наздиктарин ба воситаи қаламрави хонигарии Хева мегузашт, сипас байни баҳрҳои Арал ва Каспӣ ба Астрахан мерасид, аз он ҷо бо дарёи Волга ба ярмаркаи Нижний Новгород мерасид. Ин роҳ бинобар аз биёбони камоб гузаштанаш мушкил буд. Ба замми ин муносибати Бухоро бо хонигарии Хева на ҳама вақт хуб буд. Инчунин, хавфи ҳуҷуми қирғизҳои (қазоқҳои) Ҷузи Хурд вуҷуд дошт[1]. Қисми дигари тоҷирон тавассути ҳудуди шарқтар аз баҳри Арал тавассути роҳи тиҷоратӣ аз қаламрави Ҷузи Калон ба самти Оренбург, Орск, Троитск, Петропавловск ё Семипалатинск раҳсипор мегаштанд.

Се роҳи тиҷоратӣ аз Бухоро ба самти Эрону Афғонистон, яъне ба Машҳад, Ҳирот ва Кобул мавҷуд буд. Роҳи якум ба самти ҷанубу ғарб аз Бухоро ба Чорҷӯй дар соҳили Амударё мерафт, сипас дашти Қуванро мегузашт ва бо воситаи Марву Сарахс ба ғарб ба Машҳад мерасид. Роҳи тиҷоратии Ҳирот бошад ғарбтар аз шаҳри Қаршӣ гузашта Амударёро убур мекард, аз маҳали Қирқи тавассути қисмати шарқии дашти Қуван то Андхӯй мерасид, аз ин шаҳр ба ғарб гардиш намуда, аз дарёи Мурғоб мегузашт, бо гузаргоҳи кӯҳӣ ба Ҳирот

[1] Савельев П. Бухара в 1835 году: С присоединением известий обо всех европейских путешественниках, посещавших этот город до 1835 года включительно. –СПб, 1836. –С.14.

мерасид. Роҳ ба сӯйи Кобул низ аз Қаршӣ гузашта, дар мавзеи Хоҷа Салоҳ Амударёро убур мекард, сипас дар шарқ тавассути Балх ва Хулм, аз гузаргоҳи кӯҳии Ҳиндукуш ба воситаи Бомиён ба кӯҳҳое, ки Кобулро иҳота менамоянд, мерасид. Ин роҳ аз Кобул ба самти Пешовар, Атток ва Лоҳур рафта, Осиёи Миёнаро бо Ҳиндустон пайваст менамуд[1].

То ибтидои асри XIX (то соли 1820), баъди сафари Ҷенкинсон дар давоми қариб 250 сол ба Бухоро сафирони хориҷӣ ташриф наовардаанд. Ҳайати сафорати махсуси Бухоро соли 1825 бо роҳбарии Бекназар Абдулкарим бо маншури амир ва ҳадяҳо ба Санкт-Петербург фиристода мешавад. Сафирон аз подшоҳи рус хоҳиш намуданд, ки бехатарии роҳҳои тиҷоратиро таъмин намояд, зеро хонигарии Хева ва кӯчманчиён корвонҳоро талаву тороҷ намуда, ба савдогарон зарари калон мерасониданд. Сафирон хоҳиши амир Ҳайдарро оид ба Бухоро фиристода шудани ҳайати сафорати Русияи подшоҳӣ ба император расониданд. Инчунин аз давлати рус хоҳиш намуданд, ки дар Бухоро мадраса ва дар Санкт-Петербург барои сафирони бухороӣ масҷид бунёд кунанд.

Дар нимаи аввали асри XIX аз Петербург ба Бухорову Хева ҳайати сафоратҳои Русия подшоҳӣ фиристода мешаванд, ки ҳадафи асосии онҳо ҷосусӣ (разведка) ва ба роҳ мондани тиҷорат буд. Намояндагон сафоратҳои русҳо на танҳо бо нияти ҳарбиву сиёсӣ, инчунин бо ҳадафҳои разведкаи иқтисодӣ ба Осиёи Миёна ташриф меоварданд.

Дар аввали асри XIX Русияи подшоҳӣ оид ба ваъияти байналхалқӣ дар минтақаи Осиёи марказӣ маълумоти кофӣ надошт. Зеро дар ин давр дар сохтори давлатии Русия мақомоте, ки сиёсати давлатиро дар самти шарқ назорат мекард, вуҷуд надошт. Департаменти Осиёгии Вазорати корҳои хориҷии Русия танҳо соли 1819 таъсис дода шуд. Аммо то соли 1847 фаъолияти ин Департамент танҳо ба ҳалли масъалаҳои муносибати Русияву Хитой дар Шарқи Дур нигаронида шуда буд. Аз ин лиҳоз, дар нимаи дуюми асри XIX дар

[1] Савельев П. Бухара в 1835 году: С присоединением известий обо всех европейских путешественниках, посещавших этот город до 1835 года включительно. –СПб, 1836. –С.16

байни ҳукуматдорони рус ҳанӯз консепсияи ягонаи осиёимиёнагии сиёсати хориҷӣ тарҳрезӣ нашуда буд. Ҳатто имконияти ба роҳ мондани робитаҳо дар сатҳи сафирон, консулгариҳову намояндагиҳо вуҷуд надошт.

Русия подшоҳӣ зарурати фиристодани ҳайати сафиронро ба хонигариҳои Осиёи Миёна эҳсос намуда, соли 1810 ба Бухоро бо роҳбарии поручики артиши бошқирд Абдулносир Субҳонқуловро сафарбар намуд. Ҳадафи расмии ҳайати сафорат Грамотаи императорро ба амири Бухоро дастрас намудан буда, инчунин он вазифадор гардид, ки омӯхтани вазъи тиҷорат, манфиатҳои иқтисодии тоҷирони бухороӣ ва ҳукумат, муайян кардани роҳҳои тиҷоратӣ, муайян намудани ашхосе, ки бо сохтани пулҳои қалбакӣ машғуланд ва ғайра ба шумор мерафт. Албатта А. Субҳонқулов муваффақ шуд, ки маълумоти зарурироро барои Ҳукумати Русия дастрас намояд, аммо пеши роҳи тайёркунандагони пулҳои қалбакиро гирифта натавонист.

Новобаста аз ин, раванди рушди таърихи Русия дар даҳсолаҳои аввали асри XIX талаб мекард, ки бо хонигариҳои Осиёи Миёна робитаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ба роҳ монда шаванд. Пеш аз ҳама бартарии робитаҳо бо аморати Бухоро барои Русия муҳим буд. Зеро дар Бухоро нисбат ба дигар хонигариҳо низоми дохилии сиёсӣ устувор буда, мавқеи ҷойгиршавии он ба Русияи подшоҳӣ имкон медод, ки ба воситаи он ба бозорҳои Шарқи Миёна ва Ҳинустон барояд. Барои ҳамин ҳам Русия кӯшиш кард, ки бо Бухоро муносибатҳои дипломатиро ба роҳ монад ва тиҷоратро дар минтақа рушд диҳад.

Подшоҳии русҳо бо мақсади ба роҳ мондаи муносибатҳои тиҷоратӣ ва ба роҳ мондани омӯзиши илмии кишвари мо ҳайати сафоратро таҳти сарварии А.Ф. Негри созмон медиҳад. А.Ф. Негри санаи 3 июли соли 1820 сарвари ҳайати сафорат ба аморати Бухоро таъин мегардад. Ӯ забонҳои туркӣ ва форсиро хеле хуб медонист. Соли 1818 А.Ф. Негри дар ҳайати сафорати Империяи Русия дар Теҳрон ба ҳайси машваратчии калон таъин шуда буд[1].

[1] Гуломов Х.Г. Дипломатические отношения государств Средней Азии с Россией в XVIII – первой половине XIX века. –Ташкент, 2005. –С.186-188.

Мақсади асосии сафорати Негри ба Бухоро анҷом додани гуфтушунид байни ду мамлакат дар масъалаи васеъ ба роҳ мондани тиҷорат буд. Ҳукуматдорони рус барои роҳандозии муносибатҳои иқтисодӣ ва мустаҳкам намудани мавқеи сиёсӣ бо Бухоро ҳавасманд буданд. Барои ҳамин ҳам ба ҳайати сафорати Негри супориш дода мешавад, ки дар бораи захираҳои табии хонигариҳои Осиёи Миёна, дар бораи ҳукуматдорони он, муносибати байниҳамдигарии онҳо, инчунин бо Афғонистон, Эрон ва туркияи Усмонӣ, дар бораи имкониятҳои шино кардани киштиҳо дар дарёҳои Амударё ва Сирдарё, эҳтиёҷоти аҳолии Осиёи Миёна ба молу маҳсулоти Русия маълумот ҷамъ оваранд. Ғайр аз ин ба миссияи Негри супориш дода шуда буд, ки оид ба озод кардани асирони рус дар хонигариҳо тадбирҳо андешад. Ҳамаи ин вазифаҳоро як худи А.Ф. Негри ба сомон расонида наметавонист. Бинобар ин, ки ҳукуматдорони рус ба ҳайати ин сафорат натуралист, доктор Х. Пандер ва Э.А. Эверсман, ҷуғрофидон ва мутахассиси омор полковник, барон Е. К. Мейендорф, инчунин афсарони Штаби генералӣ Г. Валховский ва Г. Тимофеев ва хизматчии Вазорати корҳои хориҷӣ Л. Яковлев, муҳандисони корпуси алоҳидаи шуъбаи Оренбург подпоручикон Тафаев ва Артюховро шомил намуданд. Ҳайати сафоратро корвони калони тоҷирон низ ҳамроҳӣ мекарданд. Ҳайати сафорат моҳи октябри соли 1820 аз Оренбург бо корвони бузург, иборат аз 368 уштур ва 400 асп, ба назораи 200 нафар казакҳои рус, 20 нафар пиёдагард, 25 нафар бошқирдҳо ва 2 тӯп ба самти Бухоро раҳсипор гашт. Корвони сафорат 20 декабри соли 1820 ба Бухоро ворид шуд. Сафорат то 10 марти соли 1821 дар Бухоро қарор дошт ва бо ҳамон роҳ ба Русия баргашт.

А.Ф. Негри бевосита бо амир Ҳайдар ва қушбегӣ Муҳаммад Ҳакимбӣ мулоқот орост. Амир Ҳайдар розигӣ дод, ки дар робита бо Русия омаду рафти корвони тоҷирони ҳарду ҷониб ҷоннок карда шавад. Аммо, ба таври умум қабули Негри аз ҷониби амир Ҳайдар хушбинона набуд, амир аз Негри талаб кард, ки ба тезӣ Бухороро тарк кунад.

Экспедитсияи дигари русҳо зимистони соли 1824 аз Оренбург бо дастаи 625 нафара бо ду тӯп корвони тоҷирон ба самти Бухоро фиристода мешавад.

Сарварии ин сафоратро полковник С.Ф. Сиалковский бар ухда дошт. Барои ташкили ин ҳайати сафирон ва тоҷирон подшоҳ Александри I барои корҳои ташкилӣ 223,5 ҳазор рубл маблағ ҷудо кард. 3 ноябри соли 1824 корвони сафирону тоҷирон аз қалъаи Орск дар ҳайати тоҷирони Оренбургу Троитск бо 169 уштур ва аз 1 то 12 ноябр бо 690 уштури боркашон аз Троитск ба самти ҷануб равон гашт. Корвонро 250 пиёдагард ва ҳамин қадар казакҳои аспсавор бо ду адад тӯп ҳамроҳӣ карданд. Корвонбошӣ тоҷир Е. Кайдалов интихоб гашта буд[1]. Аммо дар роҳ ҳангоми убур намудани Сирдарё корвони онҳо дар Қизилқум ба ҳамлаи хевагиҳо ва қирғизҳо (қазоқҳо) дучор гашта, ба қафо бармегардад[2]. Ҳангоми бозгашт корвон наздик ду ҳазор уштур, 40 ҳазор майда, 2 ҳазор маркаби боркашонро талаф доданд Инчунин, аз ҳайати корвон се нафар кушта ва 16 нафар ҷароҳат бардоштанд.

Бояд зикр кард, ки дар ин давра Бухоро барои тамоми Осиёи Миёна нуқтаи тиҷоратӣ ва транзитии интиқоли молу маҳсулот ба шумор мерафт. Дар Бухоро калонтарин бозорҳо амал мекарданд. Дар шаҳр кӯчаҳои болопӯш-тимҳо бо растаҳои фурӯши маҳсулот хеле зиёд буданд. Ҳамасола молу маҳсулоти хориҷӣ ба Бухоро тавассути 12-15 ҳазор уштури боркашон ворид мегашт[3].

Робитаҳои тиҷоратӣ бо хонигариҳои Осиёи Миёна барои Русия аҳаммияти муҳим дошт. Т.С. Визго таъкид мекунад, ки ба Осиёи Миёна ҳамроҳи корвонҳои тиҷоратӣ ҳунармандон, табибон, меъморон низ раҳсипор мегаштанд. Аксар вақт тоҷирони бухороӣ ба ҳайси сафир ба Русия фиристода мешуданд[4].

Дар шароити Осиёи Миёнаи асри XIX муносибатҳои феодалӣ рӯ ба таназзул ниҳоданд, робитаҳои тиҷоратии байни хонигариҳо, хусусан савдо бо Русия ҳамоно идома меёфт. Албатта робитаи тиҷоратии хонигариҳои Осиёи Миёна бо Русия дар таърихи хонигариҳо нақши муҳим бозид. Дар ҳаёти рӯзмарраи мардум оҳан ва чӯян ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекард. Аз ин филизот

[1] Россияне ва Узбекистане....-С.40.
[2] Шепелев А. Очерк военных и дипломатических сношений России со Среднею Азиею //Материалы для истории Хивинского похода 1873 года. –Ташкент, 1873. –С. 46.
[3] Исмаилова Б. И. История Бухарского эмирата (вторая половина XVIII –середина XIX вв.).-Худжанд, 2005. –С.103-105.
[4] Вызго Т.С. К вопросу о взаимосвязях узбекской и русской музыкальных культур в дореволюционный период// Общественные науки в Узбекистане. -1961. -№4.-С.42.

бел, календ, омоч (сипор), корд, дос, яроқу аслиҳа, арра, асбоби рӯзғор тайёр мекарданд. Инчунин хонигариҳои Осиёи Миёна аз Русия чарм ва дигар молҳои зарурро дастрас менамуданд. Ғайр аз ин, аз Русия ба Осиёи Миёна сиккаҳои тилло (тангаҳо), тунука, пӯлод, чит, симоб, қанд ва дигар маҳсулот оварда мешуд. Аз аморати Бухоро, хонигариҳои Қӯқанд ва Хева ба Русия пахта, дока, газвори гулдор, алоча, шоҳӣ, адрас, ҷомаву миёнбанд (рӯймол), ришта, пӯсти қарокӯл барин молҳо содирот мешуданд. Барои рушди саноати бофандагии Русия эҳтиёҷот ба пахта меафзояд. Аз ин лиҳоз, дар хонигариҳои Осиёи Миёна ба кишти пунбадона эътибор меафзояд.

Аз ибтидои асри XIX ташрифи англисҳо дар симои сайёҳон, ки дар назди худ гӯё ҷамъоварии маълумотҳои илмиро дар бораи давлатҳову халқиятҳои Осиёи Миёнаро гузошта буданд, шуруъ мешавад. Яке аз аввалин ташаббускорони воридшавии ҷосусон-разведкачиён, эмиссарҳои англис ба хонигариҳои Осиёи Миёна байтор дар Британияи Ҳиндустон Вилям Муркфорт ба шумор меравад. Муркфорт соли 1813 аз ҳукуматдорони англис дар Ҳиндустон (мустамликадорон) хоҳиш мекунад, ки ба Кашмир, сипас ба Балх ва Бухоро намоянда (агент)-и худ Мир Иззатулло ва капитан Хирсейро фиристад. Ба ҳайати ин гурӯҳи Муркфорт ба ғайр аз Мир Иззатулло ва Хирсей якчанд нафар мусулмонони ҳиндустонӣ низ шомил буданд. Ҳайати экспедитсия ба маҳаллҳои зерин: Атток, Кашмир, Тибет, Ёрканд, Қошғар, Пекин, Қӯқанд, Самарқанд, Бухоро, Балх, Хулм-Бомиён, Кобул сафар намуданд. Мир Иззатулло дар Осиёи Миёна баъд аз сайри Қӯқанд ва Бухоро дар бораи хонигарии Қӯқанд маълумоти муфассал гирд овард[1].

Мир Иззатулло дар бораи вазъи сиёсии хонигарӣ, ҷараён ва рафти табаддулоти давлати ташкил намудани Умархон маълумот медиҳад. Далелҳои дақиқ дар бораи ҳолати лашкари хонигарӣ, теъдоди сарбозон, ҳайати этникии он баён кардааст. Мир Иззатулло доир ба робитаҳои байналхалқии хонигарӣ низ иттилоот додааст. Хусусияти душманона доштани муносибатҳои байни

[1] Путешествие Мир_Иззет Уллы в Кокандское ханство // Труды САГУ им. Ленина. Новая Серия. Вып. 78. Кн. 11. Исторические науки. -Ташкент, 1956. -С. 48.

Қӯқанд ва Бухороро баён мекунад[1]. Мир Иззатулло ба тарғиби сиёсати англисҳо низ машғул мегардад. Тарғиб мекард, ки хонигариҳои Осиёи Миёна муносибатҳои дӯстона бо Англия дошта бошанд.

Баъди сафари Мир Иззатулло худи В. Муркфорт ба Бухоро сафар намуд. Ин сафар дар давоми солҳои 1819-1825 идома меёбад[2]. Чи тавре ки Ҷ. Морган таъкид мекунад, В. Муркфорт соли 1823 ба Бухоро бо иҷозати генерал-губернатори Ҳиндустон Хастингс ташриф овардааст. Эмиссари англис ба Бухороро гӯё бо мақсади барои парвариши аспҳои Калкутта интихоб намудани аспҳои зоти Осиёи Миёна омада будааст[3]. Дар Бухоро сафири англис бо амир вомехӯрад. В. Муркфорт аёми бозгашт дар роҳ кушта мешавад[4].

Мавриди зикр аст, ки дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳо, ҳуҷҷат ва асарҳо маълум мегардад, ки дар аморати Бухоро қабули намояндагони давлатҳои дигар, гусели онҳо, интихоби сафирон барои фиристодан ба кишварҳои дигар аз рӯйи манфиатҳои аморат сурат гирифта, тибқи талаботи қоидаҳои муносибатҳои дипломатӣ ба роҳ монда мешуд. Дар қаламрави аморати Бухоро қабул ва гусели сафирон аз рӯйи тартиби зерин амалӣ мегардид:

- қабул ва мувофиқи тартиби хосса ҷойгиркунии сафирон ё вакилоне, ки ба қаламрави аморат ташриф овардаанд;

- ташкил намудани вохӯриҳои расмии вакилони ҳукумати амирӣ бо сафирон ва аъзоёни корпуси сафорат;

- амалӣ намудани тадбирҳои мушаххас ба сафирон барои фаъолият дар қаламрави аморат дар давраи сафирӣ;

- таъмини хориҷшавии сафирони дар қабули амир буда аз қаламрави мамлакат.

Дар нимаи аввали асри XIX доираҳои тиҷоратии Русияи подшоҳӣ дар ҷараёни васеъ намудани фаъолияти осиёимиёнагӣ ба муаммоҳои бехатарии

[1] Ҳамон ҷо. –С.49.
[2] Халфин Н.А. Британская экспансия в Средней Азии в 30-х — 40-х годах XIX в. и миссия Ричмонда Шекспира // История СССР. -1958. -№2.-С. 105.
[3] Morgan Jerald. Anglo_Russian Rivalry in Central Asia… P. 17.
[4] Тимченко С.В. Проникновение английских эмиссаров в среднеазиатские ханства в первой четверти XIX в. и позиция России // Востоковедные исследования на Алтае: сб. науч. ст. / под ред. В. А. Моисеева. Барнаул, 2002. Вып. III. –С.79. –С.71-84.

корвонҳо савдогарон дучор гаштанд. Барои ба роҳ мондани робитаҳои тиҷоратӣ бо Бухоро корвонҳо аз ҳудуди хонигарии Хева убур мекард. Вале аксарияти корвонҳо аз ҷониби роҳзанҳо талаву тороҷ мегаштанд. Вазъият солҳои 20-уми асри XIX бар асари ҳуҷуми хони Хева Муҳаммад Раҳимхон ба қаламрави Ҷузи Хурди қазоқҳо муташанниҷ мегардад, зеро Ҷузи Хурд зери васояти Русия қарор дошт. Ҳукуматдорони Русия сиёсати фишоровариро ба хонигарии Хева ба роҳ монданд. Ба ин кор генерал-губернатори Оренбург В.А. Перовский роҳбарӣ кард[1].

Ӯ соли 1836 Оренбург барои беҳтар кардани робита бо хонигарии Хева дар назди хон Оллоҳқулихон вазифаҳои зерин мегузорад: 1) озод кардани асирони рус, 2) фароҳам овардани шароит барои амалиёти савдогарони рус, 3) дахолат накардан ба корҳои қирғиз-кайсакҳо[2].

Русия воридшавии англисҳоро ба Осиёи Миёна намехост. Барои ҳамин ҳам ҳамаҷониба кӯшиш намуд, ки муносибатҳои дипломатиро ба хонигариҳои Осиёи Миёна ба роҳ монад. Русия дар ин давр сафирони Бухоро, Қӯқанд ва Хеваро қабул карда, ба ин мамлакатҳо пайваста сафирони худро мефиристад. Дар Осиёи Миёна эҳтиёҷ ба молҳои Русия зиёд буд. Сафирони Бухоро ва Хева аз Русия барои рушди тиҷорати тарафайн имтиёзҳо мепурсиданд.

Англия низ барои зери таъсири худ даровардани хонигариҳои Осиёи Миёна кӯшиш мекард. Эверсман ҳанӯз солҳои 20-уми асри XIX навишта буд, ки дар бозорҳои Бухоро ӯ ба миқдори зиёд молу маҳсулоти саноатии Англияро дидааст, ки онҳо ба воситаи тоҷирони эронӣ ва ҳиндустонӣ ворид мегаштанд[3].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Британияи Кабир барои суст кардани мавқеи Русия дар минтақаи Осиёи Миёна на фақат аз воситаҳои ҳарбӣ-сиёсӣ балки фишангҳои иқтисодӣ низ истифода мебурд. Барои танг намудани доираи тиҷорати Русия соҳибкорони британиягӣ дар ин давр ба ворид кардани маҳсулоти саноатии Англия ва фурӯши онҳо бо нархи арзон шуруъ намуданд.

[1] Сборник материалов для истории завоевания Туркестанского края, составленный А.Г. Серебренниковым. Ташкент, 1908. Т. 1. С. 24–28.
[2] Ҳамон ҷо. –С.128.
[3] -Eversmann Ed. Orenburg nach Buchara. — Berlin, 1823.-С.76.

Ин масъала дар китоби П.И. Неболсин “Очеркҳои тиҷорати Русия бо Осиёи Миёна” инъикос шудааст.

Муаллиф аз нақли савдогарони Бухоро менигорад, ки “ англисҳо бо мақсади ба фурӯши маҳсулоти русҳо халал ворид намудан, соли 1841 махсусан соли 1842 ба Бухоро моли зиёдро ворид намуда бо нархи арзон (новобаста аз зиён буданаш) ба фурӯш гузоштанд, дар натиҷа мардум ба молу маҳсулоти русҳо эътибор надоданд, асосан газворҳои англисҳоро харидорӣ намуданд. Бо ин роҳ англисҳо тоҷирони русро аз бозор берун карданд ва баъди гузашти як-ду сол нархи маҳсулоти худро ду баробар боло бардоштанд...”[1]. Соли 1848 дар маҷаллаи “Северная пчела” гузориши тоҷири рус Ф. Пичугин бо мазмуни зайл “англисҳо, бидуни ҳарос сармояи худро ба Осиёи Миёна ворид мекунанд ва дар ин бозор мо ба миқдори зиёд моли англисҳоро мебинем”[2].

Ҳимоя намудани манфиатҳои Русия дар минтақа бениҳоят душвор буд, зеро ба таври мунтазам муносибатҳои дипломатӣ бо хонигариҳои Бухоро, Қӯқанд ва Хева ба роҳ монда нашуда буд. Дар Осиёи Миёна сафоратхонаҳову консулгариҳои Русия, дар Русия бошад намояндагиҳои хонигариҳои Осиёи Миёна вуҷуд надоштанд. Аҳён-аҳён табодули ҳайати сафоратҳо сурат мегирифт.

Дар он солҳо бинобар муташанниҷ будани муносибати Русия бо Хева ҳукумати подшоҳии рус баҳри мустаҳкам кардани робитаҳо бо Бухорову Қӯқанд кӯшиш намуд.

Амири Бухоро Насруллоҳ баъди ба тахт нишастан ба давлатҳои дуру наздик бо мақсади ба тахт нишастанашро маълум кардан ҳайати сафорати Бухороро мефиристад. Чунончи ҳайати сафоратро бо роҳбарии Қобилбек қарлуқро ба назди шоҳи Эрон Муҳаммадшоҳ қоҷор мефиристад. Баъди даҳ рӯз Болтуқулибек Чиғатойбегиро аз қабилаи қирқ ба назди султон Абдул Ҳамид халифа сафарбар мекунад. Вақте ки Қобилбек ба ҳузури шоҳи Эрон меояд,

---

[1] Небольсин П.А. Очерки торговли России с Средней Азией. // Записки русского географического общества, - 1855. -Книга X. -С.216-217.
[2] Рожкова М.К. Экономическая политика Царского правительства на Среднем Востоке во второй четверти XIX века и русская буржуазия. -М., 1949.- С.311, 392 с.

Муҳаммадшоҳ Қоҷор сиёсати амирони Бухороро нисбати фуқароҳои Эрон сахт маломат мекунад. Ӯ мегӯяд, ки бухороиҳо эрониёнро ба асорат гирифта, ба сифати ғулом мефурӯшанд, аз ин амалашон шарм надошта, боз ба Эрон меоянд. Қобилбек ба ин савол ҷавоб гуфта натавонист. Баъди як ҳафта Чиғатойбегӣ, ки ба самти Истамбул аз қаламрави Эрон мегузашт, эҳтироми шоҳи Эронро ба ҷо оварда, бо ҳадяҳо (асп ва бӯғчаи газворҳову сарупо) ба қасри шоҳи қоҷориҳо ҳозир шуд. Ӯ бо шоҳ вохӯрд. Шоҳ ҳамон саволе, ки ба Қобилбек дода буд, ба Чиғатойбегӣ низ такрор кард. Чиғатойбегӣ аз ҷойаш бархест ва иҷозат пурсид, ки арз кунад. Баъди иҷозат гуфт, ки аз қадим Бухоро бо дигар мамлакатҳо муносибати хуб ба роҳ мондааст, оид ба ин масъала шакку шубҳа набояд бошад.

Байни аморати Бухоро ва Эрон ҷамоаи туркманҳо зиндагӣ мекарданд, ки онҳо на ба Эрон ва на ба Бухоро тобеъ буданд. Онҳо бидуни истиҳола фуқарои давлати Эронро дуздида, ба Бухоро ва дигар шаҳрҳо мебаранд. Аҳли Бухоро аз рӯйи мурувват ва шафқати диндорӣ, бо нархи адл харида гирифта, корҳои дохиливу берунаро ба онҳо месупоранд. Баъди фурсате онҳоро озод намуда, мақоми онҳоро бо фуқарои Бухоро баробар мекунанд, онҳо дар Бухоро чун дар ватани худ бо меҳнати ҳалол машғул мешаванд. Онҳо низ ба аҳли аёл, бойигарӣ ва молу мулк соҳиб шуда, ҳатто ба хизмати шоҳон мегузаранд ва ба мартабаҳои баланд соҳиб мешаванд.

Ҳангоми ба Истамбул расидани Чиғатойбек, ӯро яке аз наздикони Халифа Иброҳимпошшо Қофлонбошӣ истиқбол гирифт ва номаи овардаашро талаб кард. Чиғатойбегӣ гуфт, ки номаро шахсан худаш ба султон месупорад. Баъди чанд рӯз Қофлонбошӣ барои  ба назди султон бурдан ба назди сафири Бухоро омад. Сафир чун тамоюли Бухоро ба миёнаш фӯтаро баста, ба он корд овехт. Қофлонбек гуфт, ки касе ба миён фӯта бандад ва дар он кордро овезон кунад ба табъи султон намефорад. Сафир ҷавоб дод, ки ӯ русуми мамлакати худро иҷро мекунад. Қофлонбошӣ ноилоҷ  ба майли сафир розӣ шуда, ӯро ба назди султон бурд. Султон Абдулҳамид аз фӯта ва корд пурсон шуд. Сафир ҷавоб дод, ки ин ду чиз рамзи давлати ӯст. Султон ба Қофлонбошӣ чизеро гӯшакӣ кард.

Қофлонбошӣ аз қаср баромада санги қиматбаҳо - алмос овард. Султон гуфт, ки ин рамз (нишон)-и давлати онҳост. Сафир алмосро гирифта, ба фӯта насб кард. Султон гуфт, ки акнун шумо ба нишони ҳарду давлат соҳиб шудед. Султони Туркия сафирро қариб шаш моҳ дар дарбор нигоҳ дошта, ба Бухоро гусел кард[1].

Солҳои 50-уми асри XIX дар муносибати байни ҳамдигарии хонигариҳои Осиёи Миёна вобастагӣ аз Русияи подшоҳӣ мушоҳида мегашт. Вақте ки ҳуҷуми Русияи подшоҳӣ ба Оқмачити хонигарии Қӯқанд амалӣ мегардад. Қӯқанд ва Хева кӯшиши муттаҳид намудани қувваҳоро ба муқобили русҳо роҳандозӣ намуданд Аммо, ин иқдоми онҳо ба нокомӣ дучор мегардад[2].

Аз рӯйи маълумоти бойгонии марказии давлатии Ӯзбекистон хони Қӯқанд Худоёрхон ва хони Хева Муҳаммад Аминхон борҳо ба амири Бухоро Насруллоҳ муроҷиат намуда, масъалаи якҷоя муқовимат нишон доданро алайҳи истилогарони рус иброз доштанд, Вале амир Насруллоҳ мегуяд, ки Бухоро дар ҳолати дӯстӣ бо Русия қарор дорад, ва барои кандани робита бо Русия сабабе вуҷуд надорад[3].

Моҳи августи соли 1830 амир Насруллоҳ сарфармондеҳи ҳарбии худ Султонқулӣ Раҳматбекро бо 30 нафар ҳайат бо маншур (ёрлиқ)-у туҳфаҳо ба Петербург мефиристад. Сафирон ба подшоҳи рус хабар доданд, ки амир Насруллоҳ сиёсати падараш амир Ҳайдарро дар масъалаи муносибати дӯстона бо Русия идома медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки амир Насруллоҳ дар масъалаи сиёсати хориҷӣ аз сарварони пешинаи аморати Бухоро ба куллӣ фарқ мекард. Ӯ сиёсати кушодро бо Русия ва Англия, ки даъвои салоҳияти иқтисодиро нисбат ба Осиёи Миёна доштанд, пеша кардааст.

Соли 1835 ба Бухоро ҳайати сафорати англисҳо бо сарварии А. Бернс ташриф меоварад. Ин сафорат дар ибтидои соли 1831 аз Ҳиндустон баромада ба Лоҳур меояд, сипас тавассути Пешовар, Кобул, қаторкӯҳҳои Ҳиндуқуш ва Бомиён то Балх мерасад. Аз ин ҷо таҳти ҳимояи туркманҳо ба Бухоро омада,

[1] Салимбек Салимӣ. Кашкӯли Салимий...-С.299-300.
[2] История Узбекистана. Т.III (XVI- первая половина XIX в.)…-С.211.
[3] БМД ҶУзб. З. И-715 Р.1. –П.103. В. 280 а.; Ҳамон ҷо. П.78. –В. 220.

маълумоти зиёд гирд меоварад. Бозгашти сафорати А. Бернс ба воситаи Машҳад ва Теҳрон сурат гирифта, ба Бушир ва аз он ҷо тавассути баҳр ба Бомбай расид[1]. Баъди бозгашт А. Бернс ҳисоботи худро иборат аз се ҷилд омода мекунад ва онро таҳти унвони "Саёҳат ба Бухоро" нашр мекунад[2].

Ташрифи сафири Англия ба Бухоро Русияи подшоҳиро ба ташвиш андохт. Чунончи, генерал - губернатори Оренбург В.А. Перовский 17 августи соли 1833 ба директори шуъбаи Осиёии Вазорати корҳои хориҷии Русия К.К. Родофкин мактуб навишта, иброз медорад, ки "Солҳои охир савдогарони британиёӣ бо хонигариҳои Осиёи Миёна робитаи мунтазами тиҷоратиро ба роҳ монда истодаанд, ки дар натиҷа Русия аз бозори фурӯши маҳсулот маҳрум мегардад.

Британиёгиҳо маҳсулоти худро тавассути Эрон ба воситаи ширкати тиҷоратие, ки дар Трапезунд (Туркия), яъне на он қадар дур аз Хева ва Бухоро қарор дорад, интиқол медиҳанд"[3]. Ба ҳар ҳол баъди омадани А. Бернс ба Бухоро ба муддати кӯтоҳ бошад ҳам робита бо Британияи Кабир барқарор гашт.

Русия намехост, ки таъсири геополитикии худро дар Осиёи Миёна аз даст диҳад. Аз ин лиҳоз, намояндагони ҳарбии худро мунтазам ба Бухоро мефиристод. Русия кӯшиш мекард, ки дар роҳбарияти Бухоро ақидаи душманона нисбат ба Британия Кабир пайдо шавад.

Баҳри амалӣ намудани ҳамин ниятҳо баъди сафари А. Бернс ба Бухоро профессори забонҳои туркӣ ва форсии институти забонҳои шарқии Санкт - Петербург, корманди маъмурияти губернияи Оренбург, поручик П.И. Демезон ташриф меоварад. Губернатори Оренбург В.А. Перовский дар назди ӯ ҷамъоварии маълумотҳоро доир ба агентҳои Британия дар Бухоро, вазъи ҳарбии аморат, ҳолати ҳарбиву сиёсӣ ва муносибати аморат бо ҳамсоягонаш вазифа гузошта буд. Ӯ аз Оренбургу Орск охирҳои соли 1833 бо ҳамроҳии карвони тоҷирон ба роҳ мебароядд. Азбаски П. Демезон забонҳои маҳаллии Осиёи Миёнаро хеле хуб медонист, либоси мардуми Осиёи Миёнаро ба бар

---

[1] Савельев П. Бухара в 1835 году: С присоединением известий обо всех европейских путешественниках, посещавших этот город до 1835 года включительно. –СПб, 1836. –С.25

[2] Бернс А. Путешествие в Бухару. – М., 1848. С.114

[3] Кушева Е.Н. Среднеазиатский вопрос и русская буржуазия в 40-х годах XIX века // Исторический сборник. - 1934. -№ 3. –С. 135-137

карда, худро ҳамчун муллои тотор бо номи Мирзо Ҷаъфар муаррифӣ мекунад[1]. Аз ин лиҳоз, сафари ӯ бехавф анҷом мепазирад. Демезон ба Бухоро моҳи декабри соли 1834 омад ва дар ин ҷо то июли соли 1835 фаъолият бурд. Г. Демезон оини равияи суннии исломро хуб медонист. Аз ин рӯ, дар масчиду мадрасаҳо баҳсҳои шаръи бо муллоҳои Бухоро анҷом медиҳад ва бо ин васила ба шахсони маъруф шиносоӣ пайдо мекунад[2].

Мақсади ташрифи П. Демезон мустаҳкам намудани мавқеъи Русия подшоҳӣ дар Осиёи Миёна, рушди тиҷорати тарафайн (Русияву хонигариҳои Осиёи Миёна) ва гирд овардани маълумотҳо дар бораи халқҳо ва давлатҳои Шарқ маҳсуб меёфт. Гарчанде ҳукумати Бухоро ба ташрифи П.И. Демезон бо шубҳа нигоҳ карда, ӯро то андозае бо адоват пешвоз гирифта бошад ҳам, амир Насруллоҳ ваъда медиҳад, ки дар сурати ҳолати ҷангӣ байни Русия ва Хева ба миён омадан, бетарафиро ихтиёр хоҳад кард[3].

П. Демезон сабабҳои бо душвори рушд кардани тиҷорат бо хонигариҳои Осиёи Миёнаро муайян мекунад, роҷеъ ба дурнамои робитаҳои иқтисодӣ фикру мулоҳизаҳои худро  баён кардааст.

Соли 1835 ба Бухоро намояндаи дигари русҳо, прапоршики баталёни ҳарбии Оренбург Я.В. Виткевич ташриф меоварад. Ҳадафи ӯ низ гирдоварии маълумотҳо, шиносоӣ бо фикри бухороиҳо дар бораи англисҳо, ҷамъоварии маълумоти саҳеҳ аз фаъолияти ширкати Ост-Индия, мақсад ва вазифаҳои ҷосусони Британия, нарху навои маҳсулот ва ғ. маҳсуб меёфт[4]. Я.В. Виткевич дар ҳисоботи худ дар бораи тартиби ситонидани боҷи гумрукӣ аз тоҷирон дар хонигариҳо, дар бораи бозорҳои Бухоро, масъалаи савдои (хариду фурӯши) ғуломон дар Бухоро маълумот медиҳад. Ӯ ба муносибатҳои байнидавлатӣ дар Осиёи Миёна, инчунин таъсири тезутундшавии муносибатҳо ба тиҷорат эътибор додааст.

---

[1] Савельев П. Бухара в 1835 году. –СПб., 1836. –С.22.
[2] Ҳамон ҷо. –С. 26-27.
[3] Жуковский С.В. Сношение России с Бухарой и Хивой за последнее трехсотлетие. –СПб, 1915. –С.107
[4] Исроилов С.Ш. Об отношениях Бухарского эмирата с Российской империей при Насруллахане // Ученче записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Уманитарные науки. 2020. -№ 1 (62). –С. 31. С. 30-37

Я.В. Виткевич ба Кобул низ сафар мекунад ва бо амири Афғонистон Дӯстмуҳаммадхон вомехӯрад. Ин амали Виткевич боиси шуру ғавғо дар байни англисҳо ба вуҷуд овард. Англисҳо (ҳукумати онҳо дар Ҳиндустон) аз наздикшавии Русия ба хонигариҳои Осиёи Миёна дар хавф буданд. Гуфтушуниди муваффақонаи Я.В. Виткевич дар Кобул бо фишори ҳукумати Британияи Кабир қатъ мегардад. Бо мақсади тезутунд нагаштани муносибат бо Англия ҳукумати Русия Я.В. Виткевичро аз Кобул бозхонд намуд ва шартномаи бо Афғонистон басташударо бекор кард.

Сафирони Русия ба ватанашон бидуни натиҷаи ҷиддӣ баргаштанд. Онҳо танҳо тавонистанд маълумоти умумиро дар бораи аморат пешниҳод намоянд. П. Демезон ва Я. Виткевич аз роҳандозии робитаҳои сиёсии амири Бухоро бо англисҳо ҳарф зада, қайд намудаанд, ки баъзе аз намояндагони Англия баҳри ҷамъоварии маълумот дар бораи Русия дар Бухоро иҷозат гирифтаанд.

Дар ин давра робитаҳои дипломатии Русия ва Бухоро танҳо аз ба роҳ мондани тиҷорат байни ду давлат иборат буд. Моҳи июли соли 1836 қаровулбегии амир Насруллоҳ Қурбонбек Ашурбек дар ҳайати 15 нафар вакилон бо маншур ба номи подшоҳи рус, ҳадяҳо, мактуби қушбегӣ ба Вазири корҳои хориҷӣ ва директори департаменти Осиё ба Орск ва аз он ҷо ба Петербург фиристода шуданд. Ҳайати сафирон подшоҳи русро доир ба вазъи робитаҳои тиҷоратии ду давлат, муносибати дӯстона ва сиёсӣ бохабар карданд ва инчунин ташвиши худро аз воридшавии намояндагони давлати Англия ба Осиёи Миёна иброз намуданд[1].

Ҳукумати Бухоро дарк мекард, ки авҷ гирифтани ҳаракати агрессивии англисҳо дар Осиёи Миёна ба мустақилияти аморати Бухоро таҳдид мекунад, барои ба ин амали англисҳо муқовимат нишон додан зарурати наздикшавиро бо Русияи подшоҳӣ эҳсос мекард. Аз ин лиҳоз, Я. Виткевич бо мақсади муайян

[1] Залесов Н. Очерк дипломатических сношений России с Бухарою с 1836 по 1843 гг // Военный сборник. -№ 9. СПб, 1862. –С.7-8, 33-34

намудани мавкеи аморати Бухоро дар ин масъала ва роҳ надодан ба афзоиши таъсири англисҳо дар ин минтақа фиристода шуда буд[1].

Инчунин, дар он давр кӯшиш карда шуд, ки робитаи илмиву техникӣ ба роҳ монда шавад. Масалан, соли 1838 амир Насруллоҳ ба Русия сафири худ - Болтақулбек Чиғатойбегиро аз қабилаи қирқ мефиристад ва дар назди ӯ вазифа мегузорад, ки аз ҳукумати Русия хоҳиш кунад, то ки ба Бухоро мутахассисони соҳаи геологияро баҳри омӯзиши захираҳои минералҳо (тиллову сангҳои қиматбаҳо) фиристад[2]. Ин ҳайат бо маншуру ҳадяҳо ба номи подшоҳи рус, мактуби қушбегӣ ба номи вазири корҳои хориҷии Русия Несселрод ва генерал-губернатори Оренбург Перовский, инчунин якчанд асирони озодшудаи рус ба Петербург омаданд.

Ҳукумати Русияи подшоҳӣ бо хоҳиши сафорати Бухоро розигӣ дод, ки моҳи апрели соли 1839 бо сарварии муҳандиси кӯҳӣ, капитан Ковалевский ба Осиёи Миёна фиристад. Амалан ин экспедитсия на танҳо бо дархости аморати Бухоро фиристода мешавад, балки худи Русия мехост, ки робитаи тиҷоратиро бо аморати Бухоро мустаҳкам намояд, таъсири Русияро дар Осиёи Миёна боз ҳам пурзӯр намояд ва роҳи дахолати Британияро дар минтақа заиф гардонад. Экспедитсия моҳи апрели соли 1839 бо роҳбарии муҳандиси кӯҳӣ Ковалевский, капитан Генгресс, тарҷумон, техники конҳо, ду нафар коргар ва чор нафар казакҳо ташкил карда мешавад[3].

Дар назди экспедитсия се вазифа гузошта мешавад: 1. Ҷамъоварии маълумот доир ба боигариҳои зеризаминӣ ва савдои сангҳои қиматбаҳо; 2. Ҷамъоварии маълумот дар бораи тиҷорати берунаи аморати Бухоро; 3) Кам кардани боҷи гумрукӣ барои савдогарони Русия, ташкил кардани консулгарии Русия дар Бухоро, озод кардани ғуломони Русия аз Бухоро, ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ ва топографӣ дар бораи аморати Бухоро ва давлатҳои

[1] Муҳаммадҷонов А.Р., Неъматов Т Бухоро ва Хеванинг Россия билан муносабатлари таихига доир баъзи манбалар. –Тошкент: Ӯзбекистон фанлар академияси нашриёти, 1967. -С.79. 224 с.
[2] Залесов Н. Очерк дипломатических сношений Росии с Бухарою в 1836 г. по 1843 г.// Военный сборник. –Т. 27. -1862.-С. 7-8. С. 7-37.
[3] Жуковский С.В. Сношение России с Бухарой и Хивой за последнее трехсотлетие. –СПб, 1915. –С.111-117.

ҳамсоя[1]. Мақсади дигари ин экспедитсия гирифтани пеши роҳи воридшавии англисҳои ба Осиёи Миёна буд[2]. Вале ин сафорат бо нокомӣ анҷомид, зеро, ҳукумати аморати Бухоро нагузошт, ки ба русҳо маълумотҳои дақиқ пешниҳод гарданд.

Дар ин миён Англия низ аз генерал-губернатори Ост-Ҳиндустон талаб мекунад, ки баҳри пешгирӣ намудани наздикшавии Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна тадбирҳо андешад. Охири соли 1838 ба Бухоро полковник Стоддарт фиристода мешавад. Баъди як сол қувваҳои ҳарбии англис ба Афғонистон ворид мешаванд, ин кишварро забт мекунанд ва ба хонигариҳои Осиёи Миёна хавфи ҷиддӣ эҷод мекунанд.

Моҳи июли соли 1840 ба Санкт-Петербург ҳайати 39 - нафараи сафорати амири Бухоро таҳти сарварии Мулло Муқимбек Муҳаммадсаид фиристода мешавад. Ҳайати сафорат 10 ноябри соли 1840 аз ҷониби подшоҳи рус пазироӣ гашт[3]. Мулло Муқимбек Муҳаммадсаид ба подшоҳи рус дар бораи хавфи ба Осиёи Миёна таҳдид кардани англисҳоро маълум кард. Дар сурати ба Осиёи Миёна ҳуҷум кардани англисҳо ҳимояи хонигариҳоро ба зиммаи худ гирифтани Русияро хоҳиш намуд. Инчунин, ба подшоҳи рус хабар дода шуд, ки муносибат байни Хева ва Бухоро муташанниҷ гаштааст ва Оллоҳқулихон (хони Хева) барои талаву тороҷ намудани шаҳру деҳоти аморати Бухоро пайваста юришҳои ҳарбӣ ташкил мекунад. Аз Русия хоҳиш карда мешавад, ки дар ин масъала ба сифати миёнарав кумак намояд. Дар сурати набудани имконияти ҷазо додани Хева бо қувваи ҳарбӣ, ба амир иҷозат дода шавад, ки ба табодули асирон миёнарав гардад, барои рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва дӯстона мусоидат намояд[4]. Сарвари сафорат Мулло Муқимбек Муҳаммадсаид аз подшоҳи рус дархост намуд, ки барои тоҷирони Бухоро аз ярмаркаи Нижегород 19 дӯкон ҷудо карда шавад. Аз подшоҳи Русия дархост карда шуд, ки ба Бухоро баҳри

[1] Жуковский С.В. Сношение России с Бухарой и Хивой... –С.26.
[2] Муҳаммадҷонов А.Р., Неъматов Т Бухоро ва Хеванинг Россия билан муносабатлари тарихига доир баъзи манбалар. –Тошкент: Ўзбекистон фанлар академияси нашриёти, 1967. -С.80.
[3] Бекчурин Мир Салих. Туркестанская область. Заметки статского советника Бекчурина. — Казань,1872. -С.102-103
[4] Костецкий В.А. Россияне в Узбекистане/ Авт.-сост. В. А. Костетский; Ред кол.: С.И. Герасимова и др. - Ташкент.: Нихол, 2008. – С. 28. 336 стр.

омӯзиши канданиҳои фоиданок, пеш аз ҳама, дарёфту истихроҷи тилло, мутахассисон - муҳандисони кӯҳиро фиристад.

Ҷавобан ба он соли 1841 сафорати Русия бо роҳбарии муҳандиси кӯҳӣ, подполковник К. Бутенов ба Бухоро фиристода мешавад. Вазифаи ин сафорат ба қавли М.М. Соловев "аз лиҳози иқтисодӣ ва сиёсӣ ба тобеияти Русия даровардани Бухоро" буд[1]. Ба ҳайати ин сафорат ба ғайр аз ду нафар муҳандис ва ду нафар ҳунарманди соҳаи саноати кӯҳӣ, шарқшинос Н. Хаников, табиатшинос А. Леман, топограф Яковлев ва дигарон шомил буданд.

Намояндагони сафорати Русияро таҳти сарварии К. Бутенов моҳи октябри соли 1841 амир Насруллоҳ қабул мекунад. Аммо гуфтушунидҳо ба пуррагӣ анҷом наёфтанд. Амир Насруллоҳ бинобар омодагӣ дидан ба юриши ҳарбӣ ба муқобили хонигарии Қӯқанд, ваколаташро ба қушбегӣ медиҳад. Гарчанде дар масъалаи кам кардани боҷи гумрукӣ, озод кардани асирони рус, ба Русия интиқол додани ҷосусони англис Стоддарт ва Канноли натиҷаи мусбат ба даст наомад. Намояндагони сафорати Бутенов то андозае ба муваффақиятҳо ноил гаштанд. Маълумоти муҳими илмӣ ҷамъоварӣ гаштанд, ки баъдтар дар асарҳои Н. Хаников, А. Леман, А. Богословский ва худи К. Бутенов инъикос гаштанд[2]. Аммо мутахассисони рус конҳои калони тиллоро дарёфт карда натавонистанд[3]. Зеро амир Насруллоҳ ба онҳо барои омӯхтани ҳавзаи Амударё ва кӯҳҳои Нурота иҷозат надод. Ҳайати ин сафорат 8 апрели соли 1842 аз Бухоро баромада ба самти ба Русия баргашт ва 9 июни ҳамон сол ба Оренбург ворид шуд[4].

Дар як вақт бо сафорати К. Бутенов ба самти Хева ҳайати сафорати Русия бо роҳбарии капитан П. Никифоров бо мақсади анҷом додани гуфтушунидҳо бо хони Хева фиристода мешавад.

---

[1] Соловьев М.М. Экспедиция в Бухару в 1841 – 1842 гг. при участии натуралиста А. Лемана. –М. – Л.: Наука, 1936. –С. 14. 120 с.

[2] Богословский 2-й. Записка о долине Зарафшана и горах еокружающих// Горный журнал. -1842. Ч.2 Кн. 10. – С. 17-206; Бутенов К. Минеральные богатства Бухарии // Горный журнал. -1842. –Ч.4. К.1. – С.137-148. Ханыков Н. Описание Бухарского ханства. –СПб: Б.И., 1843.

[3] Иванов П.П. Очерки Истории Средней Азии.. –С.145.

[4] Гуломов Хондамирмирза, Дипломатические отношения государств Средней Азии с Россией в XVIII – первой половине XIX века. Ташкент: Фан, 2005. - С.209-211

Аз ибтидои солҳои 40-уми асри XIX муносибати Бухорову Қӯқанд аз сари нав муташанниҷ мегардад. Дар чунин шароит хони Қӯқанд Муҳаммадалихон баҳри барқарор намудани робитаҳо бо Русияи подшоҳӣ ҳаракат мекунад. Соли 1841 бо роҳбарии Эшон Муҳаммад хоҷа Халил Сафронюл ва Нақиб Алӣ Ашраф ҳайати сафорати Қӯқанд ба Петербург фиристода мешавад[1]. Ҳукумати Қӯқанд аз подшоҳи Русия хоҳиш намуд, ки барои сафари ҳаҷро ба Макка анҷом додан ба шаҳрвандони Қӯқанд бо воситаи қаламрави Русия иҷозат дода шавад, савдогарони Қӯқанд ва Тошкандро, ки тавассути роҳи Сибир ба тиҷорат машғуланд, ба ҳимояи худ гирад, тоҷири тошкандӣ Кенҷатойро, ки дар Петропавловск бо тиҷорат машғул аст бо медал ва ду нафар муллоҳо (руҳониён)-и қӯқандиро бо тархон ва ёрлиқ мукофотонад[2].

Худи ҳамон сол амир Насруллоҳ бо роҳбарии қаровулбегӣ Худоёрбек Қулибий қаровулбегӣ ҳайати сафорати 17 нафари худро ба Петербург мефиристад. Аммо аз сабаби ба имзо нарасидани созишнома, ин ҳайат 4 феврали соли 1843 аз Оренбург бенатиҷа ба Бухоро баргашт[3].

Моҳи августи соли 1842 аз Оренбург баромада, ба Хева ҳайати сафорати русҳо бо роҳбарии подполковник Г.И. Данилевский ба воситаи Уст-юрт, қисмати ғарбии баҳри Арал раҳсипор шуд. Ҳангоми воридшавии сафорат (моҳи октябри соли 1842) дар пойтахти хонигарии Хева хон Оллоҳқулӣ қарор надошт, зеро ӯ ба тарафи Бухоро лашкар кашида буд. Дере нагузашта хон ба пойтахт баргашт ва ҳайати сафоратро қабул намуд. Аммо Оллоҳқулӣ вафот мекунад ва ба тахт писараи ӯ Раҳимқулӣ менишинад. Гуфтушунид тӯл мекашад. Натиҷаи муҳими ин сафорат аз он иборат буд, ки дар натиҷаи гуфтушуниди сарҳад байни Русия ва Хева бо хати Уст-юрт, Сирдарё, соҳили шимолии баҳри Арал муайян карда шуд. Хон ваъда дод, ки минбаъд нисбати Русия амалиётҳои душманона пеш намебарад, дар ҳудуди хонигарӣ асирони русро нигоҳ намедорад ва ба бехатарии молу мулки русҳо кафолат медиҳад, аз савдогарони

---

[1] БМД ҶӮзб. Х. И-715.- Р.1.- П.4.- Вв.8-9.
[2] БМД ҶӮзб. Х. И-715.- Р.1.- П.4.- Вв.113-114.
[3] Шепелев А. Очерк военных и дипломатических сношений России со Среднею Азиею //Материалы для истории Хивинского похода 1873 года. –Ташкент, 1873. –С. 69.

рус бочро соле як маротиба дар ҳаҷми 5% ситонад, барои бемамониат ба самти Русия гузаштани корвонҳои мамлакатҳои Шарқ иҷозат диҳад. Русия дар навбати худ ваъда дод, ки барои савдогарони Хева шароити мусоиди тиҷоратиро фароҳам меоварад. Ин шартнома бо муҳри хони Хева ба имзо расид[1].

Дар натиҷаи анҷом додани сафорати русҳо бо роҳбарии капитан Никифоров (соли 1841) ва полковник Данилевский (соли 1842) ба хонигарии Хева инчунин натиҷаҳои мусбати зерин ба даст омаданд: 1) маълумоти русҳо доир ба ҷуғрофиёи Осиёи Миёна васеъ гашт, дар ин самт харитаҳо сохта шуданд, тавсифи муфассали хонигарии Хева анҷом дода шуд; 2) муваққатан хариду фурӯши асирони рус қатъ гардид, харитаи генералии хонигарии Хева, нақшаи картографии шаҳри Хева, харитаи махсуси водии ғарбии Амударё, харитаи орогидрографии қисмати аҳолинишини хонигарии Хева, харитаи роҳҳои хонигарии Хева таҳия гаштанд[2].

Ҳайати сафоратҳое, ки аз Бухоро ба Русия соли 1848 ва баъдан соли 1856 фиристода шуданд, аз ҳукуматдорони Русия хоҳиш намуданд, ки бо мақсади боз ҳам мустаҳкам намудани робитаҳои дӯстӣ намояндаи худро ба Бухоро фиристанд[3].

Сафорати аморатро соли 1848 Мирзохоҷа Хайрулло мирохур сарварӣ намуда, бо 20 нафар сафирон ба истеҳкоми Райим омаданд. Вале дар натиҷаи ин сафар ягон хел шартнома ё созишномаҳо ба имзо нарасиданд.

Дар ин давр англисҳо Ҳиндустони ғарбиро забт намуда, ба Афғонистон таҳдид мекарданд. Инчунин ҷосусони англис ба Бухоро омада, амирро ба барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ, дар Бухоро таъсис додани консулгарии Англия, қатъ кардани робитаҳо бо Русия даъват мекарданд. Аз ин

[1] Шепелев А. Очерк военных и дипломатических сношений России... –С.67; Халфин Н.А. Россия и ханства Средней Азии (первая половина XIX в.). -М., 1974. -С. 312–332.

[2]Хасанов М.М. Англо- Российское соперничество в Хивинском ханстве в первой половине XIX века// Цифровая наука. №1. -2021.- С.115-116; Ганиев Р. Т. Хивинская проблема Российской империи В 1-й половине XIX в.: Амбиции и реальность// Известия Уральского федерального университета. Серия 2. Гуманитарные науки. 2013.- № 2.-С. 107-113. С. 107-123.

[3] Серебренников А.Г. Туркестанский край // Сборник материалов для истории завоевания Туркестанского края: в 4-х томах. –Т.ГУ. –Ташкент: Б.И., 1908. –С. 135-136.

лиҳоз, сафирони бухороӣ ҳукумати Русияи подшоҳиро аз ин ҳолат хабардор намуданд, дар ҳолати ба Бухоро ҳамла кардани англисҳо аз Русия ёрдам пурсиданд. Сафирон барои бартараф намудани баъзе нофаҳмиҳо байни Русия ва Бухоро музокирот анҷом доданд. Русия даъват ба амал овард, ки робитаҳои хуби байнидавлатӣ ба роҳ монда шуда, зери ҳимояи тарафайн гирифтани савдогаронро талаб кард. Дар ин давр рушди саноат дар Русия талаб мекард, ки бозори фурӯши маҳсулот ва манбаи ашёи хом васеъ гардад.

Русия мехост, ки ин эҳтиёҷот аз ҳисоби ҳудудҳои ҷанубии мамлакат амалӣ гардад.

Русия кӯшиш намуд, ки муносибатро бо Бухоро хубтар ба роҳ монда, дар ин самт марҳилаи навро оғоз намояд. Русия наздикшавии худро бо хонигариҳои Осиёи Миёна дар ташкили юришҳои ҳарбӣ медид. Ин буд, ки соли 1853 қувваҳои ҳарбии русҳо бо роҳбарии К. Перовский қалъаи Оқмачитро ишғол намуд. Дар ин давр дар Русияи подшоҳӣ ивази вазири корҳои хориҷӣ сурат мегирад. Ба ҷойи К. Несселроде соли 1856 А. Горчаков (яке аз дипломатҳои машҳури асри XIX) ба вазифаи вазири корҳои хориҷӣ соҳиб мешавад. Инчунин ба вазифаи сардори Департаменти Осиёгӣ низ шахси нав – Е. Ковалевский таъин мегардад. Ӯ тарафдори рушди робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодии Русия бо Осиёи Миёна, аз ҷумла робитаҳои дипломатӣ буд.

Дар ин давр сиёсати хориҷии амир Насруллоҳ дар ду самт ҷараён дошт: самти аввал аз таркиби Бухоро шомил намудани мулки Шаҳрисабз иборат буд. Самти дуюм бо хонигарии Қӯқанд вобастагӣ дошт. Соли 1853 амир Насруллоҳ ба Шаҳрисабз лашкар мекашад. Ҳадафи асосии ин лашкаркашӣ ишғоли Шаҳрисабз ва ҷалби қувваҳои ҳарбии ин вилоят ба муқобили Қӯқанд буд[1].

Таҳдиди ҳарбии аморати Бухоро бар муқобили хонигарии Қӯқанд дар солҳои 1853 – 1854 боз вусъат меёбад. Амир Насруллоҳхон мухолифони хони Қӯқандро дастгирӣ мекард, тохтутозҳоро ба қаламрави Қӯқанд бо мақсади талаву торочи мулк, ташкил мекард. Мақсади амир заиф кардани иқтидори

[1] БМД ҶУзб. З. И-715 Р.1. –П.103. В. 280

Қӯқанд ва дар шароити муносиб ба давлати худ ҳамроҳ кардани мулкҳои Қӯқанд ва ё ба тахт овардани Музаффар-писари Худоёрхон ба шумор мерафт[1].

Дар ин давр дар Қӯқанд шуриш бо роҳбарии Ӯтамбий қипчоқ ва дар Андиҷону Марғилон бо роҳбарии писари Мусулмонқул Абдураҳмон сар зад. Шуришгарони Андиҷону Марғелон, ҳатто қасди ҳуҷумро ба Тошканд ба нақша гирифтанд. Сарфармондеҳи қӯшуни Қӯқанд Қосимбек баъди аз русҳо мағлуб гаштан дар форти Перовск (дар Оқмачит) ба Тошканд омад ва аз ҷониби бародари Худоёрхон Сӯфибек ба Бухоро фиристода мешавад. Сӯфибек ба амир Насруллоҳхон таклиф мекунад, ки Тошкандро ба тобеияти худ гирад[2].

Ба замми ин амир Насруллоҳ сафири худро ба Қӯқанд фиристода аз Худоёрхон талаб кард, ки ба фоидаи писари Муҳаммадалӣ Музаффар аз тахт даст кашад. Аз ин талаби сафир Худоёрхон ба ғазаб меояд ва амр мекунад, ки гӯшу бинии сафирро бурранд. Аз ин муносибати Худоёрхон нисбати сафир бохабар гашта, амир Насруллоҳ ба юриши ҳарбӣ ба самти Қӯқанд тайёрӣ мебинад.

Дар ин асно Худоёрхон роҳи оштиро бо амири Бухоро пеша намуда, хост, ки бо ёрии қувваҳои ҳарбии Бухоро форти Перовскро (собиқ Оқмачитро) аз дасти русҳо кашида гирад. Вале ин иқдоми Худоёрхонро Насруллоҳ рад мекунад. Ӯ намехост, ки риштаҳои дӯстӣ ва робитаҳои тиҷоратӣ бо Русия канда шавад.

Аз тарафи дигар Худоёрхон баъди кушта шудани Мусулмонқул мингбошӣ, аз як тараф бар муқобили забткориҳои русҳо мубориза бурд, аз тарафи дигар вазъи душвори иқтисодиву сиёсӣ дар Қӯқанд низои доимиро бо аморати Бухоро ба вуҷуд оварда буд.

Аз чунин ҳолати буҳрони ба амал омада бародари Худоёрхон Маллахон истифода мебарад. Маллахон соли 1858 бо лашкари бузург барои пахши шуришгарони Ӯротеппа фиристода мешавад. Маллахон аз вазъият истифода бурда, барои ғасби ҳокимияти хонигарии Қӯқанд шуруъ мекунад. Ин вазъиятро

[1] Исроилов С. Об отношениях Бухарского эмирата с Кокандским ханством// Вестник педагогического университета. -2018.-5-2 (77). –С. 293. С.288-295
[2] БМД ҶУзб. З. И-715 Р.1. –П.78. В. 219

муаллифи “Ансаб ус - салотин ва ат-таварих ал-хавакин” чунин нигоштааст: “ Дар он вақт амир Насруллоҳ лашкар ҷамъ намуда, ба Ӯротеппа омад, онро муҳосира намуд ва қалъаи Новро ба даст даровард, сипас Хуҷандро муҳосира намуд. Дар ин бора Худоёрхон огоҳ шуд ва бо маслиҳати аъёну ашрофи давлат, сарбозонро ҷамъ намуд ва Маллахонро сарлашкар таъин кард. Ин амали ӯ ба ҳамагон маъқул афтод.

Маллахон соли 1276 ҳ.қ (1858) ба тахт нишаст ва ба ҳукмронии худ оғоз бахшид. Ӯ ба Ботурхон (амир Насруллоҳ) тақлид намуда, аз ҳунармандони бухорой хоҳиш намуд, ки барои ӯ тахт бисозанд”[1].

Худоёрхони аз тахт азл шуда, ба Бухоро фирор кард ва аз амир Насруллоҳ сарпаноҳ пурсид. Тибқи маълумоти бойгонӣ ба Худоёрхони гуреза амир Насруллоҳ идоракунии Қаршӣ, Ғузор, Саргулос, Толиқон ва Қундузро месупорад, то ки лашкар ҷамъ намуда, ба Қӯқанд ҳуҷум кунад. Дар асоси ин иҷозатнома Худоёрхон 1200 нафар сарбозонро аз Қаротегин ҷамъ мекунад ва бо ин қувва ба ҳудуди хонигарии Қӯқанд ворид мешавад. Маллахон ба муқобили бародараш 3000 нафар сарбозонро сафарбар менамояд. Дар ин миён дар Қӯқанд элликбошӣ Холмамбет ва ашрофзода Нурбой исён мебардоранд. Аз ин исён бохабар гашта, ба пойтахт баргашт ва исёнро пахш намуда, Холмамбетро ба қатл расонд, Нурбойро бо тарафдоронаш зиндонӣ кард[2].

Дар замони ҳукмронии Маллахон забти ҳудуди Осиёи Миёна аз ҷониби Русияи подшоҳӣ идома ёфт. Хонигариҳои Осиёи Миёна ба ҷойи сарҷамъ шуда, ба муқобили русҳо мубориза бурда, низои байнихудиро идома доданд. Соли 1858 аз сари нав ҷангҳо байни Бухоро ва Қӯқанд барои Ӯротеппа идома ёфтанд. Чи тавре ки Аҳрор Мухторов таъкид намудааст моҳи ноябри соли 1858 амири Бухоро аз нав Ӯротеппаро ба даст даровард. Ҳокими Ӯротеппа Рустамбек кушта шуд ва ба ҷойи ӯ Бозорбий ҳоким таъин гашт[3].

Соли 1859 дар рафти омодагӣ ба набардҳои сарҳадӣ ба муқобили корпуси сибирии русҳо Маллахон кӯшиш намуд, ки бо амири Бухоро оштӣ кунад, то ки

---

[1] Мирзоолим Мушриф, Ансоб ус-салотин.. –С.64-65.
[2] БМД ҶУзб. 3. И-715 Р.1. –П.22. -В. 113
[3] Мухтаров А. Очерк истории Ура-Тюбинского владения... –С.38.

якҷоя бехатарии сарҳадро дар рафти мубориза алайҳи русҳо таъмин намояд. Бо ин мақсад хон сафирони худро ба назди амири Бухоро фиристода, ваъда медиҳад, ки дар ҳама кор ба ӯ итоат мекунад. Аммо ӯ талаби амирро дар мавриди ба ихтиёри аморати Бухоро супоридани Қаноатшоҳ (сарфармондеҳи қувваҳои ҳарбии Қӯқанд) рад мекунад. Ин барои амир Насруллоҳ баҳона мешавад, то ки иттиҳодро бо хонигарии Қӯқанд инкор кунад.

Моҳи октябри соли 1859 хони Хева баъди гирифтани раддияи аморати Бухоро дар масъали кумак расонидан дар роҳи мубориза бар муқобили русҳо, моҳи декабр намояндаи худро ба Қӯқанд мефиристад. Амири Бухоро равобити дӯстонаи Хева ва Қӯқандро намехост. Кӯшиш менамуд, ки ин корро зери назорати худ гирад[1]. Новобаста аз ин, меморандиум байни Хева ва Қӯқанд оид ба якҷоя мубориза бурдан ба муқобили ғосибони рус ба имзо мерасад.

Дар сиёсати хориҷии хонигариҳои Осиёи Миёнаи нимаи аввали асри XIX махсусан дар робитаҳои байналхалқии хонигарии Қӯқанд ва аморати Бухоро империяи Син ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекард. Империяи Син дар ин давр дар муносибат бо хонигариҳои Осиёи Миёна қонсепсияи сиёсати давлатиро надошт. Муҳимтарин вазифаи империяи Син нигоҳ доштани ҳукмрониаш дар Ҷунгария ва Туркистони Шарқӣ буд. Дар ин минтақаҳо аксарияти аҳолӣ мусулмонон буданд. Ҳалли ин масъала аз мавқеи хонигариҳои Қӯқанду Бухоро вобастагӣ дошт[2].

Ҳамин тавр, дипломатияи сиёсӣ байни аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд аз даврони ташаккулёбии давлатҳо ба роҳ монда шудааст, дар маркази ин муносибат кӯшиши аморати Бухоро баҳри васеъ кардани ҳудуди давлат меистод. Хонигарии Қӯқанд низ дар ҳамин андеша буд. То оғози экспансияи Русия Ӯротеппа ва Хуҷанд минтақаи низоъ байни Бухоро ва Қӯқанд ба шумор мерафт. Ҳокимони ин ду давлат ин муамморо мехостанд нафақат бо роҳи мусаллаҳона ҳаллу фасл намоянд, балки дар баъзе мавридҳо роҳи дипломатияро низ истифода мебурданд.

[1] БМД ҶУзб. З. И-715 Р.1. –П.287. -В. 442-443.
[2] Политика России и Китая в Центральной Азии во второй половине XIX – начале XXI в.: коллективная монография / отв. ред. А.В. Старцев. -Барнаул, 2014. -С. 36–38.

Амир Насруллоҳ дар сиёсати хориҷии худ кӯшиш намуд, ки ҳудудҳои хонигариҳои Хева ва Қӯқандро дар атрофи Бухоро муттаҳид намояд. Чунончи, амир Насруллоҳ солҳои 1840-1842 ба муқобили хонигарии Қӯқанд ҷангида, Хуҷанд, Ӯротеппа, Тошкент, Ҷиззахро тасарруф кард. Ҳатто чунин шуд, ки хони Қӯқанд Муҳаммадалихон моҳи ноябри соли 1841 худро ҳамчун ноиби амир Насруллоҳ хонда, ба фоидаи бародараш Султон Маҳмудхон аз тахт даст мекашад.

Маълум аст, ки аморати Бухоро аз лиҳози иқтидори иқтисодӣ ва ҳарбӣ нисбат ба Қӯқанду Хева бартарият дошт ва дар корҳои сиёсии Осиёи Миёна нақши муҳим мебозид. Амир Насруллоҳ сиёсатмадори соҳибтаҷриба, дипломати моҳир буд ва бо Русия ва Туркия робитаи дӯстона барқарор менамояд[1].

Ҳамин тавр, хонҳои Хева ва Қӯқанд, амирони Бухоро дар нимаи аввали асри XIX худро дар алоҳидагӣ пешвои минтақа меҳисобиданд. Барои тасдиқи даъвои худ ҳатто ба султони Туркия муроҷиат карданд.

Солҳои 50-уми асри XIX низоъҳои дохилӣ дар хонигариҳои Осиёи Миёна хеле авҷ мегиранд, гурӯҳҳои мухталиф барои ҳокимияти марказӣ мубориза оғоз карданд. Низои дохилӣ ва этникӣ байни мардуми муқимнишин ва кӯчманчиён боиси заиф гаштани иқтидори давлатҳо гардид. Аз вазъияти баамаломада Русияи подшоҳӣ истифода бурд ва лашкаркашиҳоро оғоз намуд.

Дар нимаи аввали асри XIX хониҳои Осиёи Миёна - Бухоро, Қӯқанд ва Хева дар маркази низоми мураккаби муносибатҳои байналмилалӣ қарор доштанд, ки бо таъсири давлатҳои ҳамсоя, амбитсияҳои геополитикӣ ва нуфузи империяҳои бузург муайян карда мешуданд.

Аморати Бухоро бо ду бозингари калидии ин минтақа – хонигарии Қӯқанд ва империяи Русия дучор омад. Бухоро дар муносибатҳои хориҷии худ мувозинатро нигоҳ дошта, кӯшиш мекард, ки бетарафиро нигоҳ дорад ва аз

[1] БДМ ҶӮзб.-Х. И-715.-Р.1. –П.23. –В.175; Мухтаров А. Очерк истории Ура-Тюбинского владения в XIX в. – С.33.

тобеияти пурраи Русия худдорӣ кунад, дар айни замон муносибатҳои анъанавиро бо Қӯқанд ва дигар ҳамсояҳо нигоҳ дорад.

Хонигарии Қӯқанд муносибаташро бо Бухоро ба роҳ монда, дар минтақа ба нуфуз соҳиб буд, роҳҳои тиҷоратиро назорат мекард. Дар баробари ин, Қӯқанд бо афзоиши нуфузи Русия дар шимол ва ҳузури империяи Британия дар ҷануб рӯ ба рӯ шуда, сенарияи мураккаби дипломатӣ ва ҳарбӣ ба вуҷуд овард.

Моҳи ноябри соли 1857 ба Санкт-Петербург ҳайати сафорати аморати Бухоро таҳти сарварии Муллоҷон Ашурҷони Мирохур ташриф овард. Ин ҳайат барои расонидани сӯгвории амир бинобар вафоти подшоҳ Николайи I ва бо сабаби ба тахт нишастани Александри II фиристода мешавад. Дар ҳайати сафорати Бухоро, ки соли 1857 ба Русия фиристода шуд, яке аз олимони номвар, файласуф, муаррих, табиб, шоир, хаттот, рассом Аҳмади Дониш низ буд[1]. Ҳайати сафорат аз подшоҳи рус дархост намуд, ки ба Бухоро бо мақсади анҷом додани муносибати дӯстона ва дипломатӣ ҳайати сафирон фиристода шаванд.

Маълум аст, ки дар ин давр ҳудуди қазоқҳо пурра ба таркиби Русия подшоҳӣ ҳамроҳ карда шуда буд ва Русия ба сарҳади хонигариҳои Осиёи Миёна торафт наздик мегашт. Акнун, ки муносибатҳои дипломатӣ муваффақона давом мекарданд, ҳалли масъалаҳои иқтисодиву сиёсӣ осонтар мегашт. Русия имконияти дастрас намудани маълумотро дар бораи аморати Бухоро ҳарчи бештар пайдо кард.

Солҳои 40-уми асри XIX аллакай маълумотҳо доир ба Бухоро ва хонигариҳои ҳамсоя кӯҳна гашта буд, талаботҳои ҳукумати Русияи подшоҳиро қонеъ намекард. Дар айни ҳол робитаҳои тиҷоратӣ байни Русия ва хонигариҳои Осиёи Миёна хуб ба роҳ монда шуда буд, зеро Русия чун анъана аз бозори Осиёи Миёна баромада наметавонист, маҷбур буд, ки бо боҷи гумрукии хеле гарон тиҷоратро ба роҳ монад. Дар ин вақт Амударё қисми муҳими манфиатҳои

[1] Гафуров Б. История таджикского народа в кратком изложении. С древнейших времен до Великой Октябрской социалистической революции 1917 г. Т.1. Изд. 3-е. – М.: Наука, 1955. –С 449-451.

иқтисодӣ ва сиёсии Русия ба шумор мерафт[1]. Дар чунин шароит ба Бухоро фиристода шудани сафорати русҳо хеле муҳим арзёбӣ гардид. Зеро бо ин амал Русия метавонист мавқеи худро дар Осиёи Миёна мустаҳкам намояд.

Ин ҳолат саривақт истифода гашт ва подшоҳи Русия Александри II соли 1858 бо сарварии полковник Н. Игнатев ба Хева ва Бухоро ҳайати дипломатҳоро мефиристад[2]. Ҳайати сафорати Н. Игнатев 15 май соли 1858 аз Оренбург баромада ба дашти қазоқҳо ворид мешавад. Аз он ҷо ба қисмати ғарбии баҳри Арал гузашта, аввал ба Хева, сипас ба Бухоро ворид мегардад. Баъдтар дар ин бора Н. Игнатев[3] ва аъзоёни ҳайати дипломатӣ Н. Залесов, ва П. Назаров[4] навиштаанд.

Ҳайати дипломатии Н. Игнатев аз 190 нафар иборат буда, аз ҷумла ба таркиби он Е.Я. Килевейн (котиб), ходими дипломатӣ дар назди генерал - губернаторҳои Оренбург ва Самара М.И. Галкин, афсари штаби генералӣ, штаб - капитан Н.Г. Залесов, топографҳо Яковлев ва Зеленив, лейтенанти флот А.Ф. Можайский, астроном К.В. Струве, намояндаи Академияи илмҳо, шарқшинос П.И. Лерх ва дигарон шомил буданд.

Дар муддати тулонӣ дар робитаи дипломатии байни Русия ва Бухоро душвориву монеаҳо аз қабили мушкилиҳо дар роҳҳои тиҷоратӣ, зиёд будани боҷи гумрукӣ, монеаҳо дар ташкили тиҷорати озод, масъалаҳо вобаста ба асирон ва ғуломони рус вуҷуд доштанд. Мақсади фиристода шудани ҳайати сафорати рус бо роҳбарии Н. Игнатев соли 1858 ба таври мусбат ҳаллу фасл намудани ҳамин масъалаҳо ба шумор мерафт[5]. Чи тавре ки сарвари ҳайати дипломатӣ таъкид мекунад ин сафорат на танҳо барои таъмини тиҷорати озод барои савдогарон ва шаҳрвандони рус, балки барои ҳалли масъалаҳои

---

[1] Исроилов С.Ш. Об отношениях Бухарского эмирата с Российской империей... –С.34.
[2] David Gillard. The Struqqle for Asia 1828-1914/ London? 1910. –p. 106-107. 600 p.
[3] Игнатьев Н. Миссия в Хиву и Бухару в 1858 г…-СПб: Б.И., 1897. 278 с.
[4] Залесов Н. Посольство в Хиву и Бухару полковника Иннатьева в 1858 г. // Русский вестник. -1871. –Т.91. -№2. –С.421 - 440; Назаров П. Воспоминания о степном походе миссии флигель- адъютанта Игнатьева в ханства Хива и Бухару // Военный сборник. -1864.-№4. –С. 350-375.
[5] Игнатьев Н. Миссия в Хиву и Бухару.-С.9-10.

иқтисодиву сиёсӣ ва ҳарбӣ, инчунин бо мақсади мустаҳкам намудани мавқеи Русия дар минтақа созмон дода шуда буд[1].

Дар рафти гуфтушунидҳо сеҳафтаина бо хонигарии Хева ҳайати сафорати Н. Игнатев ба натиҷаи мусбат ноил нагашт. Махсусан дар масъалаи иҷозат ба шино кардани киштиҳои тиҷоратии русҳо дар Амударё розигӣ ба даст наомад[2].

Сипас, ҳайати сафорат ба самти Бухоро равон мегардад ва 22 сентябри соли 1858 вориди ин шаҳр мегардад. Ҳайати сафоратро амир Насруллоҳ хуш қабул мекунад. Амир Насруллоҳ ба русҳо ваъда медиҳад, ки боҷи гумрукиро барои савдогарони рус аз 10% ба 5% поён фарорад, ба тоҷирони рус иҷозат дода мешавад, ки дар кадом вақт ва фасли сол хоҳанд, метавонанд ба қаламрави аморати Бухоро ворид шаванд. Инчунин амир ба киштиҳои тиҷоратии Русия иҷозат медиҳад, ки бе мамоният дар Амударё шино кунанд. Ӯ расман эълон кард, ки дар сурати аз ҷониби хонигарии Хева эҷод шудани мамониат дар ин масъала, омода аст якҷоя бо Русия бар зидди онҳо мубориза барад[3].

Дар бораи натиҷаҳои кори ҳайати дипломатии рус Н. Залесов нигоштааст, ки: "Ҳамаи шартҳои мо аз ҷониби амир ба зудӣ қабул гашт, бо амри ӯ ҳамаи ғуломони рус ва ҳатто онҳое, ки пештар мусулмониро қабул кардаанд бо аҳли оилаашон ба ихтиёри ҳайати сафорат супорида шуданд"[4].

Ҳукумати Русия ваъда дод, ки дар сурати аз ҷониби амири Бухоро иҷро гаштани ҳамаи шартҳо, хоҳишу дархостҳои амир дар мавриди иҷозат додан ба савдои озоди савдогарони бухороӣ дар шаҳрҳо ва ярмаркаҳои тиҷоратии Русия ва ба даст овардани якчанд нуқтаҳои савдо дар ярмаркаи Нижегород қонеъ гардонида мешаванд.

Инчунин бо талабу дархости сарвари ҳайати сафорати Русия Н. Игнатев 11 нафар русҳо аз асорат озод карда шуданд. Амир ваъда дод, ки минбаъд дар асорат нигаҳ доштани русҳоро роҳ намедиҳад, иҷозат медиҳад, ки ба Бухоро намояндаи муваққатии ҳукумати подшоҳӣ таъин карда шавад. Ҳайати сафарати

[1] Игнатьев Н. Миссия в Хиву и Бухару... –С.18, 214.
[2] Ҳамон ҷо. –С.174.
[3] Ҳамон ҷо. –С.227-228.
[4] Залесов Н. Посольство в Хиву и Бухару полковника Иннатьева в 1858 г....-С. 430.

Н. Игнатев ба масъалаи сиёсати Британияи кабир дар Шарқ низ таваҷҷӯҳ намуданд. Сафир дар бораи бозиҳои пасипардагии Англия дар хонигарии Қӯқанд, ҷангҳо дар Эрону Хитой, исёнҳои оммавӣ бар зидди англисҳо дар Ҳиндустон (шуриши сипоҳиён дар солҳои 1857-1858) нақл кард.

Баъди ба анҷом расидани гуфтушунидҳо сафорати Русия бо роҳбарии Н. Игнатев моҳи декабри соли 1858 ба Оренбург баргашт. Бо ҳамроҳии ин ҳайат намояндаи амир Насруллоҳ Наҷмиддин хоҷа Муҳаммадамин ҳоҷӣ тӯқсабо ба Русия омад.

Бомуваффақият анҷом ёфтани кори сафорати Н. Игнатев мавқеи Русияи подшоҳиро дар минтақаи Осиёи Миёна мустаҳкам намуд. Савдогарони рус дар аморати Бухоро ба имтиёзҳо соҳиб шуданд, ғуломону асирони рус ба озодӣ баромаданд, киштиҳои Русия дар Амударё ҳуқуқи озодона шино карданро пайдо карданд, тоҷирони рус дар қаламрави аморати Бухоро ба имтиёзҳо соҳиб гаштанд.

Аммо ин ҳолат танҳо дар давоми 2 сол, то вафоти амир Насруллоҳ (1860) риоя гаштанд. Писари Насруллоҳ амир Музаффархон аз иҷрои уҳдадориҳо даст кашид[1].

Аҳмади Дониш таъкид менамояд, ки амир Насрулло танҳо як писар дошт, ки он Музаффар буд. Амир нисбат ба мардум ва лашкар ғамхорӣ намуда, намехост, ки писараш ворисӣ тахт гардад. Бинобар ҳамин ӯ ба мансабдорони олирутбаи аморат доир ба ворисӣ тахт эълон намудани яке аз набераи худ гуфта, ин дунёи фониро тарк кард[2].

Умуман, таҳлилҳои сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки аз ибтидои асри XVIII то миёнаи асри XIX ба Бухоро тақрибан 10 сафорати Русия ташриф оварданд. Дар бораи сафоратҳое, ки аз Бухоро ба Русия рафтаанд, маълумотҳо пурра нестанд. Русия бо роҳандозии робитаҳои тиҷоративу дипломатӣ бо хонигариҳои Осиёи Миёна кӯшиш мекард, ки ҳаҷми андозу боҷро дар Бухоро кам кунад, дар Бухоро маҳкамаи тиҷоратӣ кушояд. Бухоро талаб мекард,

[1] Юдин М.Л.Положение торговли с средне-азиатскими ханствами до занятия Туркестанского края//Труды Оренбургской ученой архивной комиссии. Вып.IX. –Оренбург, 1902. –С.16-18. С. 1-50.
[2] Ахмад Дониш. Исторический трактат.- Душанбе, 1976.- С. 188.

маҳдудиятҳои тиҷоратӣ, ки ба зиммаи тоҷирони бухорой дар Русия гузошта мешуд, бардошта шаванд. Мутаассифона ин талабҳо дар дурнамо иҷро нагаштанд. Ғайр аз ин, ба сафирони Русия озод кардани асирон –ҳамватанони худро талаб мекарданд. Баҳри муайян кардани конҳои тилло дар қаламрави аморати Бухоро чораҳо меандешиданд. Инчунин барои мубориза бурдан бо рақибону душманони хориҷӣ тадбирҳо меандешиданд[1].

Робитаҳои Бухоро бо Британияи Кабир дар сатҳи паст ба роҳ монда шуда буд, асосан бо роҳандозии тиҷорат маҳдуд гашта буд. Дараҷаи балантарини робита бо Англия ташрифи А. Бернс ба Бухоро солҳои 30-юми асри XIX ба шумор рафта, А. Бернс ба сифати хизматчии ширкати Ҳиндустони шарқӣ саёҳати худро анҷом медиҳад. Вале баъзан сафирони Англия ҳамчун ҷосус дастгир гашта, ба қатл расонида мешуданд.

Солҳои минбаъда вазъият тадриҷан ба эътидол меояд. Чи тавре ки Н. Залесов таъкид мекунад соли 1858 ӯ дар ҳайати сафорати Н. Игнатев ба Хева меояд ва аз рӯйи мушоҳидаҳояш дар бозорҳои Хева асосан молҳои саноатии корхонаҳои Русия ба фурӯш бароварда шудаанд, аз молҳои аврупоӣ бошад танҳо чой ва дока, ки тавассути Эрон ворид карда шудаанд фурӯхта мешуданд[2].

Рушди робитаҳои иқтисодӣ ба муносибатҳои дипломатӣ такон бахшид. Дар нимаи дуюми асри XIX аз Русия ба Хева 3 ҳайати сафорат, аз Хева ба Русия 4 ҳайати сафорат фиристода шуданд. Вазифаҳои асосии ҳайати сафорати Русия: рушд додани робитаҳои тиҷоратӣ, кам кардани боҷи тиҷоратӣ, таъмини бехатарии савдогарон, озод кардани асирони рус, ҷамъоварии маълумотҳои стратегӣ ва ҳарбӣ доир ба хонигарӣ ва ғ. маҳсуб меёфт.

Ҳамин тавр, дар нимаи аввали асри XIX, хусусан солҳои 20-50-ум ба муносибатҳои дипломатии байни давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз қабили Бухоро, Қӯқанд ва Хева омилҳои беруна, тағйироти геополитикӣ ва рақобати империяҳои бузург таъсир расониданд. Ин муносибатҳо аз ҷониби манфиатҳо

[1] Михалева. Торговые и посольские связи... –С.10-33.
[2] Залесов Н. Письмо из Хивы// Военный сборник. -1859. -№1. –С.283.

ва хоҳишҳои рақобат барои соҳибихтиёрии бештар дар манзараи мураккаби геополитикӣ шакл гирифтанд.

## 3.2. Низоъҳои мусаллаҳонаи байни хонигариҳои Осиёи Миёна

Дар нимаи аввали асри XIX амирон ва хонҳои давлатҳои Осиёи Миёна сайъу талош мекарданд, ки ҳудуди давлати худро васеъ намуда, мулкҳои мустақил ва ниммустақилро тобеъ намоянд. Дар баъзе ҳудудҳо байни хонигариҳои Осиёи Миёна низоъҳои мусаллаҳона идома меёфт. Дар аввали асри XIX Ҷиззах аз ҷониби аморати Бухоро ишғол мегардад. Хони Қӯқанд бошад, Хуҷандро ба даст меорад. Ӯротеппаро тасарруфи аморати Бухоро намуд, мавқеи худро дар сарҳади ҷанубии хонигарии Қӯқанд (махсус дар Хуҷанд) мустаҳкам кунад. Хонигарии Қӯқанд ба таври доимӣ ба мулки Ҷиззах таҳдид мекард. Бо ишғоли Ӯротеппа аморати Бухоро тавонист таъсири худро дар болооби Зарафшон зиёд намояд. Дар аввали асри XIX он Масчоҳ ва Фалғарро ба зери таъсири худ мегирад.

Ба назар мерасад, ки барои амир Насрулло саркӯби қабоили заиф ва ё ҳуҷум ба хонони ҳамсоя мисли лашкаркашӣ бар зидди хони Қӯқанд дар соли 1842 ва ҳамчунин фиристодани низоми лашкар ба Ӯротеппа дар соли 1858 осонтар аз таваҷҷуҳи ба хатаре, ки аз шимол буд. Ҳар чанде ки аз ҳангоми ошноӣ аҷдоди ӯ бо созу барги артиши Эрон дар давраи Нодир сад сол гузашта буд ва мебояд таваҷҷуҳ ба бозсозии қавои аскария касб мекард[1].

Дар аҳди амир Насруллоҳ (1827-1860) задухӯрдҳои мусаллаҳона бо давлатҳои ҳамсоя ва вилоятҳои марказгурез авҷ мегиранд. Амир Насруллоҳ беш аз 40 маротиба бо хониграии Қӯқанд, наздик 10 маротиба бо хонигарии Хева, 7 маротиба бо Эрон, 2 маротиба бо Афғонистон ва даҳҳо маротиба бо

[1] Маносиб ва алқоби хукуматӣ дар давраи манғития дар аморати Бухоро (1753-1920). Гирдоваранда Барот Шамсо. Чопи аввал.- Бухоро, 1381..- С. 63.

мухолифини дохилӣ, махсусан бо кенегасҳо, мингҳо, юзҳо, ба муқобили Ҳисору Марв набарди мусаллаҳона анҷом додааст[1].

Низоъи ҳарбии байни Бухоро ва Қӯқанд. То замони ба имзо расидани шартномаи соли 1830 байни Бухоро ва Қӯқанд ҷангҳо байни ин ду хонигарӣ бо шиддат идома ёфтанд. Қӯқанд ба муқобили Бухоро юришҳои ҳарбӣ ташкил мекард. Дар ин давр афзалият дар тарафи Қӯқанд буд[2].

Дар аҳди хони Қӯқанд Муҳаммадалихон (1822-1842) задухӯрдҳои мусаллаҳона байни Қӯқанд ва Бухоро идома ёфтанд. Муҳаммадалихон 22 декабри соли 1822 бо дастгирии Маъсумхон Тӯра, шайх ул-ислом Домулло Зокирхоҷа эшон ва тағояш Қосим бекларбегӣ тахти хонигарии Қӯқандро соҳиб шуд[3]. Мирзо Олим Мушриф менигорад, ки "Уламо дар иттифоқ бо амирон Муҳаммадалихонро чун Дорои Ҳахоманишинӣ дар синни ҳабдаҳсолагиаш ба тахти хонигарӣ бардоштанд"[4].

Муҳаммадалихон аз ибтидои ба сари қудрат омадан қарор кард, ки Ӯротеппаро ба даст оварад. Амир Ҳайдар бо мақсади зери назорат гирифтани Ӯротеппа ба минтақаҳои сарҳадӣ Муҳаммад Раҳим атоликро масъул таъин карда буд. Чи тавре ки дар боло зикр гашт, амир Насруллоҳ (1827-1860), ки дар байни бухороиён бо номи "амири қассоб"[5] ё "Ботурқассоб" ном баровarда буд, низ сиёсати падарашро идома дода, барои мустаҳкам намудани мавқеи аморат дар ин минтақа, пеш аз ҳама, дар Ҷиззах тадбирҳо андешид. Соли 1828/29 аҳолии мулки Ҷиззах зидди амир исён бардоштанд. Аз ин вазъият истифода бурда, Муҳаммадалихон ба Ӯротеппа лашкар кашид. Муҳосираи шаҳр муддати 20 рӯз давом кард, аммо ба лашкари Қӯқанд муяссар нагашт, ки қалъаи Ӯротеппаро тасарруф намояд. Муҳаммадалихон ночор шаҳрро хароб намуда,

---

[1]Бониёзов И.Х. Состояние армий и вооружений стран Центральной Азии в конце XVII –второй половины XIX вв./ Диссертация… канд. ист. наук:5.6.2. Душанбе, 2024. -С.63

[2] Мухторов А. Очерк истории Ура-тюбинского владения в XIX в.-Душанбе: АН Тадж.ССР, 1964. С.21-23.

[3] Тоҷири Хуҷандӣ. Ғаройиби сипоҳ... С. 3б

[4] Мирзоолим Мушриф. Ансаб ус-салотин ва таворих ул-хавокин (Қўқон хонлиги тарихи). –Тошкент: Ғафур Ғулом, 1997. –С.19.

[5] Семѐнов А.А. Первые шейбаниды, и борьба за Мавераннахр. Материалы по истории таджиков и узбеков Средней Азии // Тр. АН Тадж. ССР, т. XII, вып. I. - Сталинабад, 1954. - С.3-4.

фуқарои бисёрро бо худ ба Қӯқанд гирифта бурд[1]. Ишғоли Ӯротеппа аз ҷониби Қӯқанд ва исёни аҳолии Ҷиззах ба муқобили аморати Бухоро барои амир Насруллоҳ баҳри ташкили юриши ҳарбӣ ба Ҷиззах баҳона гаштанд. Дар натиҷаи муҳосираи тулонӣ амир Насруллоҳ Ҷиззахро соли 1829 ишғол намуд[2]. Юриши ҳарбии амир Насруллоҳ дар "Зафар - нома - йи Хусравӣ" муфасал баён гаштааст. Насруллоҳ вақти юриш мазорҳои Ҳазрати Баҳоваддин Нақшбанд, Ҳазрати Қосимшайх ва Шоҳизиндаро зиёрат намуда, ба самти Ҷиззах раҳсипор гардид[3]. Лашкари амир Насруллоҳ аз ҳисоби дастаҳои аскарони Самарқанд, Миёнколот, Қаршӣ, Чироқчӣ, Ҳузор, Бойсун ва Шеробод пурра гардид. Баъди убури дарёи Кӯҳак (Зарафшон) лашкари Бухоро ба қалъаҳои Янгиқӯрғон ва Сойбуйи расиданд. Ҳокими Ҷиззах Муҳаммадсодиқбек юз аз омадани лашкари Бухоро хабар ёфта, бо ёрии қувваҳои Қӯқанд ва Ӯротеппа "як ҳафта пештар мардуми элотияро аз кӯҳу дашт ҷамъ намуда, ба даҳанаи дараи Илонӯтӣ лашкаргоҳ карда, фуруд омада, дар роҳҳо қаровул гузошта буд"[4]. Дар муҳорибаи назди дараи Илонӯтӣ амир Насруллоҳ зафар меёбад. Мудофиачиёни Ҷиззах фирор намуда, худро ба даруни қалъаи шаҳр заданд. Амир Насруллоҳ бо лашкараш қариб як ҳафта Ҷиззахро муҳосира намуда, онро фатҳ мекунад. Дар он вақт дар дохили шаҳр лашкари дуҳазорнафараи илғори Муҳаммадалихони Қӯқандӣ бо роҳбарии Шоҳии парвоначӣ ва Азимбой додхоҳ қарор доштанд. Онҳо баъди як ҳафтаи муҳосираи шаҳр "нисфи шаб дарвозаи Тошкандро кушода, аз ҳаросе, ки ба дили онҳо муставлӣ гардида буд, аз даруни вилояти Ҷиззах саросемавор баромада, рӯйи хизмат ба ҷониби биёбон ниҳода, роҳи фирор ба манзили адбор паймуданд"[5]. Аҳолии шаҳри Ҷиззах, ки аз сиёсати ҳокими вилоят ба дод омада буданд, дарвозаҳоро ба лашкари Бухоро боз намуданд. Ҳокими Ҷиззах Муҳаммадсодиқбеки юз бо ҷамоати сардорони қирқюз саросемавор шаҳрро тарк намуда, ба самти Ӯротеппа фирор намуданд.

---

[1] Туҳфаи шоҳӣ. Таълифи Мирзо Абдулазими Бустони Бухороӣ.Тасҳеҳ,таҳшия ва таълиқи Нодира Ҷалолӣ. - Теҳрон,1377. -В.148б.
[2] Ҳамон ҷо. –С.31.
[3] Зафарномайи хусравӣ...-С.35-36.
[4] Зафарномайи хусравӣ. –С.37.
[5] Зафарномайи хусравӣ. –С.39-40

Баъди фатҳи Ҷиззах ба ин вилоят аз ҷониби Насруллоҳ Муҳаммад Ҳаким додхоҳ ҳоким таъин мегардад. Ҳамин тариқ, Ҷиззах ба Бухоро тобеъ гардид.

Дар ҷараёни муборизаҳо хонҳои Қўқанд ва амирони Бухоро бештар барои забти мулкҳои марказӣ, яъне бештар маҳалҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна, алалхусус Ўротеппа аҳаммияти махсус медоданд. Сабабҳои асосии ҷангҳои байниҳамдигарии хонигариҳо ва таваҷҷуҳи онҳоро ба худ кашидани мулки мазкур, пеш аз ҳама кўшишу талошҳои намояндагони давлатҳои навтаъсис баҳри баҳри мустаҳкам намудани ҳокимияти марказӣ ва васеъ намудани ҳудуди давлат ба ҳисоб мерафт. Инчунин мавқеи ҷуғрофии Ўротеппа ва мавҷудияти қалъаҳои мустаҳкаму аз ҷиҳати стратегияи ҳарбӣ муҳим буда, пас аз забти ин мулкҳо аморати Бухоро метавонист мавқеи ҳарбии худро мустаҳкам намуда, ба мулкҳои қисмати шарқӣ соҳиб гардад. Хонҳои Қўқанд нақша доштанд, ки мулкҳои ҷанубу Ғарбии Осиёи Миёнаро тасарруф намоянд. Ӯротеппа калиди асосӣ барои ворид ва тасарруфи водии Зарафшон буд, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ ба Ӯротеппа вобаста буд. Мавҷудияти заминҳои зиёди корам ва сернуфуз будани аҳолии ин мулкҳо ҳамасола ба хазинаи хонҳову амирон даромади зиёдро ворид менамуд[1].

Баъди ин воқеаҳо Муҳаммадалихон, ки Ӯротеппаро ишғол карда буд, намояндаи худро ба назди амир Насруллоҳ мефиристад ва таклиф мекунад, ки байни ду хонигари шартномаи сулҳ баста шавад. Амир Насруллоҳ ба таклифи Муҳаммадалихон розӣ мешавад. Зеро ба ӯ зарур буд, ки баъзе низоъҳои дохилиро бартараф кунад, ба муқобили марказгурезони Шаҳрисабз мубориза барад, ҷангро бо Хева баҳри ишғоли Марв ва Чорҷӯй идома диҳад. Дар натиҷа шартномаи сулҳ соли 1830 ба имзо расида, то соли 1840 амал мекунад[2]. Дар ин давра Хуҷанд ва Ӯротеппа дар тобеъияти хонигарии Қўқанд қарор доштанд.

Дар ин миён Муҳаммадалихон соли 1834 ба мулкҳои Дарвоз ва Қаротегин ҳуҷум карда, ба тасарруфи худ даровард. Чанд муддат мулки Кӯлобро низ зери итоати худ нигоҳ медорад. Яке аз сабабҳои ба ин музофотҳо лашкар кашидани

[1] Абдукаримов Дж.А. Отражение истории Ура-тюбе и Худжанда в “Мунтахаб ат-таварих” Мухаммада Хаикмхана.- Худжанд, 2020.- С. 131-132.
[2] Ҳамон ҷо. –С.32.

Муҳаммадалихон аз он иборат буд, ки бо амри амири Бухоро Насруллохон писари Олимхон Оталиқхон ба воситаи Ҳисор ба самти Қаротегин лашкар кашида буд[1]. Муҳаммадалихон аз ин воқеа хабардор гашта, лашкари худро таҳти сарварии Муҳаммадшариф оталиқ ба самти Қаротегин мефиристад. Баъди муддате ба ҷойи Муҳаммадшариф атолиқ Ғуломшоҳ қўшунбегӣ Бадахшӣ, ки бо номи Лашкар бекларбегӣ маъруф буд, сарлашкари қўшуни хонигарии Қўқанд таъин мегардад. Ҷанг байни лашкари бухороиҳову Қўқандиҳо сурат мегирад. Ҳукумати Қўқандро ҳокимони мулкҳои Кўлоб, Ҳисор, Бадахшон эътироф мекунанд[2].

Солҳои 40-50-уми асри XIX низоъҳои ҳарбӣ байни Бухоро ва Қўқанд аз нав шиддат мегиранд. Сабаби сар задани низоъ зери васояти амир қарор гирифта шудани бародари Муҳаммадалихон – султон Маҳмуд буд. Амир Насруллохон султон Маҳмудро ҳокими Урметан (мулк дар қисмати ҷанубу ғарби Ўротеппа) таъин мекунад[3]. Бо ин амал амир мехост ба воситаи султон Маҳмуд Қўқандро ба вассали худ табдил диҳад. Ин воқеа боиси афзудани тирагии муносибати ду давлат мегардад.

Соли 1841 Муҳаммадалихон ба самти Ҷиззах лашкар мекашад, дар мавзеи Пешоғар, ки дар қаламрави аморати Бухоро қарор дошт, амр мекунад, ки истеҳком (қалъа)-и нав бунёд кунанд ва ба он ҷо гарнизони сарбозонро бо теъдоди 1000 нафар бо сарварии Гадойбой парвоначӣ ҷойгир мекунад. Вале баъди як моҳ амир Насруллоҳ Ҷиззахро ишғол намуда, қалъаи Пешоғарро бо лашкари 18 ҳазорнафара ҳашт рўз муҳосира намуда, онро ба хок яксон мекунад[4]. Баъди як сол (1842) амир Насруллоҳ лашкар ҷамъ намуда, ба ҳудуди хонигарии Қўқанд ворид мешавад. Вақте ки лашкари Бухоро ба Ҷиззах ворид мешаванд, Муҳаммадалихон амир Насруллоҳро барои гуфтушунид ба Қўқанд таклиф мекунад. Ин таклиф аз ҷониби Насруллоҳ рад карда мешавад. Лашкари амир ба қалъаи Зомин раҳсипор гашта, онро се рўз муҳосира менамояд. Сипас,

[1] Анҷуман ут –таворих. – В. 138б
[2] Тўҳфат ат-таворихи хонӣ. –В.149б-151 б.
[3] Зафарномаи хусравӣ. –В. 59а.
[4] Мунтахаб ут-таворих. –В.292б.

амир Насруллоҳ барои ишғоли Хуҷанд омодагӣ мегирад, ба муҳорибаи асосӣ тайёрӣ мебинад. Чи тавре ки Тоҷири Хуҷандӣ менигорад: дар наздикии Хуҷанд ба дастаҳои лашкари Муҳаммадалихон бо сарварии сарлашкарон Муҳаммад Шариф атолиқ (бо туғи ранги сабз), Сайид қушбегӣ (бо туғи сурх), Холибек қушбегӣ (бо туғи сияҳ), Норқӯзи парвоначӣ бо қӯшуни 5 ҳазорнафараи қирғизҳо (бо туғи сафед) ва Хоҷамурод додхоҳ (бо туғи зард) ҷамъ омаданд[1]. Аммо Муҳаммадалихон ба Қӯқанд мегурезад, дар натиҷа Насруллоҳ Хуҷандро бидуни муҳориба ишғол мекунад[2].

Амир Насруллоҳ сарлашкари моҳир буд, таҷрибаи хуби ҷангиро касб карда буд. Масалан, ҳангоми ҳуҷум ба Ӯротеппаву Хуҷанд ба хатти пеши лашкар амир Бердиёри юз ва султон Маҳмудро таъмин кард. Аз қафо лашкари (дастаи) Иброҳим додхоҳ –ҳокими Самарқанд ва Одил додхоҳ –ҳокими Ургут ҳаракат мекарданд. Аз паси онҳо сарбозони Бухоро, Қаршӣ, Миёнкол ҳаракат мекарданд. Ҳадафи ба сафи пеш гузоштани дастаи Бердиёри юз (ҳокими Уротеппа) ва султон Маҳмуд (бародари Муҳаммадалихон) аз он иборат буд, ки онҳо метавонистанд норозиёнро аз сафи лашкари Муҳаммадалихон ба тарафи худ ҷалб кунанд. Дар ҳақиқат дар таркиби лашкари Қӯқанд тарафдорони султон Маҳмуд зиёд буданд.

Сабаби асосии дар муҳорибаҳои Ҷиззах, Ӯротеппа ва Хуҷанд ғалаба ба даст овардани амир Насруллоҳ, тарсу ҳароси Муҳаммадалихон, аз маҳалли ҷанг ба Қӯқанд фирор кардани ӯ ба шумор мерафт. Муҳамадалихон баъди бозгашт ба Қӯқанд барои муқовимат нишон додан ба амир Насруллоҳ ягон тадбире наандешид, ин воқеаҳо соли 1840 рух дода буданд.

Баъди ба Қӯқанд баргаштан, Муҳаммадалихон ба назди Насруллоҳ тағояш Холибек қушбегиро фиристода изҳор мекунад, ки омодааст Хуҷанд, Тошкент ва Туркистонро ба аморати Бухоро диҳад ва даромади солонаи вилояти Фарғонаро пардохт намояд. Ӯ инчунин ваъда дод, ки дар хутбаи намози ҷумъа

[1] Тоҷири Хуҷандӣ. Ғароиби сипоҳ... В. 12 б.
[2] Туҳфаи шоҳӣ. -В.140б.; Мирзо Олим Маҳмуди Ҳоҷӣ. Таърихи Туркистон -С. 104.

номи амир Насруллоҳ зикр мегардад. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медод, ки хони Қӯқанд ҳокимияти Бухороро эътироф мекунад[1].

Баъди ин амир соли 1841 Хуҷандро ба ихтиёри султон Маҳмудхон гузошта ба Ӯротеппа баргашт[2]. Ӯротеппа, Ём (истеҳком дар Ӯротеппа) ва Зоминро ба Бердиёр тӯқсабо юз супорида, ба ӯ унвони эшикоғабоширо дод[3]. Сипас амир Насруллоҳ ба Бухоро баргашт.

Вале, дере нагузашта Муҳаммадалихон шартҳои сулҳро риоя накард. Вай бо бародараш султон Маҳмуд ба воситаи модараш Нодирабегим робита намуда, ваъда дод, ки ӯро ҳокими Тошканд таъин мекунад, худаш бошад ба Хуҷанд ворид шуд[4]. Ишғоли Хуҷанд охирин муваффақияти Муҳаммадалихон буд. Ин амали Муҳаммадалихон хилофи шартнома буд, зеро тибқи шартнома Тошканд ва Хуҷанд мебоист ба ихтиёри аморати Бухоро супорида мешуданд.

Дар ин давр вазъияти дохилии хонигарии Қӯқанд хеле вазнин мегардад. Зеро Муҳаммадалихон аз анъанаҳо давлатдории хонигарии Қӯқанд дур шуда буд. Дар сарчашмаҳо доир ба кӯшишҳои Муҳаммадалихон барои ташкили ҳокимияти мутлақ, ба инобат нагирифтани фикру андешаҳои амалдорони дунявиву динӣ маълумот дода мешавад. Ба замми ин, зиддияти шадид, амалҳои душманона байни қирғизу қипчоқҳо аз як тараф ва аъёну ашрофи маҳаллӣ аз тарафи дигар боиси ноустувории мамлакат гаштанд.

Ашрофзодагон ва руҳониёни Тошканд, вакилони дар муҳоҷират будаи баъзе гурӯҳҳо барои ба даст даровардани ҳокимияти марказӣ талош меварзиданд. Мансабдорони воломақом ва баъзе наздикони худи хон низ ба иғво даст заданд. Аз ҷумла, бо дасисаву иғво яке аз сиёсатмадорони номӣ, маслиҳатчии хон, вазири аъзам Ҳаққули мингбоширо аз мансаб дур карданд. Аз ин вазъияти ба амал омада истифода бурда, амири Бухоро Насруллоҳхон бо

---

[1] Зафарномаи хусравӣ. –С.34-35.
[2] Ҳамон ҷо...-С.89.
[3] Зафарномаи хусравӣ. –. –С.89-90.
[4] Ҳамон ҷо. –С.91.

дархости мухолифони Муҳаммадалихон қасди забти хонигарии Қӯқандро мекунад[1].

Амир Насруллоҳ лашкари Бухороро сарварӣ намуда, ба самти Қӯқанд ду юриши ҳарбӣ ташкил мекунад. Дар юриши аввал байни Қӯқанд ва Бухоро шартнома баста мешавад, ки тибқи он Ӯротеппа бо музофоташ, Тошкент ва Туркистон то Авлиё ота ба итоати амир мегузаранд. Хуҷанд, қалъаи Нов ба ихтиёри Султон Маҳмудхон мегузаранд. Дар сарчашмаҳо ҳатто маълумоте вуҷуд дорад, ки гӯё Муҳаммадалихон ба фоидаи султон Маҳмудхон аз тахт даст кашида бошад.

Сабаби қатъ гаштани юриши аввали амир Насруллоҳ ба самти Қӯқанд аз он иборат буд, ки дар бораи ба қаламрави Бухоро лашкар кашидани хони Хева овозаҳо паҳн мегардад. Дар натиҷа, амир Насруллоҳ иҷборан ба Бухоро бармегардад.

Баъди бозгашти амир Насруллоҳ ба Бухоро аъёну ашрофи хонигарии Қӯқанд гуфтушунидро байни Муҳаммадалихон ва бародараш султон Маҳмудхон ташкил карданд. Ба раванди гуфтушунид модари султон Маҳмудхон Моҳларойим (шоира Нодирабегим) низ шомил гашт. Дар натиҷа бародарон қарор карданд, ки дар мувофиқа бо якдигар мамлакатро идора мекунанд. Султон Маҳмудхон бо амри Муҳаммадалихон ҳокими Хуҷанд, Қурама, Тошкент, Туркистон то Авлиёота гардид. Урдугоҳи асосии султон Маҳмудхон шаҳри Тошкент муқаррар гашт[2].

Созиш байни бародарон ба шартномаи Насруллоҳ ва Муҳаммадалихон мухолифат мекард. Барои ҳамин ҳам амир Насруллоҳ ба самти Қӯқанд юриши дуюми ҳарбиро ташкил кард. Сарбозонро аз Балх, Чорҷӯй ва ҳамаи вилоятҳои Мовароуннаҳр ҷамъ намуд. Ин дафъа сафарбарии ҳарбии умумӣ эълон карда шуд. Амир Насруллоҳ Хуҷандро ишғол намуда, ба қалъаи Маҳрам тасарруф гашта, лашкари бухороиҳо дар деҳаи Бешариқ мустақар гашт. Дар ин вазъият

[1] Воҳидов Ш. Қўқон хонлигида тарихнавислик (генезиси, функцияси, вакиллари, асарлари). – Тошкент: Янги аср авлоди, 2010.-С. 11.
[2] Турсунов Б.Р. Кокандское ханство в годы правления Мухаммада Али-хана (1822-1842 гг.)// Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. 2018. №4. С.27.

Муҳаммадалихон зимоми давлатдориро пурра аз даст дода, аз Тошканд бародараш Султон Маҳмудхонро ба тахт даъват намуд. Султон Маҳмудхон то воридшавии лашкари Бухоро ба Қӯқанд расида омад ва тахтро соҳиб шуд.

Дар сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ таъкид мешавад, ки баҳонаи ба Қӯқанд маротибаи дуюм лашкар кашидани амир Насруллоҳ ба модарандараш хонадор шудани Муҳаммадалихон будааст. Тоҷири Хуҷандӣ дар бораи сабаби ба Қӯқанд лашкар кашидани амир Насруллоҳро чунин қайд кардааст: "Муҳаммад Алихон ба Хонпошшо, ки ҳамсари падараш Умархон буд, майли тамом дошта, аз уламои замон илтимоси ривоят намуд. Саромади уламо Мирзо Қаландар ва Қозӣ Аскар бино бар таваҷҷуҳи хони замон аз ақд дар ақд дароварда, аз уламои Бухоро низ як ривояти барҷаста карда фатво доданд"[1]. Дар сарчашмаҳои хаттӣ таъкид мешавад, ки Муҳамадалихон духтарони сарҳангон, сайидону тоҷиронро низ ба ҳарами худ ворид мекард. Ин амали ӯ хашму ғазаби умарову фуқароро ба миён овард.

Аслан рафтори гӯё бадахлоқонаи Муҳаммадалихон як баҳонае буд барои лашкаркашии амир Насруллоҳ ба Қӯқанд. Сабаби аслии Насруллоҳ ба даст овардани мулкҳо ва ғанимати зиёд буд. Насруллоҳ мехост, ки ҳудудҳои Қӯқанд ва Хеваро ба пуррагӣ тасарруф намояд. Низои дохилидарборӣ дар хонигарии Қӯқанд низ лашкаркашии амир Насруллоро ба хонигарии Қӯқанд тезонид[2]. Яъне дар қаламрави хонигарии Қӯқанд аъёну ашроф аз сиёсати Муҳаммадалихон норозӣ буданд, ба ҷонибдории амир Насруллоҳ фаъолият бурданд.

Ин буд, ки амир Насруллоҳ ба Қӯқанд лашкар кашида, онро ишғол намуд. Ҳангоми ҳамла ба Қӯқанд Хуҷанд ва Конибодомро низ тасарруф ва талаву тороҷ кард. Дар бораи ишғоли Хуҷанд дар "Зафар - нома - йи Хусравӣ" чунин омадааст: "лашкари мансур фавҷ-фавҷ дар шаҳри Хуҷанд даромада, тамоми шаҳрро аз сарою мадраса то маҳаллоте, ки буд ҳамаро ба боди тороҷ барбод

[1] Тоҷири Хуҷандӣ. Ғароиби сипоҳ. Мураттиб Саъдуллоҳи Асадуллоҳ. - Хуҷанд, 1993. - С.20.
[2] Абдукаримов Дж. А. Политическое положение Уратюбинского владения и Худжанда в начале XVIII – до 40-х г. XIX вв. (по материалам «Мунтахаб ат-таварих» Мухаммада Хакимхана). Дисс. канд. Ист. наук: 07.00.02, 07.00.09. –Худжанд, 2020. –С. 87,191 с.

доданд”[1]. Яке аз сабабҳои асосии ба Қӯқанд лашкар кашидан амир Насруллоҳ ин ба тарафи Муҳаммадалихон гузаштани Султон Маҳмудхон буд. Яъне Муҳаммадалихон ба назди Султон Маҳмудхон кас фиристода, ӯро ба худ муттафиқ гардонд ва тамоми мулкҳои забткардаи бухороиҳоро то Ӯротеппа аз худ карданд. Ин буд ки, амир Насруллоҳ санаи 2 апрели соли 1842 ба самти Қӯқанд бо лашкари 18 - ҳазорнафара ҳаракат кард. Мақсади аслии Насруллоҳ ишғоли Қӯқанд ба шумор мерафт. Аммо дар “Зафар - нома -йи Хусравӣ”, асарҳои Муҳаммад Ҳакимхон ва Мирзо Абдулазими Сомӣ ишора мешавад, ки Насруллоҳ бо мақсади “ҷорӣ кардани адлу инсофу дин” ба Қӯқанд лашкар кашидааст. Санаи забти Қӯқанд дар китоби “Тоҷ ат-таворих”-и Муҳаммад Шариф 12 майи соли 1842 нишон дода шудааст[2].

Ба Қӯқанд наздик шудани амир Насруллоҳ Муҳаммадалихонро ба тарсу ҳарос овард. Бастани сулҳро ӯ ягона роҳи халосӣ ҳисобид. Аз ин лиҳоз, ба назди Насруллоҳ бо амри махсуси писари калонии Муҳаммадалихон Муҳаммадамин, қушбегӣ лашкар ва қозӣ калон барои гуфтушунид фиристода мешаванд. Ба онҳо супориш дода мешавад, ки дар ҷараёни гуфтушунид ба гузаштҳои зайл розигӣ диҳанд: якум, хонигарии Қӯқанд розӣ мешавад, ки тобеи (вассали) аморати Бухоро гардад; дуюм, ҳангоми хондани хутба дар намози ҷумъа розигӣ дода шавад, ки номи амир Насруллоҳ зикр гардад; сеюм, ваъда дода шавад, ки минбаъд бо номи амир Насруллоҳ танга сикка зада мешавад[3].

Амир Насруллоҳ сафиронро хуш қабул мекунад, барои онҳо зиёфат мерояд. Муҳаммадамин ва қозикалонро иҷозат медиҳад, ки бозгарданд. Вале қушбегӣ лашкарро ба хаймаи худ даъват намуда, бо ӯ дар муддати як соати дигар суҳбат мекунад. Қушбегӣ рӯйирост арз мекунад, ки мардум ва аъёну ашрофи Қӯқанд нияти ҳифз кардани Муҳаммадалихонро надоранд ва омодаанд худи ҳозир лашкари бухороиёнро барои ворид шудан ба шаҳр иҷозат диҳанд. Амир инро шунида, ба қушбегӣ амр намуд, ки ба Муҳаммадалӣ расонад, ки

[1] Зафарномаҷи хусравӣ...-С. 96.
[2] Муҳаммад Шариф.Тоҷу-т-таворих. Дастхати ИШ АИ Ҷ Ӯзб. -№2092. В.19.
[3] Вельяминов –Зернов В.В. Исторические известия о Коканском ханстве, от Мухаммеда-Али до Худоярхана // Труды восточного отделения Императорского археологического общества. Часть вторая. –СПБ., 1856. –С.332.

фавран ба назди амир ба урдугоҳи бухороиён ҳозир шавад. Хон ба аъёну ашроф оид ба ин масъала муроҷиат мекунад, аммо дастгирӣ намеёбад. Муҳаммадалихон бо аҳли оилааш ва наздик як ҳазор сарбозон пойтахтро тарк намуда, роҳи гурезро пеш мегирад ва бо роҳи Намангон ба самти Марғелон раҳсипор гардад.

Ҳангоми забти Қӯқанд сарбозони Бухоро якумин шуда ба арки Муҳаммадалихон ворид шуда, ба ғоратгарӣ мушғул гаштанд, баъди онҳо ба қаср писари Насруллоҳ Музаффархон бо дастаи ҳарбӣ ворид мешавад, сарбозон ғанимати худро нахостанд, ки бо Музаффархон бо ҳам бинанд. Дар натиҷа байни онҳо низоъ сар зад. Музаффархон бо шамшер ба сарбозон ҳамла кард. Ҷавобан ба ин Абдусамадхон (сарвари тӯпчиёну сарбозон) ба дастаи Музаффархон ҳамла карда, онҳоро аз қаср берун мекунад.

Мушриф Исфарагӣ менигорад: "Рӯзи аввали рабби ул-сонӣ, чоршанбеи 1258 ҳ.қ. (майи соли 1842) Ботурхон (Насруллоҳхон – З.Ғ.) ба Қӯқанд ворид шуд ва дар Арки Муҳаммадалихон ҷойгир шуд. Сарбозони ӯ ҳамаи деҳотро ва мавзеъҳоро то деҳаи Рашидон ғорат намуданд"[1]. Дар бораи бераҳмии аз ҳад зиёд зоҳир намудани сипоҳи Бухоро дар "Зафар-нома-йи Хусравӣ" маълумот дода шудааст. Таъкид гаштааст, ки дар ҷараёни ин ҳуҷум 5 хазор хуҷандиён кушта шудаанд. Сокинони шаҳру деҳот иҷборан маҳалли зисти худро тарк кардаанд. Чунончи, дар Конибодом фарде ёфт нашудааст, ки аз вазъи ҳариф хабар диҳад[2].

Тафсилоти муфассали ин воқеа дар "Туҳфаи шоҳӣ" - и Мирзо Абдулазими Сомӣ оварда шудааст. Чи тавре ки дар сарчашма оварда мешавад, пас аз шикаст дар набард Муҳаммадалихон бо дастаи якҳазорнафара ба Марғилон ақибнишинӣ кардааст. Сипоҳи Бухоро вориди Қӯқанд мешавад. Барои ғорати пойтахти хонигарии Қӯқанд иҷозат дода мешавад. В.В. Веляминов-Зернов таъкид мекунад, талаву тороҷ кардани аҳолии шаҳри Қӯқанд чор соат идома

---

[1] Мирзоолим Мушриф. Ансаб ус-салотин ва таворих ул- хавокин (Қӯқон хонлиги тарихи). –Тошкент: Ғафур Ғулом, 1997. -С.20.
[2] Зафарноми хусравӣ. –В.95-99б.

меёбад, молу мулки мардум мусодира карда мешавад, ҳатто китобҳову амволи руҳониён ба яғмо бурда мешаванд[1].

Амир Насруллоҳ барои таъқиби Муҳаммадалихон дастаи сарбозони панҷҳазорнафараро бо роҳбарии Исҳоқбек мефиристад. Муҳаммадалихонро сокинони маҳал дар Марғилон дастгир намуда, ба Исҳоқбек месупоранд[2]. Дар ҷойи дигар гуфта мешавад, ки Насруллоҳ барои дастгир кардани Муҳаммадалихон дастаи Ӯротеппаро бо роҳбарии Бердиёр ва бо ҳамроҳии мансабдори қӯқандӣ Маҳмудхоҷа фиристода буд. Муҳаммадалихон бо кумаки Маҳмудхоҷа дастгир мешавад[3].

Яке аз сабабҳои ба зудӣ аз ҷониби амир Насруллоҳ фатҳ гаштани Қӯқанд дар атрофи ин шаҳр набудани иншоотҳои мудофиавӣ мебошад. П. П. Иванов нақли казаки рус Иван Марченковро меорад, ки гуфта мешавад: “Шаҳри Қӯқанд дар мавзеи ҳамвор ҷойгир аст ва ҳангоми ишғоли он аз ҷониби амир дар атрофи шаҳр девор вуҷуд надошт. Баъди забти шаҳр амир ба Қӯқанд ҳунармандони қалъасозро мефиристад, баъдан шуришгарони қӯқандӣ низ баъди рондани бухороиҳо бунёди девори шаҳрро идома доданд”[4].

Натиҷаи ин юриши ҳарбӣ аз он иборат буд, ки амир Насруллоҳ Муҳаммадалихонро бо ҳамаи аҳли оилааш ба қатл расонид. Яъне бо амри амир Насруллоҳ Муҳаммадалихон, бародараш Султон Маҳмудхон ва писараш (Муҳаммадаминхони 12 - сола), модараш Моҳларойим (шоира Нодира) ва чанд нафари дигар аз пайвандони Муҳаммадалихон дар Заррин ном иморати хосса ба қатл расонида мешаванд[5]. Сабаби иҷро кардани ин амал дар он буд, ки амир Насруллоҳ дар симои Муҳаммадалихон рақибро медид. Аз байн бурдани ин рақиб ба вай имконият медод, ки дар Мовароуннаҳр ҳокими мутлақ гардад.

Баъди забти Қӯқанд соли 1842 амир Насруллоҳ дар давоми 17 рӯз дар Қӯқанд қарор дошт, сипас, дар он ҷо Иброҳим манғит парвоначиро, ки бо

---

[1] Вельяминов –Зернов В.В. Исторические известия о Коканском ханстве...-С.334.
[2] Зафарномайи хусравӣ...-С.100.
[3] Туҳфаи шоҳӣ. –В.142 а.
[4] Иванов П.П. Очерки по истории Средней Азии...-С.209.
[5] Мирзоолим Мушриф. Қӯқон хонлиги тарихи. Ансоб ус-салотин ва таворих ул-хавоқин. –Тошкент: Ғафур Ғулом нашриёти, 1995. –С.20-21; Қаюмов А.П. Қӯқон адабий муҳити. XVIII-XIX асрлар. – Тошкент, 1961 – Б. 314-321,361 б.

лақаби “Иброҳим Хаёл” ба сифати волӣ таъин мекунад, дар ихтиёри ӯ лашкари 5 - ҳазорнафара ва 250 нафар ҳунармандони қалъасоз гузошта шуда буд. Амир Насруллоҳ бо ғанимати зиёд ба Бухоро бармегардад[1].

Бухороиён дар Қӯқанд ба бунёди қалъа шуруъ мекунанд. Иброҳим Хаёл дар давоми ду моҳ миқдори андозҳоро зиёд намуд, талаб намуд, ки мардуми хонигарӣ ҳамаи намудҳои андози аморати Бухороро бечунучаро пардохт намоянд, ғайр аз ин, ба хазина ҳатман аз чор як ҳиссаи ҳосилро ворид намоянд. Ҳатто барои ҳар як дарахт ва зироати дар ҳавлӣ киштшуда низ андоз муқаррар карда шуд. Иброҳим парвоначӣ нисбати мардум зулму ситами зиёд кард[2]. Вале ӯ ба муқовимати шадиди қӯқаниҳо дучор гашт. Ба муқобили ӯ на фақат аҳолӣ балки амалдорон-феодалони маҳаллӣ низ сар бардоштанд.

Баъди ишғоли Қӯқанд амир Насруллоҳ ҳокими Ӯротеппа Бердиёрро ба мансаби нав-эшикоғоси таъин кард. Яке аз сарлашкарони соҳибтаҷриба Исҳоқбек ҳокими Самарқанд таъин гашт. Ба мулки Тошканд Муҳаммад Шарифро ҳоким таъин намуд. Амир Насруллоҳ дар мулкҳои ишғолгардида низ гумоштаҳои худро волӣ таъин мекунад. Дар “Зафар - нома -йи Хусравӣ” гуфта мешавад, ки: “Тиёлқобул додхоҳи хитойиро ба ярлиғи вилояти Хуҷанд мубтаҳиҷ гардонид. Инчунин Абдулқодир тӯқсаборо ба ҳукумати Марғинон, Муҳаммадкарим тӯқсаборо ба ҳукумати Андиҷон, Шодмонбой тӯқсаборо ба ҳукумати Намангон, Амонуллохоҷа судурро ба вилояти Чуст, Нурмуҳаммад тӯқсабо қатағанро ба вилояти Қурама сарфарозӣ бахшид”[3]. Амир Насруллоҳ якчанд нафар аъёну ашроф ва саркардаҳои ҳарбии Қӯқандро, аз қабили Саид қушбегӣ, Лашкар бекларбегӣ, Мулло додхоҳ, Эшонқулӣ додхоҳ, Гадой парвоначиро ба ҳайси “оқ уйлук” (гаравгонони ифтихорӣ) ба Бухоро интиқол дод[4].

---

[1] Мирзоолим Мушриф. Ансаб ус-салотин...-С.21.
[2] Зафарномайи хусравӣ. –В 112а -114 а; Вельяминов –Зернов В.В. Исторические известия о Коканском ханстве, от Мухаммеда-Али до Худоярхана // Труды восточного отделения Императорского археологического общества. Часть вторая. –СПБ., 1856. –С.339,С.329-370.
[3] Зафарномайи хусравӣ.-С.101.
[4] Султон Нуркен. Очерк истории Коканда. С.1841 по 1864г.// Туркестанские ведомости. -№35. 1872.

Аммо дере нагузашта, баъди 70 рӯзи ҳокимияти бухороиҳо дар Қӯқанд шуриши зидди аморат оғоз мешавад ва бухороиён аз Қӯқанд ронда мешаванд ва Шералихон (1842-1845) бо ёрии қабилаҳои қирғизу қипчоқ ба тахти хонӣ менишинад. Шуришгарон Шералихонро ба Тӯрақӯрғон даъват намуда, маросими тоҷгузорӣ (ба болои намади сафед шинондани хон) барпо намуда, бо тантана ӯро хони Қӯқанд эълон карданд. Шуришгарон Қул Юсуфи қирғизро – мингбошӣ, Муҳаммад Назарбекро - амирлашкар, Кӯчибойро – ботирбошӣ таъин карданд. Инчунин ба мансабҳои худайчӣ, дастархончӣ, понсадбошӣ, юзбошӣ, ясавулбошӣ шахсони алоҳидаро таъин намуданд. Шералихон фавран шуро барпо намуда, омодагиҳоро барои дифоъ намудани шаҳри Қӯқанд аз лашкаркашии амир Насруллоҳ ба роҳ мемонад. Ӯ баъди ба тахт нишастан, сохтмони қалъаро ба итмом мерасонад[1]. Дар муддати 18 рӯз ин корро ба анҷом расонид. Ин амал барои ҳимояи шаҳр аз ҳуҷуми навбатии лашкари Бухоро зарур буд. Тафсилоти воқеаҳо дар "Зафарнома-йи хусравӣ" чунин баён гаштааст, ки Шералихон дар байни қирғизҳо зиндагӣ мекард, бо лашкари зиёд аз мавзеи Талас хуруҷ намуда, ба самти Фарғона раҳсипор мегардад. Лашкари ӯ Намангон, Тӯрақӯрғон, Чуст, Охсу ва Косонро ишғол намуда, аз Сирдарё убур мекунад ва ба Қӯқанд ворид мегардад. Набард байни лашкари Шералихон ва лашкари дар Қӯқанд будаи бухороиҳо дар деҳаи Навбаҳори наздикии Қӯқанд сурат гирифт ва бо мағлубияти лашкари бухороиҳо анҷомид. Инро Иброҳимбек парвоначӣ шунида, ба зудӣ бо теъдоди ками сарбозонаш аз Қӯқанд ба самти Хуҷанд фирор мекунад. Дар натиҷа ҳокимияти мингҳо бо роҳбарии Шералихон аз сари нав барқарор мегардад. Шералихонро аҳолии Қӯқанд бо хушнудӣ пешвоз гирифтанд.[2]

Ба ғалабаи Шералихон дар ҷанг бо Хева андармон будани амир Насруллоҳ низ мусоидат кард[3].

Соли 1842 амир Насруллоҳ дубора ба Қӯқанд лашкар мекашад. Ин лашкаркашӣ аҳолии Қӯқандро ба таҳлука меандозад. Як қисми аҳолӣ ба самти

---

[1] Троицкая А.Л. Военное дело в Бухаре...-С.216.
[2] Зафарномайи хусравӣ. –В 112а -114 а;
[3] Таърихи ҷаҳоннамойӣ.-В 244а-245а.

Қошғар ва қисми дигар ба шаҳрҳо Фарғонаи шарқӣ фирор мекунанд. Амир Насруллоҳ аз тарафи ғарб ва қувваҳои ҳарбии Тошканд бо амри амир аз самти шимол ба қаламрави хонигарии Қӯқанд лашкар кашиданд. Шералихон маҷбур мешавад, ки қувваҳои ҳарбиро ба ду қисм тақсим кунад. Қисмати авангарди лашкари қӯқаниҳо бо қувваҳои амир дар Конибодом ба набард медароянд. Дар Ашт бо қувваи ҳарбии тошкандиҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Дар аввал лашкар Шералихон дар Ашт ба мағлубият дучор гашта, ҳудуди соҳили рости Сирдарёро аз даст медиҳад. Сарлашкари қӯқаниҳо Муҳаммад Назарбек ақибнишинӣ намуда, дар ҳудудҳои кӯҳӣ бо қирғизҳо пайваст мешавад ва бо омодагии ҷиддӣ, аз сари нав ҷангро идома дода, қувваҳои тошкандиҳоро аз соҳили рости Сирдарё ба ақибнишинӣ маҷбур мекунад. Амалиётҳои ҳарбии лашкаркаши амир Насруллоҳ низ бебарор буд. Дар давоми чил рӯз ҳимоятгарони Қӯқанд нӯҳ маротиба қувваҳои ҳарбии Бухороро ба ақиб баргардонданд.

Дар ин миён хони Хева Оллоҳқулӣ моҳи сентябри соли 1842 ба самти Бухоро лашкар кашида, қалъаи Чорҷӯйро муҳосира мекунад. Аз рӯйи баъзе маълумотҳо аз Оллоҳқулихон қӯқандиҳо ёрӣ пурсида будаанд. Баъди шикасти лашкараш дар наздикии Конибодом амир Насруллоҳ, 9 октябри соли 1842 ба Бухоро баргашт[1]. Зеро ӯ имконияти дар ду самт ҷангиданро надошт. Ӯротеппа зери ҳокимияти Бухоро, Исфара, Конибодом ва Хуҷанд зери тасарруфи хонигарии Қӯқанд даромаданд. Шералихон ба Хуҷанд аввал Худоёрбиро, сипас писари ӯ Абдураҳмон девонбегиро ҳоким таъин мекунад.

Аз вазъияти ба амал омада қабилаҳои қирғиз ва қипчоқ истифода бурданд. Дар аҳди Шералихон идоракунии хонигарии Қӯқанд амалан аз ҷониби иттиҳодияи қабилаҳои қипчоқ бо роҳбарии Мусулмонқул идора карда мешуд[2]. Дар Қӯқанд урдугоҳи қипчоқҳо созмон дода шуд ва ба ҳамаи муҳимтарин

---

[1] БМД Ҷ Узб. –Х. И-715. –Р. 1. –П.4. –В. 115.
[2] Иванов П.П. Очерки истории...– С .210.

вазифаҳои давлатӣ ва ҳатто дар маҳалҳо низ намояндагони қипчоқҳо таъин мегаштанд. Иброҳими манғит ба Хуҷанд фирор карда буд[1].

Шералихон солҳои 1842-1843 ба самти Тошканд лашкар мекашад то ки ин мулкро ба худ тобеъ кунад. Барои ишғоли Тошканд писараш Маллахон Баҳодур ва аз қирғизҳо Юсуф мингбоширо сафарбар мекунад. Дар натиҷаи якчанд ҷангҳо Тошканд ишғол мегардад. Дар "Зафарнома-йи хусравӣ" таъкид мегардад, ки: "Дар ҳамин сол Шералихони Хӯқандӣ лашкар кашида, рафта вилояти Тошканди Туркистонро ба даст дароварда, чор сардори илғориро аз Тошканд, Нурмуҳаммади эрониро аз Туркистон сиҳату саломат аспу аслиҳаи онҳоро баровара, ба ҷониби Бухоро фиристода, Муҳаммадшариф аталиқ ҳокими Тошкандро ба қатл расонид"[2]. Сипас, қалъаи Бӯка забт карда мешавад. Инчунин ҳудудҳои Қазоқистони ҷанубӣ низ аз сари нав ба тобеияти хонигарии Қӯқанд мегузарад. Соли 1843 дар Бешариқ ба муқобили хонигарии Қӯқанд бо роҳбарии Иброҳим оталиқ (писари Олимхон) шуриш сар мезанад. Ин шуриш пахш карда шуда, Иброҳим оталиқ ба қатл расонида мешавад.

Дар ин давра Насруллохон барои ишғоли Шаҳрисабз машғул буд. Шаҳрисабз ҳамсояи бисёр ноороми Бухоро ба шумор мерафт. Дар бораи ин вилоят олими рус А.Л. Кун чунин нигоштааст: "Беки Шаҳрисабз қисман таркибии аморати Бухоро маҳсуб ёфта, амалан қариб ҳамеша дар зери ҳукмронии ҳокимони аз қабилаи кенагас баромадаи ӯзбек ҳаёти мустақилона ба сар мебурд"[3]. Дар сарчашмаҳои хаттӣ таъкид мегардад, ки дар Шаҳрисабз қабилаҳои Кенегас, Қунғурот ва Минг зиндагӣ карда, баъди ба сари қудрат омадани манғитҳо дар Бухоро зери фишори шадид қарор гирифтанд. Сабаби аз итоати Бухоро сар тофтани онҳо маҳз дар ҳамин буд. Шаҳрисабз ҳанӯз дар асри XVIII аз ноустувории ҳокимияти марказии Бухоро истифода бурда, ба яке аз

---
[1] БМД Ҷ Узб. –Х. И-715. –Р. 1. –П.4. –В. 145-147.
[2] Зафарномайи хусравӣ...-С.108.
[3] Кун А.Л. Очерки Шахрисябзского бекства. – ИРГО по отделению этнографии, т. VI, СПб., 1880. - С. 205.

минтақаи асосии марказгурез мубаддал мегардад. Дар ин маҳал аҳолӣ аз ҳокимон ва сарварони қабилаҳои маҳаллӣ пуштибонӣ мекарданд[1].

Болоравии мавқеи сиёсии Шаҳрисабз дар ҷараёни шуриши хитой-қипчоқҳо дар солҳои 1821-1825 ба вуқуъ пайваст, он вақт кенегасҳо бо роҳбарии Дониёл атолиқ ҳафт қалъаи бухороиёнро дар минтақаи Шаҳрисабз тасарруф карда буданд[2]. Соли 1820 ба бекигарии Шаҳрисабз мулкҳои зайл: Дуоб, Китоб, Яккабоғ, Ӯртақӯрғон, Ҷавз, Питахона дохил мешуданд. Теъдоди лашкар то 20 ҳазор нафарро ташкил медод[3].

Амир Насруллоҳ баъди ба тахт нишастан сиёсати ба як давлати воҳид муттаҳид намудани ҳамаи мулкҳои Осиёи Миёнаро пеша кард. Ӯ саравval кӯшиш намуд, ки вилоятҳои ниммустақил – Шаҳрисабз, Ӯротеппа, Ургут ва Бухорои шарқиро тобеъ намояд. Дар ин масъала дахолати хонигариҳои Хева ва Қӯқанд низ эҳсос мегашт.

Дар раванди муборизаи Насруллоҳ барои ба даст овардани тахти Бухоро, баҳори соли 1827 ҳокими Шаҳрисабз Дониёлбий кенагас Чироқчиро, ки ба Бухоро тобеъ буд, ишғол намуд[4]. Кӯшиши Насруллоҳ барои баргардондани Чироқчӣ натиҷа надод. Бо Шаҳрисабз созишномаи сулҳ баста шуда, ба Дониёлбий унвони атолиқ ва ба бародари ӯ Фозилбий унвони додхоҳ дода шуд[5]. Дар ин давр иттифоқчии Дониёлбӣ ҳокими Яккабоғ Ёдгорбӣ Абоғилӣ буд. Онҳо якҷоя сиёсати марказгурезиро пеша карда буданд.

Аввалин юриши ҳарбии амир Насруллоҳ ба Шаҳрисабз моҳи июли соли 1827 ба вуқуъ пайваст. Дар натиҷа қалъаи Чироқчӣ вайрон карда мешавад[6]. Дар муҳосираи қалъаи Чироқчӣ бухороиҳо таҳти роҳбарии Муҳаммадшарифбии

---

[1] Абдулзода З.Н. “Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣю Дисс... номзади илм. Таърих: 07.00.09. –Душанбе, 2023. –С.89.
[2] Вороновский Д. Г. “Гульшен – аль – мулк» Мухаммад Якуба Бухари. Диссертация на соискание степени канд. ист. наук. –Ташкент, 1947. –С.191.
[3] Мейендорф Е.К., Путешествие из Оренбурга в Петербург. М.: Главная редакция восточной литературы издательства «Наука»,1975. –С.79.
[4] Мухаммадхакимхон Тўра, Мунтахаб ат-таворих..., 2010, 78-79-бетлар
[5] Мухаммадхакимхон Тўра, Мунтахаб ат-таворих: (Хуканд ва Бухоро тарихи, саёхат ва хотиралар). Форс-тожик тилидан таржима, мукаддима, изохлар ва курсаткичлар муаллифи Ш.Вохидов. Тошкент: Янги аср авлоди, 2010. – 80 б.
[6] Вороновский Д.Г. «Гульшен-аль-мульк» Мухаммад Якуба Бухари. Диссертация на соискание степени кандидата исторических наук. -Ташкент, 1947. -С.207

тӯпчибошӣ тӯпҳои қалъакушойро ба кор бурданд[1]. Солҳои 1830, 1832-1833 амир Насруллоҳ ба Шаҳрисабз лашкар кашида, қалъаҳои Дуоба, Обкандаро фатҳ мекунад ва бо Дониёлбий сулҳ мебандад[2]. Дар лашкаркашиҳои солҳои 1834 ва 1835-1836 амир Насруллоҳ дар Шаҳрисабз ғалаба карда натавонист. 19 июли соли 1840 Дониёлбий атолиқ вафот мекунад ва ҷойи ӯро Хоҷақулӣ парвоначӣ ишғол мекунад. Ӯ худро амир эълон намуда, маросими тоҷгузориро дар Оқсаройи амир Темур дар Шаҳрисабз анҷом медиҳад[3].

Ҳангоми лашкаркашии соли 1845 ба вилояти Шаҳрисабз амир Насруллоҳ ба муқовимати шадиди мудофиачиён дучор мегардад. Ҳокими Шаҳрисабз Хоҷақулӣ иншоотҳои мудофиавиро хеле мустаҳкам карда буд. Аз ҷумла, байни чор шаҳри ин вилоят – Шаҳрисабз, Ӯртақӯрғон, Шаматан ва Китоб ҳандақҳо кофта шуда буданд. Барои мустаҳкам кардани дифоъ вилояти худ Хоҷақулӣ ҳатто обхезиҳои сунъӣ ташкил мекард. Соли 1846 Хоҷақулӣ вафот мекунад. Баъди вафоти ӯ ба Шаҳрисабз писараш Аширқулбӣ, ба Китоб бошад бародараш Искандарбӣ (писари Дониёлбӣ оталиқ) ҳоким таъин шуданд. Дар фурсати кӯтоҳ Искандарбӣ аз Аширқулбӣ Шаҳрисабзро кашида мегирад. Искандарбӣ чун падараш сиёсати зидди аморати Бухороро пеша мекунад[4]. Ин сиёсатро қувваҳои марказгурези зидди аморати Бухоро ҷонибдорӣ намуданд.

Бояд зикр кард, ки тибқи “Тӯҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ амир Насруллоҳ дар мудати 25 сол 32 маротиба ба Шаҳрисабз ҳуҷум карда, ва ҳар дафъа бо гирифтани ҳадяву тортуқ, пешкаш ба Бухоро бармегашт.[5] Ақидае вуҷуд дорад, ки Насруллоҳ Шаҳрисабзро танҳо дар охири умраш соли 1860 пурра тобеи аморати Бухоро намудааст[6]. Дар “Зафар - нома -йи Хусравӣ” ва “Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ таъкид шудааст, ки ин амал солҳои 1855-56 ба вуқуъ пайвастааст. Дар ин давр ҳоким Шаҳрисабз Искандар

[1] Зафарномайи хусравӣ...-С.33.
[2] Мухаммадхакимхон Тўра, Мунтахаб ат-таворих…., 2010. - 96-103-б.; Зафарномайи хусравӣ...-С.32-34.
[3] Мухаммадхакимхон Тўра, Мунтахаб ат-таворих…., 2010. 107,112-114,161-162-б.
[4] Яқубов Б. Шаҳрисабз ва Китоб тарихидан (XVIII-XIX асрлар биринчи ярмидаги ижтимоий-сиёсий ҳаёти). – Қарши: Насаф, 1996, -С.34-36.
[5] Туҳфаи шоҳӣ.- В.125а-129а.
[6] Абдулазим Сами, «Тарих-и салатин-и мангитийа» дар ас-салтана-и Бухараи шариф. Перевод Л.М. Епифановой. М.,1962. –С..55

(Искандар додхоҳи кенагас бародари Хоҷақулӣ) буд. Ӯ пас аз марги бародараш соли 1849-50 ҳокими Шаҳрисабз гашта буд ва худро Искандари сонӣ лақаб дода буд. Баъди аз ҷониби амир Насруллоҳ ишғол гаштани Шаҳрисабз, Искандар, бародараш Мусобий ва тамоми аъзоёни хонаводаи онҳо маҷбуран ба Бухоро оварда шуданд. Дар чаҳорбоғи Боқихон дар ҳабс нигоҳ дошта мешуданд[1]. Насруллоҳ хоҳари Искандарро ба занӣ мегирад[2]. Исми ҳақиқии ин завҷаи Насруллоҳ маълум нест, вале дар сарчашмаҳо ӯро Кенагасойим номидаанд. Ба намояндаи хонаводаи валламиҳои Шаҳрисаб издивоҷ кардани Насруллоҳхон ҳамчун воситаи дар зери итоати худ нигоҳ доштани вилояти Шаҳрисабз ба шумор мерафт.

Умуман, амир Насруллоҳ ҳар сол камаш ду маротиби ба Шаҳрисабз лашкар мекашид. Дар давоми як моҳ бо ҳокимони Шаҳрисабз Ҳумоқулибӣ ва Искандарбӣ ҷанг карда, сулҳ мебаст ва ба Бухоро бармегашт.

Амир Насруллоҳ баъди ба тасарруфи худ даровардани Шаҳрисабз гумоштаи худ Абдухолиқбек (сипас Оллоёрбек)-ро ҳоким таъин мекунад. Ба Китоб бошад аввал Оллоёрбек, сипас Ҳамидхоҷа ва Файзибӣ, ба Яккабоғ Ҳомидхоҷа ҳоким таъин мегарданд. Ҳамаи ин бекҳо аз қавми манғитҳо буданд.

Мулки Ӯротеппа зери итоати аморати Бухоро то соли 1848 қарор дошт. Дар ин давра лашкари Қӯқанд таҳти сарварии Мусулмонқул се маротиба (1845, 1846, 1848) ба Ӯротеппа лашкаркашии бебарор анҷом доданд.

Ҳангоми ба Ӯротеппа ҳамла кардани лашкари хони Қӯқанд Шералихон (соли 1845) амир Насруллоҳ ба Хуҷанд барои анҷом додани гуфтушунид намояндаашро мефиристад. Бо ин амал Насруллоҳ аз вақт бурд мекунад. Ӯ ба корҳои дохилии Қӯқанд дахолат намуда, қувваҳои мухолифи Шералихонро дастгирӣ мекунад. Дар аҳди Шералихон андозҳои зиёд ҷорӣ гашта буданд. Ин боис мегардад, ки дар якчанд маҳалҳо шуриш сар занад. Соли 1844 Мусулмонқул барои пахши шуришҳо ва ҷамъоварии андоз ба самти Ӯш раҳсипор мегардад. Писари Олимхон Муродхон, ки дар Бухоро қарор дошт, аз

[1] Зафарномаи хусравӣ. –С.219
[2] Мирзо Салимбек. Кашкӯли Салимӣ...-С.300.

ин вазъият истифода бурда, бо лашкари бухороиён ба Қӯқанд меояд, Шералихонро ба қатл мерасонад ва худро хони Қӯқанд эълон мекунад[1]. Ҳукмронии Шералихон 2 солу 25 рӯз идома ёфт. Аз Шералихон панҷ писар боқӣ монда буд: аз ҳамсари аввалаш Саримсоқбек, Султонмуродбек ва Худоёрхон, аз ҳамсари дигараш - Маллахон ва Сӯфибек. Ҳардуи ҳамсари ӯ аз қирғизҳо буданд.

Мардуми хонигарии Қӯқанд, ки аз низоъву ҷангҳо хеле хаста шуда буданд, Муродхон (писари Олимхон)-ро ҷонибдорӣ накарданд. Зеро Муродхон дар баробари худро хон эълон кардан, маълум кард, ки ӯ ноиби амир Насруллоҳ низ мебошад. Ӯ ҳамагӣ 11 рӯз тахтро соҳибӣ кард. Мусулмонқул бо ҳамроҳии Муҳаммадназарбек лашкари бузург ҷамъ намуда, Қӯқандро ишғол кард ва Муродхонро ба қатл расонд. Писари Шералихон Худоёрхони 13 - соларо, ки то ин дам ҳокими Намангон буд, ба тахти хонигарӣ шинонд[2].

Худоёрхон се навбат (1845-1858; 1862-1863; 1865-1875) тахтро соҳибӣ кардааст. Дар давраи аввали ҳукмронии ӯ Мусулмонқул амалан ба сифати регенти ӯ баромад намуда, давлатро идора мекард. Гап дар сари он аст, ки Мусулмонқул духтарашро ба Худоёрхони ҷавон ба занӣ дода, хусури ӯ мегардад ва ба унвони оталиқ низ соҳиб мегардад. Ҳамин тавр, дар хонигарии Қӯқанд таъсири қипчоқҳо боло меравад. Аз ин лиҳоз дар марҳилаи аввал ҳукмрониаш Худоёрхони ҷавон аз амалан идоракунии давлат дар канор буд. Унвони хон ягон таъсир надошт. Мусулмонқул ва ашрофзодагони дигари қипчоқҳо кишвари Фарғонаро байни ҳам тақсим карда гирифтанд[3].

Дар сиёсати хориҷии Худоёрхон воқеаҳои муҳим рух доданд. Бо Бухоро мубориза барои Ӯротеппа идома ёфт, ба Туркия ҳайати сафорат фиристода шуд[4]. Соли 1857 дар ҷануби Қазоқистон қабилаҳои қазоқ, дар Ӯротеппа Рустамбеки юз исён бардоштанд. Амир Насруллоҳ ба Хуҷанд лашкар кашид.

---

[1] Вельяминов –Зернов В.В. Исторические известия о Коканском ханстве...-С.344-345; История Узбекистан. Т. III. (XVI - первая половина XIX в). –С.208.

[2] Муҳаммадҳакимхон. Мунтахаб ут-таворих / Кириш, форс тилидан таржима, изоҳлар муаллифи Ш. Воҳидов. – Тошкент: Янги аср авлоди, 2010. – Б. 126.

[3] Таърихи ҷаҳоннамойи. II/ -В.194 а.

[4] Турсунов Б.Я. Қўқон хонлигида ҳарбий иш ва қўшин: ҳолати, бошқаруви, анъаналари (XIXасрнинг 70-йилларигача). Тарих фанлари номзоди... дисс. –Тошкент, 2005. С.21

Бародари Худоёрхон барои Хуҷандро аз қӯшуни Бухоро озод намудан ва бо мақсади ба ҷойи Худоёрхон ба мансаби хон соҳиб шудан исён бардошт. Дар ин миён амир Насруллоҳ Хуҷандро тарк намуда, ба Бухоро бармегардад.

Дар натиҷа задухӯрд байни бародарон (Худоёрхон ва Маллабек) 25 октябри соли 1858 ба вуқуъ пайваста ва дар ин набард Худоёрхон мағлуб мегардад. Ӯ бо аскари камнуфуз ба Қӯқанд ақибнишинӣ намуда, дар Ӯрда пинҳон мешавад. Маллахон Қӯқандро муҳосира мекунад. Дар рӯзи 21-уми муҳосира бо мақсади бастани сулҳ ба назди Маллахон эшон шайх ул-ислом Сулаймонхоҷа, Эркабий додхоҳ юз ва Қаноатшоҳро мефиристад. Лекин онҳо бо ҳамроҳии ҳокими Андиҷон Сӯфибек, ҳокими Марғелон Шоҳ Муродбек, Қосим мингбошӣ, Шодмонхоҷа додхоҳ, Яъқуббек понсадбошӣ, Йӯлчибек понсад, Муҳаммадназар парвоначӣ, бо қӯшуни Тӯрақӯрғон ва Намангон ба тарафи Маллахон гузаштанд. Худоёрхон бо ҳамроҳии бародари хурдиаш Султон Муродбек ба Хуҷанд, сипас ба Бухоро фирор мекунад. Санаи 13 ноябри соли 1958 Маллахон ба тахти хонигарии Қӯқанд нишаст[1]. Ӯ фавран лашкар ҷамъ намуда, баҳори соли 1859 Ӯротеппа ва Ҷиззахро ишғол мекунад, ба Хуҷанд наздик шуда, ба қалъаи Нов Каноатшоҳро ҳоким таъин мекунад. Дере нагузашта Қаноатшоҳ ба Қӯқанд даъват карда мешавад ва ба вазифаи амири лашкар таъин мегардад. Қаноатшоҳ ба муқобили Худоёрхон ва султон Муродбек ба Қаротегин фиристода мешавад. Ӯ қалъаи Ғармро дифоъ намуда, Худоёрхонро маҷбур мекунад, ки ин маҳалро тарк кунад. Худоёрхон ба Ҷиззах меояд. Дар натиҷа аз ҷониби Маллахон ба Ҷиззах бо лашкар Саримсоқ қурама ва Душабой понсад фиристода мешаванд. Дар мавзеи Мирзоработ онҳо ба Худоёрхон ба ҷанг медароянд. Худоёрхон мағлуб мешавад ва 76 нафар сарбозони ӯ асир мегарданд. Худоёрхон ба Чордара фирор мекунад.

Худоёрхон танҳо 5 майи соли 1862 баъди кушта шудани Маллахон бори дуюм ба тахт мешинад.

Ҳамин тавр, ҷараёни ҳодисаҳои ҳарбиву сиёсӣ нишон медиҳад, ки амирони Бухоро ва хонҳои Қӯқанд то андозае худро дар минтақа пешво меҳисобиданд.

---

[1] Авазмуҳаммад Аттор Ҳӯқандӣ. Таърихи ҷаҳоннамойи..-В. 245 б.

Солҳои 50-уми асри XIX дар хонигарии Қӯқанд низоъҳои дохилӣ авҷ гирифтанд, гурӯҳҳои алоҳида байни ҳам барои ҳокимият мубориза мебурданд. Нооромии дохилӣ, низои этникӣ байни аҳолии муқимнишин ва кӯчманчӣ, ҷангҳо давлатҳоро заиф гардонид. Аз ин вазъ истифода бурда Русияи подшоҳӣ ба ишғоли сарҳадҳои шимолии хонигарии Қӯқанд шуруъ намуд.

Амирони Бухоро ва хонҳои Қӯқанд, ки худро пешвоёни минтақавӣ мешумориданд, кӯшиш мекарданд, ки дар минтақа пешво гарданд ва ҳокимияти худро тавассути ҷалби қавму қабилаҳо, ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва таъсиси иловаи давлатӣ устувор созанд. Амирони Бухоро дар зоҳир дар баробари хонигариҳои дигар кӯшиш мекарданд, ки сиёсати мутамарказ ба роҳ монанд, вале дар асл онҳо низ дар муҳити сиёсӣ ва фарҳангӣ рақобат мекарданд. Барои хонҳои Қӯқанд, ки худ низ кӯшиш мекарданд, ки манфиатҳои сиёсиву ҳарбиашонро пеш баранд, чунин рақобатҳо ва низоъҳои дохилӣ ба масъалаи шиддат ва хатар барои суботи давлати онҳо табдил меёфт.

Ҳодисаҳои наслӣ ва эҳсоси этникӣ, ки дар байни аҳолии муқимнишин ва кӯчманчиён ҷорӣ буданд, барои хонигариҳои Осиёи Миёна, хусусан дар хонигарии Қӯқанд, низоъҳои дохилӣ ва нооромии иҷтимоиро эҷод мекарданд. Ҷангҳои этникӣ ва муқобилаҳои байни қавму қабилаҳо на танҳо ҷомеаҳои маҳаллӣ, балки тамоми давлати хонигарӣ ва амоaccess сатро заиф мегардонид. Таҳлили илмии ин низоъҳо бояд нишон диҳад, ки чӣ гуна озмоишҳои иҷтимоии дохилӣ метавонанд ба ҳокимият ва устувории давлатҳо таъсири манфӣ расонанд.

Дар давраи нооромӣ ва даргириҳои дохилӣ, хонигарии Қӯқанд, ки ҳамчун як давлати мустақил ба назар мерасид, шадидан бо таҳдидҳои хориҷӣ рӯбарӯ шуд. Дар чунин як вазъият, вақте ки давлатҳо дар дохил зиддият доштанд, Русияи подшоҳӣ, ки манфиатҳои иқтисодӣ ва стратегӣ дар минтақа дошт, ба истифодаи ин нооромии дохилӣ шурӯъ кард ва дар солҳои 50-уми асри XIX фаъолияти ҷангӣ ва ишғоли сарҳадҳои шимолии хонигарии Қӯқандро оғоз намуд.

Русияи подшоҳӣ ки дар давраи мазкур барои густариш ва таҳкими мавқеи худ дар Осиёи Миёна иқдом мекард, шароити ҷанги дохилӣ дар хонигарии Қӯқандро ҳамчун як фурсати муҳим истифода бурд. Ишғоли сарҳадҳои шимолии хонигарии Қӯқанд на танҳо натиҷаи талошҳои сиёсӣ ва амалиёти ҳарбӣ буд, балки як қисмати барномаи бузургтари стратегӣ буд, ки дар он мақсади васеъ кардани нуфузи Русия ва таъсир дар Осиёи Миёна дар назар гирифта шуда буд.

Аз лиҳози илмӣ, таҳлили холигоҳи низоъҳои дохилии хонигарии Қӯқанд ва рақобат байни гурӯҳҳои сиёсиву этникӣ дар вуқӯи ғасби Русия аҳамияти калон дорад. Таҳқиқи шиддат ва муфассал дар шароити иҷтимоии ҳокимият ва қарорҳои ҷангии Русияи подшоҳӣ ба як шарҳи муфид барои фаҳмидани таъсироти байниминтақавӣ ва рушди геополитикии Осиёи Миёна дар асри XIX хоҳад шуд.

Масъалаи тафсири вазъияти сиёсиву ҳарбии хонигарии Қӯқанд ва аморати Бухоро дар нимаи аввали асри XIX, ки натиҷаи он ба шиддат гирифтани ноором̣ӣ ва ишғоли манотиқи муайян ба даст омадааст, як ҷузъи муҳими таҳқиқот дар таърихи Осиёи Миёна мебошад. Вобаста ба таҳлили илмӣ ва асарҳои таърихӣ, ки нишон медиҳанд, ки Русия чӣ гуна ба истифодаи ҷанги дохилӣ ва шиддат дар хонигарии Қӯқанд шурӯъ кард, мо метавонем манзараи равшантар ва амиқтари муносибатҳои сиёсиву ҳарбӣ дар минтақаи Осиёи Миёна дар он давра ба даст орем.

Дар ин давра байни аморати Бухоро ва хонигарии Хева ҷангҳои хусусияти талаву тороҷдошта идома меёфт ва Хони Хева ба мулки Ҷорҷӯй, ки дар тобеъияти Бухоро буд, борҳо ҳуҷум кардааст. Аҷиб он аст, ки гарчанд байни Хева ва Бухоро сулҳ баста шуда бошад ҳам, хони Хева ҳафт маротиба лашкари худро иҷозат додааст, ки ба Бухоро ва деҳоти атрофи он ҳамла кунанд[1]. Чунончи, Оллоҳқулихон (1825-1843) бо ҳамроҳии писараш Раҳимқулӣ, инчунин сарлашкарони худ – Ота Мурод қушбегӣ, Худоёрбий, Саид Назарбий, Абдулло ясавулбошӣ, Раҳматулло ясавулбошӣ ва дигарон 15 сентябри соли

[1] Муҳаммад. Ризи Огаҳӣ. Зубдат ут-таворих. Факсимиле –С.414 б-416.

1842 ба самти Чорҷӯй лашкар кашида, шаҳрро дар давоми наздик як моҳ муҳосира намуданд[1]. Аммо бинобар ба Ҷорҷӯй фиристода шудани лашкари бухороиён ва ба бемори̅ дучор шудани Оллоҳқули̅ хевагиҳо муҳосираро қатъ намуда, ақибнишини̅ кардаанд[2].

Ҷангҳои ғоратгарона байни аморати Бухоро ва хонигарии Хева хеле авҷ мегирад. Амир Насруллоҳ бо қӯшуни бузург ба қаламрави Хева ворид мешавад. Чи тавре ки П.П. Иванов менигорад, дар аҳди падари амир Ҳайдар Шоҳмурод вилояти Марв дар тобеъияти Бухоро қарор дошт. Баъди вафоти Шоҳмурод туркманҳои Марв ба муқобили бухороиён шуриш бардоштанд, дар натиҷа ҳокими Марв Дин Носирбек ба Эрон фирор мекунад[3]. Соли 1822 маркази туркманҳо шаҳри Марв ба ихтиёри хонигарии Хева мегузарад[4].

Бо мақсади тобеъ намудани вилояти Марв амир Насруллоҳ ба назди ҳокимони Марв сафирони худро мефиристад. Бо ҳамин муносибат Насруллоҳ бар муқобили хони Хева Раҳимқули̅ ҷанг оғоз мекунад. Тафсилоти набардҳоро Огаҳи̅ дар "Зубдат -ут- таворих" ва муаррихи Қӯқанди̅ Мулло Аваз Муҳамад дар "Таърихи Ҷаҳоннома" баён кардаанд. Амир Насруллоҳ, ки солиёни зиёд ба Хева муносибати душманона дошт, пайваста ҳокимони маҳаллиро, махсусан ҳокимони вилояти Марвро бар зидди хонигарии Хева таҳрик менамуд. Борҳо ба таври пинҳони̅ намояндагони худро ба назди онҳо мефиристод, ҳадяву тӯҳфаҳо - тиллову сарулибос пешкаш намуда, ҳар гуна ваъдаҳо медод. Ҳамин ҳадяҳо боис шуданд, ки ҳокими Марв пинҳони̅ бо Насруллоҳ созиш мекунанд, ба тобеъияти Бухоро медароянд.

Бо мақсади ҷазо додани ҳокими Марв хони Хева Раҳимқулихон бародараш Муҳаммад Эмин инокро бо лашкар ба самти Марв равон мекунад. Ба ҳайати лашкари Муҳаммад Эмин инок Ҳавз Хоҷа, шайхулислом, Худоёрбий, Саид Назарбий, Одинабой ясавулбоши̅, Муҳаммад Яъқуббий, Муҳамадҷонхоҷа ва

---

[1] Мухаммед Риза Агехи. Сливки летописей –Зубдет-ут-таварих. История қарствования Рахим-кули-хана (перевод З. Аксакова)// Материалы по истории туркмен и Туркмении. Т.2. –М.: Институт востоковедения, 1938. –С.8.

[2] Веселовский Н. Очерк историко-географических сведений о Хивинском ханстве. СПб., 1877. –С. 329.

[3] Иванов П.П. Очерки по истории Средней Азии (XVI –середина XIX вв.). –М.: Изд. Восточной литературы, 1958. –С.133.

[4] Ҳамон ҷо. –С.160.

дигарон бо навкаронашон ҳамроҳ буданд. 3 апрели соли 1843 қӯшуни хевагиҳо ба вилояти Марв расида омаданд ва дар қалъаи Ниёз Муҳаммадбой ҷойгир шуданд. Онҳо сиву се рӯз дар ин қалъа истода бо корҳои ташкилӣ-мудофиавӣ машғул шуданд[1].

Аз ин ҳолат, яъне дар вилояти Марв қарор доштани қувваи бузурги ҳарбии хевагиҳо амир Насруллоҳ истифода бурда, ба самти Хоразм лашкар мекашад. Қувваи ҳарбии амир Насруллоҳ 10 апрели соли 1843 дар наздикии Чорҷӯй аз Амударё убур карда, ба Ҳазорасп расид. Лашкари Бухоро Ҳазораспро муҳосира ва ишғол намуда, асирони зиёдро ғанимат мегирад. Аз Хева ба Ҳазорасп қувваи ҳарбии бародари Раҳимқулихон Бобоҷон иноқ фиристода мешавад, ки ин қувва тавонист лашкари амир Насруллоҳро мағлуб кунад. Ниҳояти амир Насруллоҳ ба Бухоро ақибнишинӣ мекунад.

Дар ин миён ҳангоми ақибнишинии Насруллоҳ ба Бухоро, ба мавзеи Илҷиқ расидани лашкари бухороиён сарварони туркманҳои ноҳияи Марв ба назди амир Насруллоҳ омада, изҳори тобеият карданд. Он вақт ҳокими Марв намояндаи хони Хева Ниёзмуҳаммадбий ном шахс буд. Туркманҳои маҳаллӣ ба Марв ҳуҷуми бебокона намуда, ҳокими он ҷоро ба қатл расониданд. Сипас, оҷилан ба назди амир Насруллоҳ ҳозир шуданд. Амир баъди шинос шудан бо вазъи ба амал омада, изҳори қаноатмандӣ намуд, ба сарварони туркманҳо сарупо ҳадя кард. Аз ҷониби амир Насруллоҳ ҳокими Ҷиззах Остонақул ҳокими Марв таъин гардид. Остонақул бо ҳамроҳии туркманҳо, ки ба назди Насруллоҳ омада буданд, ба Марв раҳсипор гашт[2].

Бояд зикр намуд, ки хони Хева баъди аз Ҳазорасп ақибнишинӣ намудани амир Насруллоҳ, ӯро таъқиб накард. Хони Хева аз ҳисоби туркман қабилаҳои йомут, чавдор ва имрелӣ дастаҳои ҳарбӣ таъсис дода ба ноҳияву деҳоти Аморати Бухоро – ноҳияҳо байни Элчибек ва Карокӯл, инчунин мавзеъҳои наздикии Чорҷӯй, Чекес, Варданзӣ ва Чаҳоркӯш ва ғайра тохтутозҳои

---

[1] Мухаммед Риза Агехи. Сливки летописей –Зубдет-ут-таварих. История царствования Рахим-кули-хана (перевод З. Аксакова)// материалы по истории туркмен и Туркмении. Т.2. –М.: Институт востоковедения, 1938. –С.9.
[2] Галкин И. И. Этнографические и исторические материалы по Ср. Азии. -СПб., 1868, С. 231—232; Веселовский Н. Очерк историко-географических сведений, стр. 322—323.

ғоратгарона анҷом доданд. Моҳи октябри соли 1844 Раҳимқулихон ба Марв лашкар кашид ва ин мулкро аз сари нав ба хонигарии Хева тобеъ намуд. Ин лашкаркашӣ баъди сар задани исёни қабилаҳои туркман ташкил карда шуда буд[1].

Лашкаре, ки аз ҳисоби қабилаҳои мухталиф созмон меёфтанд, бевосита ба хон итоат мекарданд, ба онҳо ҳамчун саркарда намояндагони қабилаи ӯзбекҳо, ки ба хон садоқати бештар доштанд, сарварӣ мекарданд. Иштироки намояндагони қабилаҳои гуногунро дар таркиби лашкари хони Хева П.П. Иванов алоҳида таъкид мекунад[2]. Сафири Русияи подшоҳӣ Н.Н. Муравев, ки ба Хева фиристода шуда буд маълумотро дар бораи ӯзбекҳои хонигарии Хева ҷамъ намуда, таъкид мекунад, ки онҳо аз чор гурӯҳ иборат будаанд: кият-қӯнғиротҳо, уйғур-найманҳо, қанғлӣ-қипчоқҳо ва нукуз-найманҳо[3].

Умуман, дар натиҷаи ин низоъҳо, лашкаркашиҳои ғоратгарона ба мардум фоҷиа ва мусибатҳо овард, дар натиҷаи ҷангҳо шаҳру қалъаҳо ба вайрона табдил дода шуданд, мардуми бегуноҳ кушта ва ба асорат бурда мешуданд. Аз як тараф, шуришҳои халқӣ, дуюм, ҷангҳои байнихудӣ ва сеюм, қаҳативу гуруснагӣ дар асри XIX аҳволи халқро ба вазъияти даҳшатнок оварда расонида буд.

Ҳамин тавр, дар нимаи аввали асри XIX хонигариҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Бухоро, Қӯқанд ва Хева дар маркази зиддиятҳои ҳарбӣ қарор гирифтанд, ки дар натиҷаи мубориза барои нуфузи ҳудудӣ, назорат аз болои захираҳо ва таъсири субъектҳои беруна, бахусус империяи Русия ба вуҷуд омада буданд.

Аморати Бухоро дар муноқишаҳои ҳарбӣ бо хонигариҳои ҳамсоя, пеш аз ҳама бо Қӯқанд фаъолона иштирок мекард. Даъвоҳои ҳудудӣ ва рақобат барои назорати роҳҳои тиҷоратӣ дар дохили минтақа сабабҳои аслии даргириҳои низомӣ буданд. Илова бар ин, Бухоро ба фишори Русия дучор шуда, шиддати ҳарбиро зиёд мекард.

---

[1] Кун А.Л. Заметка о Хивинском ханстве// Туркестанские ведомости. -1873. № 40.
[2] Иванов П.П. Архив Хивинских ханов XIX в. Исследования и описание документов с историческим введением / предисловие акад. Крачковского И.Ю. -М., 1940. - Тетрадь №. 5. - С. 156-172.
[3] Муравьев Н.Н. Путешествие в Туркмению и Хиву в 1819 и 1820 гг. -С. 36.

Хонии Қӯқанд, асосан бо аморати Бухоро фаъолона сиёсати ҳарбӣ мегузаронд. Мунокишаҳои байни онҳо бо даъвоҳои ҳудудӣ ва хоҳиши таъмини истиқлолияти онҳо аз таъсири беруна алоқаманд буданд. Таъсири Русия барои Қӯқанд душвориҳои иловагӣ ба вуҷуд оварда, ба сафарбар кардани захираҳои ҳарбӣ мусоидат намуд.

Хонигарии Хева дар задухӯрдҳои ҳарбӣ, аз ҷумла дар задухӯрдҳо бо аморати Бухоро низ фаъолона иштирок мекард. Стратегияи геополитикии Русия дар Осиёи Миёна боиси задухӯрдҳои низомӣ байни хонигариҳо гардид, ки ба корҳои дохилӣ ва амнияти Хева таъсир расонд.

## ХУЛОСА

Баъди таҳқиқи муаммоҳои таърихи сиёсиву ҳарбии аморати Бухоро дар солҳои 1826-1860 муаллифи рисолаи диссертатсионӣ ба чунин хулоса омад:

Сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ роҷеъ ба таърихи сиёсиву ҳарбии аморати Бухоро ва хонигариҳои Осиёи Миёна дар солҳои 20-60-уми асри XIX, масъалаҳои геополитикӣ, иҷтимоӣ, динӣ, тиҷоративу дипломатии онҳо маълумот медиҳанд [2-М].

Дар рисола роҷеъ ба инъикоси ҳодисоти сиёсиву ҳарбии Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX дар сарчашмаҳои хаттӣ ба забони тоҷикӣ-форсӣ, узбекӣ ва русӣ маълумот дода мешавад. Муҳиммияти ин асарҳо аз он иборат аст, ки дар онҳо воқеаҳо вобаста ба ҳукмронии салтанати сулолаи манғития дар Бухоро тавсифи худро ёфтаанд [2-М].

Сарчашмаҳои хаттӣ, ки таърихи аморати Бухороро дар сеяки дуюми асри XIX ифшо мекунанд, манбаи муҳим барои фаҳмиши тамоми масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, ва иҷтимоии он замон мебошанд. Ин манбаъҳо, ки одатан аз наклҳои ходимони давлатӣ, сайёҳон ва сафиронгирифта шудаанд, дар баробари пешниҳод намудани маълумот дар бораи вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии аморат, инчунин муносибати онро бо давлатҳои ҳамсоя дида мебароянд.

Таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар нимаи аввали асри XIX аморати Бухоро дар байни хонигариҳои Осиёи Миёна бо салоҳият, ҳудуд, аҳолӣ, захираҳои табиӣ ва ғайра мавқеи алоҳидаро касб мекард. Намояндагони сулолаи манғитҳо мунтазам баҳри таъсиси давлати мутамарказ, муттаҳид намудани Осиёи Марказӣ талош меварзиданд, вале қавму қабилаҳои кӯчманчии ӯзбек сиёсати марказгурезиро пеша менамуданд, ки боиси парокандагии сиёсӣ гашта буд.

Таъкид мегардад, ки дар аҳди амир Насруллоҳ (солҳои 1827-1860) ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии аморати Бухоро то андозае рушд кардааст. Ӯ дар давоми 34 сол ҳукмронӣ кардааст ва баҳри мустаҳкам намудани ҳокимияти марказӣ талош варзидааст. Дар аҳди амир Насруллоҳ ислоҳотҳои маъмурӣ ва сиёсӣ гузаронида шуданд. [1-М]

Дар нимаи аввали асри XIX дарачаи баланди парокандагии сиёсиву маъмурии хонигариҳои Осиёи Миёна мушоҳида мегардад. Хонигариҳо дар ҳолати зиддияти доимӣ қарор доштанд ва муборизаи онҳо баҳри қудрат дар минтақа идома меёфт.

Сарварони давлатҳои Осиёи Миёна баҳри мустаҳкам намудан ва қонунӣ кардани ҳокимияти худ, васеъ намудани ҳудуди хонигариҳо аз ҳисоби мулкҳои нимтобеъ ва ҳатто ҳудуди мамлакатҳои ҳамсоя  кӯшиш менамуданд. Амири Бухоро Насруллоҳ пайваста кӯшиш мекард, ки давлати пуриқтидор барпо намояд, сиёсати муттаҳид кардани тамоми Осиёи Миёнаро пеша намояд. Вале ин сиёсат натичае ба даст наовард, зеро сиёсати дохилии хонигариҳо дар асоси муносибатҳои авлодӣ-қабилавӣ ба роҳ монда шуда буд, ки боиси бархӯрди манфиатҳои гуруҳҳои ба ҳам муқобил гашта буд.

Солҳои 20-60-уми асри XIX дар Осиёи Миёна, дар аморати Бухоро, вазъияти соҳаи мудофиа ва сохторҳои ҳарбӣ мураккаб буда, паҳлӯҳои гуногунро фаро гирифт. Ба лашкари аморати Бухоро аскарони мунтазам ва сарбозони қабилаҳо дохил мешуданд. Амир Насруллоҳ на танҳо сайъ кард, ки усулҳои набардро беҳбуд бахшад, балки инчунин ислоҳоти амиқи воқеии лашкардориро таҳия кард. Соли 1837 аз чониби амир Насруллоҳ ислоҳоти ҳарбӣ гузаронида шуд ва лашкари доимӣ таъсис ёфт. Дар ин давра аморат зери фишори берунии империяи Русия қарор гирифт. Қӯшунҳои аморат кӯшиш мекарданд, ки истиқлолият ва усулҳои анъанавии мудофиавии худро нигоҳ доранд [1-М]; [4-М].

Лашкари аморати Бухоро аз ду қисмати асосӣ иборат буд: Аскарони мунтазам: Ин гурӯҳ қӯшунҳое буданд, ки аз чониби амир барои хизмат дарозмуддат омода мешуданд ва асосан ба мудофиаи марказӣ машғул буданд. Сарбозони қабилавӣ: Қувваҳое, ки дар асоси муносибатҳои қабилавӣ ва анъанаҳои маҳаллӣ ташкил шуда буданд ва дар лаҳзаҳои зарурӣ чамъ меомаданд.

Мавҷудияти ду шакли мухталифи қувваҳои ҳарбӣ нишон медиҳад, ки аморат наметавонист пурра ба модели муосири артиши мунтазам гузарад, зеро ҷомеаи анъанавии он ба ин омодагӣ надошт.

Амир Насруллоҳ (солҳои 1826–1860) кӯшиш кард, ки вазъияти ҳарбиро тавассути ислоҳот беҳбуд бахшад. Соли 1837 таъсиси лашкари доимӣ як қадами муҳиме буд, ки нишондиҳандаи саъю кӯшиши амир барои мутобиқ кардани артиши Бухоро ба талаботи замон маҳсуб мешуд. Ин ислоҳот чунин ҷанбаҳоро дар бар мегирифт: Ташкили артиши доимӣ: Барои ба ҳадафи мудофиавӣ ва ҳамла мувофиқтар кардани қӯшунҳо. Беҳтарсозии усулҳои набард: Амир кӯшиш кард, ки таҷрибаи анъанавии ҳарбиро бо унсурҳои тактикаҳои пешрафтаи он давра муттаҳид кунад. Аммо ислоҳот маҳдуд боқӣ монд, зеро аморат аз захираҳои иқтисодӣ ва технологияи пешрафта маҳрум буд.

Дар ин давра, аморати Бухоро зери фишори берунии Империяи Русия қарор дошт. Русия дар Осиёи Миёна сиёсати тавсеаи худро пеш мебурд, ки боиси мубориза҇ҳои доимӣ байни қувваҳои аморат ва Русия мешуд.

Қӯшунҳои аморати Бухоро кӯшиш мекарданд истиқлолияти худро ҳифз кунанд, аммо онҳо аз ҷиҳати силоҳ, омодагии ҳарбӣ ва тактика нисбат ба артиши Русия сусттар буданд.Анъанаҳои маҳаллии ҳарбӣ дар бархӯрд бо артиши муҷаҳҳази Русия бештар ҳамчун монеа амал мекарданд, зеро онҳо ба тактикаҳои нав ва мутобиқшавӣ камтар омодагӣ доштанд.

Барои нигоҳдории артиши доимӣ ва татбиқи ислоҳот захираҳои молиявӣ ва инсонӣ лозим буданд. Аммо, аморати Бухоро аз ҷиҳати иқтисодӣ заиф буд, ва ин ба сифати сохторҳои ҳарбӣ таъсири манфӣ мерасонид. Илова бар ин, муносибатҳои қабилавӣ ва ихтилофоти дохилӣ пешрафти ислоҳотро маҳдуд мекарданд.

Ислоҳоти амир Насруллоҳ ва кӯшишҳои дигар роҳбарони аморат дар самти беҳтар кардани сохторҳои ҳарбӣ як саъйи муҳим барои нигоҳ доштани истиқлолияти аморат дар шароити фишорҳои берунӣ буд. Аммо, вобастагӣ ба анъанаҳои қабилавӣ, камбуди захираҳо, ва набудани имконоти техникию иқтисодӣ боиси муваффақияти маҳдуди ин кӯшишҳо гардид. Дар ниҳоят,

аморати Бухоро натавонист дар баробари фишори Империяи Русия муддати дароз муқовимат кунад, ки ин боиси таъсири бузурги геополитикӣ дар минтақа гардид.

Миёнаҳои асри XIX давраи афзоиши ғаразҳои геополитикии Россияи подшоҳӣ дар Осиёи Марказӣ буд. Ин боиси як қатор низоъҳои ҳарбӣ, аннексия ва тағйирот дар сохтори мудофиавии давлатҳои Осиёи Марказӣ гардид. Қушунҳои ин хонигариҳо дар маркази воқеаҳои ин ҷангҳо (низоъҳо) қарор гирифтанд.

Раванди мусбати наздикшавии Русияи подшоҳӣ бо аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Миёна аз солҳои 20-уми асри XIX оғоз мегардад. Аз ҳамин давр сар карда, таваҷҷуҳи ҳукуматдорони рус ба минтақаи Осиёи Миёна боло меравад. Худи сарварони давлатҳои Осиёи Миёна низ то андозае аз наздикшавӣ ба Русия манфиатдор буданд. Сабабҳои барқарор намудани робитаҳои хонигариҳои Осиёи Миёна бо Русия, пеш аз ҳама, ба зиддияти байниҳамдигарии хонигариҳо, рақобати Англияву Русияи подшоҳӣ вобастагӣ дошт. Давлатҳо аз таҷовузи Британияи Кабир ба ҳарос афтода, кӯшиш менамуданд, ки бо Русия иттифоқ банданд [3-М].

Сарварони хонигариҳои Осиёи Миёна дар ин давра, ҳар ду, манфиатҳо ва мақсадҳои хешро барои барқарор кардани робитаҳо ба Русия доштанд. Сабабҳои ин манфиатдорӣ гуногун буданд:

Зиддият байни хонигариҳои Осиёи Миёна: Ҳар як хонигарӣ бо хонигарии дигар рақобат дошт ва муносибатҳо байни онҳо аксар вақт хатарнок ва душвор буданд. Рақобат барои манобеъ, истиқлолият ва ҳудудҳо сабаб шуда буд, ки хонигарҳо ба тасмим гирифтанд, ки бо як давлати мустаҳкамтар ва қавитар аз Русияи подшоҳӣ иттифоқ банданд. Ин иттифоқҳо имкон медоданд, ки хонигарӣ аз хатарҳои дохилӣ ва берунӣ муҳофизат шавад.

Зарарҳои рақобат бо Британияи Кабир: Британияи Кабир дар замони асри XIX дар минтақаи Осиёи Миёна, хосса дар Афғонистон ва Ҳиндустон, мавқеи қавие дошт. Ин рақобат бо Русия, ки дар самти шарқӣ ва ҷануби шарқӣ амалиёт мекард, ба ҳар ду ҷониб кӯшишҳои ҳамкориро афзоиш медод. Русия, ки

интизор дошт, ки Британияи Кабир метавонад ба минтақа ҳамла кунад, хонигариҳоро бо хатарҳои муосир, ки таҳдид ба мавқеи стратегӣ дошт, рӯбарӯ мешуд, ва ин онҳоро маҷбур мекард, ки бо Русия иттифоқ банданд.

Русия, аз асри XIX ба минтақаи Осиёи Миёна таваҷҷӯҳ зоҳир кард. Он дар манофеи иқтисодии ва стратегӣ манфиатдор буд:

Истифодаи захираҳои табиӣ ва иқтисодӣ: Осиёи Миёна барои Русия як манбаи муҳим барои ашёҳои хом, ки дар саноат истифода мешуд, ҳисоб мешуд. Хусусан, заминҳои хурд, пашм, орд ва маҳсулоти боғдорӣ, ки дар минтақа вуҷуд доштанд, барои Русия манфиатовар буданд.

Русия мехост, ки дар муқобили Британияи Кабир, ки дар Ҳиндустон мавқеи муҳими стратегиро дошт, шомил шавад. Ин шомил шудан на танҳо барои амнияти Русия, балки барои тасаввури он ки Русия метавонад минтақаро барои дастрасӣ ба манобеъи озод ва интиқолоти тавассути роҳи алавозӣ (кӯҳистонҳои Осиёи Миёна) дар назар дошта бошад, хеле муҳим буд.

Робитаҳои байни хонигариҳои Осиёи Миёна ва Русия дар давраи муосир дар натиҷаи муҳорибаҳои дипломатӣ, амалиётҳои ҳарбӣ, ва тағироти сиёсӣ таҳаввул ёфт. Ба замми ҳамкориҳо, хонигариҳои Осиёи Миёна ба Русия бо эҳсоси харос ва эҳтиёт амал мекарданд.

Дар натиҷаи амалкарди Русия, баъзе хонигариҳо, хусусан аморати Бухоро, як навъ сустшавии иттифоқи сиёсӣ бо Русияро оғоз карданд. Аммо, дар баъзе ҳолатҳо, робитаҳои кӯтоҳмуддат ва дарк кардани фоидаи сохтори сиёсӣ ба онҷо мерасид, ки хонигариҳо бояд бо Русия ҳамкорӣ кунанд, то аз таҳдидҳо нигоҳ дошта шаванд.

Раванди наздикшавии Русияи подшоҳӣ ва хонигариҳои Осиёи Миёна дар асри XIX ҳамчун як ҳодисаи муҳими таърихӣ бо сабабҳои гуногун рӯй дод. Дар як сӯ, Русия мехост мавқеи стратегии худро мустаҳкам созад ва дар муқобила бо Британияи Кабир як иттифоқи қавӣ ташкил кунад, дар сурате ки хонигариҳои Осиёи Миёна ба манфиатҳои иқтисодӣ ва амниятӣ пайваст мешуданд.

Русияи подшоҳӣ аз солҳои 20-уми асри XIX сар карда, баҳри омӯзиши вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, имкониятҳои истеҳсоли ашёи хом намояндагони тиҷоративу саноатӣ, доираҳои илмии худро ба Осиёи Миёна сафарбар менамуданд. Аз ин лиҳоз, дар нимаи аввали асри XIX ба ҳудудҳои хонигариҳои Осиёи Миёна дар самтҳои гуногун экспедитсияҳои илмӣ ташкил мекунад, ки дар доираи онҳо ба кишварамон намояндагони Ҳукумати Русия, сайёҳон, ҷосусон ва дигарон ташриф меоваранд. Фаъолияти онҳо ҳам аз ҷониби муҳаққиқони давр ва ҳам дар адабиёти минбаъда инъикос гаштаанд [4-М].

Империяи Русия дар аҳди амир Насруллоҳ ба аморати Бухоро вакилони худро аз қабили П. Демезон (1833-1834), П. Савелев (1835), И. Виткевич (1835-1836), К. Бутенев ва Н. Хаников (1841-1842) ва дигаронро фиристода, кӯшиш мекунад, ки ҳамкории сиёсиву тиҷоратиро бо аморати Бухоро мунтаззам ба роҳ монад.

Раванди таҳқиқи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва имкониятҳои истеҳсоли ашёи хом дар Осиёи Миёна аз ҷониби Русияи подшоҳӣ дар асри XIX ҳамчун як қисми сиёсати минтақавии он барои расидан ба мақсадҳои иқтисодӣ ва стратегӣ аҳамияти хеле зиёд дошт. Ҳукумати Русия дар ҳамин давра кӯшиш мекард, ки манобеи табиӣ, сарзаминҳои стратегӣ ва имкониятҳои тиҷоратии Осиёи Миёнаро омӯзад ва истифода барад.

Империяи Русия дар он давра барои таҳкими мавқеи худ дар Осиёи Миёна ва ба даст овардани манобеи иқтисодии бо арзиш, кӯшиш мекард. Бо вуҷуди ин, омили муҳими дигар дар ташкили экспедитсияҳои илмӣ ва сафарҳои намояндагони Русия ба минтақаи Осиёи Миёна ба таҳқиқи имкониятҳои стратегӣ ва таърихии он мансуб аст. Ба ҳамин тариқ, Русия мекӯшид, ки таъсироти сиёсӣ ва иқтисодӣ дар минтақаи Осиёи Миёна, ки минтақаи муҳими ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ буд, тақвият ёбад.

Русия барои таҳқиқи вазъи сиёсию иҷтимоии хонигариҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро, фаъолиятҳои якчанд экспедитсияҳои илмиро ба роҳ монд. Ин экспедитсияҳо, ки қисми муҳими сиёсати Русия барои афзоиши

дониши стратегӣ ва ташкили робитаҳои сиёсиву тиҷоратӣ буданд, як қатор ҳадафҳои гуногун доштанд:

Осиёи Миёна дорои захираҳои табиӣ, аз ҷумла пашм, пахта, намак, маводи хӯрокӣ ва металҳои гуногун буд, ки Русия мехост онҳо барои рушди иқтисодиёти худ истифода барад.

Вазъи идоракунии хонигариҳо, вазъи сиёсӣ ва равандҳои иҷтимоӣ дар минтақа барои Русия муҳим буданд, зеро онҳо барои барқарор кардани робитаҳои дуҷониба бо хонигариҳо ва ҳифзи манофеи хеш аҳамият доштанд.

Дар аҳди амир Насруллоҳ, Русия барои таҳқиқи вазъият ва барқарор кардани робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ бо аморати Бухоро ва хонигариҳои дигар намояндагони худро ба минтақа фиристод. Намояндагони расмии Русия, ки ба аморати Бухоро фиристода мешуданд, бояд корҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ ва илмиро амалӣ мекарданд. Масалан: дар адабиёти таърихии ҳамон давра ва инчунин дар манобеи илмии минбаъда, фаъолияти экспедитсияҳои рус ва намояндагони онҳоро ба Осиёи Миёна ба таври васеъ инъикос гардидааст. Муҳаққиқон ва муаллифон бо таҳлил ва баҳо додан ба натиҷаҳои фаъолиятҳои онҳо дар робита бо аморати Бухоро ва дигар хонигариҳо, кӯшиш карданд, ки барои фаҳмидани муносибатҳои байни Русия ва Осиёи Миёна маълумоти илмӣ пайдо кунанд. Муҳимтарин ҷузъи таҳқиқот дар ин робита шомил будани ҷосусон ва даҳҳо шеваи ахбори нодир ва муассир, ки тавассути мансабдорони Русия дар Осиёи Миёна ба даст меомад.

Фаъолияти хонигариҳо ва намояндагони Русия дар Осиёи Миёна, махсусан дар аморати Бухоро, қисми муҳими равандҳои сиёсиву иқтисодӣ дар асри XIX буд. Ташкили экспедитсияҳои илмӣ ва сафарҳои дипломатикии намояндагони Русия бо мақсади таҳқиқи вазъи сиёсию иқтисодӣ ва барқарор кардани робитаҳои мустаҳкам бо аморати Бухоро ва хонигариҳои дигар, ба Русия имкон дод, ки манофеи худро дар Осиёи Миёна нигоҳ дорад ва таҳкими мавқеи стратегиашро таъмин намояд.

Омӯзиши маъхазҳо доир ба муносибатҳои дипломатии Русияи подшоҳӣ бо хонигариҳои Осиёи Миёна, ба вижа бо аморати Бухоро аз он далолат медиҳад,

ки хотираҳо, рӯзномаҳо сафарномаҳои дипломатҳо, сайёҳон, тоҷирон оид ба муносибатҳои Русия ва Осиёи Миёна дар муайян намудани робитаи иқтисодӣ, сиёсиву ҳарбӣ аҳаммияти муҳим доштанд. Робитаҳо бо Русияи подшоҳӣ ва хонигариҳои Осиёи Миёна нишон медиҳанд, ки дар давраи мазкур, аморати Бухоро кӯшиш мекард, то манфиатҳои стратегӣ ва иқтисодии худро бо робитаҳои дипломатӣ самаранок нигоҳ дорад.

Муносибатҳои дипломатӣ дар ҳар як давлатҳои Осиёи Миёна низ бо омилҳои дохилии сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар нимаи аввали асри XIX ба амал омада, ташаккул меёфтанд. Мубориза барои қудрат, ҷанбаҳои динӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ ба муносибатҳои берунии давлатҳо таъсир расониданд. Муносибатҳои дипломатии Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX динамикаи мураккаби байни омилҳои дохилӣ ва беруниро инъикос намуда, империяҳои бузург дар муайян кардани ояндаи минтақа нақши калидӣ доштанд [4-М].

Аморати Бухоро, бо воситаи таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии солҳои 20-50-уми асри XIX, шакли муносибатҳои мураккаби дохилию хориҷиро барои таъмини амнияти иқтисодӣ ва сиёсӣ ба назар гирифтааст. Таҳлили манбаъҳои хаттӣ, асарҳои шарқшиносони рус ва дастовардҳои низомии давра барои фаҳмидани мавқеи аморати Бухоро дар минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат мекунанд.

Таҳлили таърихи сиёсӣ ва низомии аморати Бухоро дар нимаи аввалиасри XIX на танҳо барои дарк кардани ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии он замон мусоидат мекунад, балки инчунин симо ва таъсироти онро ба равандҳои таърихии Осиёи Миёна ва минтақаҳои атроф равшан месозад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Масъалаҳои таҳқиқшуда дар рисолаҳо ва пажӯҳишоти таърихи сиёсии Осиёи Миёна, хусусан дар бораи аморати Бухоро ва хонигариҳои он дар нимаи аввали асри XIX, барои илмҳои таърихи ватанӣ як қатор натиҷаҳои муҳим ба вуҷуд меоранд. Ин натиҷаҳо метавонанд ба рушди фаҳмиши амиқ ва таҳлили

дурусти таърихи давлатҳои Осиёи Миёна, хосса Тоҷикистон, кумак кунанд. Вобаста ба ин, натиҷаҳои илмии масоили мазкур ба илмҳои таърихи ватанӣ метавонанд ба тарзи зерин таъсир гузоранд:

1. Таҳқиқоти сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро ва хонигариҳои Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX барои таърихи Тоҷикистон ва бахусус барои шиносоии таърихи халқи тоҷик дар давраи гузашта аҳамияти бузург доранд. Таҳлили равандҳои сиёсиву иҷтимоии он замон, таъсироти кӯшишҳои сиёсӣ ва стратегиҳои аморати Бухоро ва дигар хонигарии Осиёи Миёна ба таърихи Тоҷикистон, аниқтар, барномарезӣ ва стратегияи давлатсозии тоҷикон дар нимаи аввали асри XIX таъсир гузошта, сабаб ва омилҳои парокандагии минтақавӣ ва таъсири давлатҳои бузургро ба намуди рушди таърихии кишвар нишон медиҳанд.

2. Таҳқиқи муносибатҳои хонигарӣ ва аморати Бухоро бо Русия ва Англия ва дар маҷмӯъ бо давлатҳои хориҷӣ, ки аз сарзамини Тоҷикистон гузаштаанд, кӯмак мерасонад, то мо ба шиносоии таърихи ҳамкориҳои хориҷӣ ва таъсири онҳо ба сиёсати дохилӣ ва рушди кишвар расем. Масалан, таъсири Русияи подшоҳӣ дар аморати Бухоро ва муносибатҳои ин давлатҳо бо якдигар метавонад ҳамчун намунаи муҳим барои таҳқиқи робитаҳои дипломатии Тоҷикистон бо давлатҳои дигар дар дигар даврҳо истифода шавад.

3. Таҳлили таҳаввулоти сиёсӣ дар Осиёи Миёна, хусусан аморати Бухоро, метавонад ҳамчун модел ё намунае барои фаҳмидани таърихи сиёсии Тоҷикистон дар давраҳои гуногун истифода шавад. Қисмати муҳим дар таҳаввулоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар аморати Бухоро, ки бо шеваи расмии амир Насруллоҳ сурат гирифт, метавонад ба тадқиқи сиёсати дохилии Тоҷикистон ва муносибатҳо бо дигар хонигарии Осиёи Миёна таъсир гузорад.

4. Маводи ҷамъоваришуда дар мавзӯъҳои таърихи аморати Бухоро ва хонигариҳои Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX, ки на танҳо ба таҳқиқи сиёсиву ҳарбӣ балки ба таҳаввулоти иҷтимоиву иқтисодӣ низ дахл доранд, метавонанд ҳамчун манбаи таълимии муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла дар курсҳои таърихи Тоҷикистон истифода шаванд. Курсҳои махсус оид ба таърихи

халқи тоҷик ва таърихи Осиёи Миёна метавонанд ин натиҷаҳо ва таҳқиқотро дар бар гиранд ва барои донишҷӯён имконият фароҳам оранд, то таърихи ватаниро амиқтар фаҳманд.

5. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд асоси густариши пажӯҳишҳои таърихи ватанӣ бошанд. Агар натиҷаҳои як рисола ё пажӯҳиш дар мавзӯҳои таърихи сиёсии Осиёи Миёна ва таъсири ин ҷунбишҳо ба таърихи ватанӣ дуруст ва амиқ таҳлил шаванд, онҳо метавонанд ба як ҷузъи асосии пажӯҳишҳои таърихи Тоҷикистон табдил ёбанд. Ин натиҷаҳо метавонад кӯмак кунад, ки таҳқиқот дар таърихи сиёсиву ҳарбӣ, инчунин таҳаввулоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Тоҷикистон дар гузашта бо назар ба давраи имрӯза ва оянда, рушд ёбад.

Масъалаҳое, ки дар рисола ва таҳқиқот оид ба таърихи аморати Бухоро ва хонигариҳои Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX таҳқиқ мешаванд, метавонанд натиҷаҳои муҳим барои таърихи ватанӣ дошта бошанд. Ин натиҷаҳо на танҳо фаҳмиши амиқ аз таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳарбии Тоҷикистонро фароҳам меоранд, балки барои рушди таълим ва пажӯҳишҳои таърихи ватанӣ ва илмҳои таърихии Тоҷикистон кӯмак мерасонанд.

Натиҷаҳои бадастомада аз баҳсҳои ҷудогонаи рисола ва равишҳои ба кор гирифтаи муаллифро дар раванди пажуҳишот ва масоили марбут ба таърихи сиёсиву ҳарбии хонигариҳои Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX метавон истифода кард.

Маводи ҷамъовардашуда дар рисола ва натиҷаҳои таҳқикро метавон ҳангоми навиштани мақола, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои таърихии сиёсии аморати Бухоро, хонигариҳои Қӯқанд ва Хева, иншои китобҳо дар бораи таърихи Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX, таълиф ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи халқи тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ мавриди истифода қарор дод.

# РӮЙХАТИ МАЪХАЗҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## 1. Рӯйхати маъхазҳо ва асарҳо

### Маводҳои бойгонӣ:


1. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд БМД ҶӮзб). –Захира. И-125. –Рӯйхат. 2. –Парванда. 560. -Варақ. 64 об.

